**Ҷумҳурии Тоҷикистон**

# СТРАТЕГИЯИ МИЛЛИИ ФАРОГИРИИ МОЛИЯВИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН БАРОИ СОЛҲОИ 2022-2026

**Душанбе-2022**

**Бо қарори Ҳукумати**
**Ҷумҳурии Тоҷикистон**
**аз 1 июли соли 2022, №314**
**тасдиқ шудааст**

# Стратегияи миллии фарогирии молиявии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2022-2026

## 1. МУҚАРРАРОТИ УМУМӢ

1. Дар ҷаҳони муосир фарогирии молиявӣ воситаи самараноки беҳтар намудани дастрасӣ ва истифодаи хизматрасониҳои босифати молиявӣ мебошад, ки дар таъмини рушди устувори бахши молиявӣ, бахши хусусӣ, беҳтар намудани фазои соҳибкорӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ, рушди сармояи инсонӣ ва дар ин замина баланд бардоштани сатҳи некуаҳволӣ дар кишвар нақши муҳим дорад.

2. Фарогирии молиявии расмӣ (минбаъд – фарогирии молиявӣ) дастрасии саривақтии доираи васеи аҳолӣ ва бо арзиши муносиб истифодаи як қатор хизматрасониҳои расмии молиявии босифат, ба монанди пасандоз, қарз, пардохт, интиқоли маблағҳо, суғурта ва сармоягузориро таъмин намуда, ба рушди иҷтимоию иқтисодӣ, ҳалли вазифаҳои диверсификатсиякунонии иқтисодиёт, баланд бардоштани самаранокии сиёсати пулию қарзӣ ва андозу буҷет, ташкили ҷойҳои нави корӣ ва суботи молиявӣ мусоидат менамояд.

3. Мувофиқи ҳисоботи Бонки Ҷаҳонӣ (ҳисобот оид ба фарогирии молиявӣ, соли 2015) фарогирии молиявӣ бо се нишондиҳандаи асосӣ арзёбӣ ё андозагирӣ карда мешавад, аз ҷумла дастрасӣ ба хизматрасониҳои молиявӣ, истифодаи хизматрасониҳои молиявӣ ва сифатнокии маҳсулоти молиявӣ ва пешниҳоди хизматрасонӣ.

4. Ченаки дастрасӣ ба хизматрасониҳои молиявӣ тамоми нуқтаҳои физикии хизматрасониҳои бонкӣ, таҷҳизоти пардохтӣ ва мобилиро дар назар дорад, ки яке аз ҷанбаҳои муҳим ва асосии фарогирии молиявӣ ба ҳисоб меравад. Ченаки истифодаи хизматрасониҳои молиявӣ бошад, муайян менамояд, ки муштариён чӣ гуна хизматрасониҳои молиявиро истифода мебаранд, ба монанди мунтазамӣ ва саривақтии маҳсулот ё хизматрасониҳои молиявӣ (бақияи миёнавазни пасандозҳо, қарзҳо, миқдори амалиётҳо ба ҳар як суратҳисоб, шумораи пардохтҳои электронии анҷомдодашуда, воситаҳои электронии пардохтӣ ва ғайра). Ченаки сифати маҳсулоти молиявӣ ва пешниҳоди хизматрасонӣ ҳамин аст, ки оё маҳсулот ва хизматрасониҳои молиявӣ ба ниёз ё эҳтиёҷи муштарӣ мувофиқат мекунад (ё талаботи муштариро қонеъ мегардонад), номгӯйи вариантҳое, ки (доираи имконот) барои муштарӣ дастрас аст, инчунин, сатҳи огаҳӣ ва фаҳмиши муштарӣ оид ба маҳсулоти молиявӣ кофӣ аст. Ченаки мазкур ҷанбаҳои саводнокии молиявии мардум, ҳимояи

ҳуқуқҳои истеъмолкунандагони хизматрасониҳои молиявӣ ва хароҷоти истифодаи маҳсулоти бонкиро низ дар бар мегирад.

5. Фарогирии молиявӣ тавассути амалиётҳои расмӣ ва ғайрирасмӣ ташаккул ёфта метавонад. Фарогирии молиявии расмӣ ба воситаи ташкилотҳои қарзии молиявӣ, инчунин ташкилотҳои суғуртавӣ, ширкатҳои мобилӣ, ширкатҳои лизингӣ, биржаҳои коғазҳои қиматнок, ломбардҳо амалӣ мегардад. Фарогирии молиявии ғайрирасмӣ бошад, ҳамаи намудҳои амалиётҳои молиявии берун аз фарогирии молиявии расмӣ, аз қабили ҷамъияти қарзӣ, оила, амонатнигоҳдорӣ дар хона ва монанди инҳоро дар бар мегирад.

6. Стратегияи миллии фарогирии молиявии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2022-2026 (минбаъд – СМФМ) дар асоси меъёр ва принсипҳои қонунгузорӣ, стандартҳои байналмилалӣ, таҳлили вазъи фарогирии молиявӣ ва дурнамои рушди минбаъдаи он бо роҳбарии Бонки миллии Тоҷикистон (минбаъд – БМТ), дастгирии техникии Корпоратсияи Байналмилалии Молиявӣ (минбаъд – КБМ), Котиботи давлатӣ оид ба масъалаҳои иқтисодии Швейтсария (минбаъд – КДИШ) таҳия карда шудааст.

7. СМФМ чор самти асосиро дар бар мегирад:

- шабакаҳои таҳвил ва хизматрасониҳои молиявии рақамӣ;
- гуногуншаклии маҳсулоти молиявӣ;
- ҳимояи ҳуқуқҳои истеъмолкунандагони хизматрасониҳои молиявӣ;
- саводнокии молиявӣ.

Дар ҷараёни таҳияи СМФМ бахши махсуси маҷмуӣ оид ба васеъ намудани доираи ҳуқуқу имкониятҳои занҳо ва ҷавонон дар таъмини иҷрои мақсадноки чорабиниҳои СМФМ муайян карда шуд.

## МАҚСАД ВА ВАЗИФАҲОИ СМФМ

### §1. Биниши СМФМ

8. Биниши фарогирии молиявӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар асоси таҳлили вазъи ҷорӣ, ба мувофиқа омадани тарафҳои манфиатдор ва бо дарназардошти хусусиятҳои хоси кишвар муайян карда шудааст. Низоми молиявӣ, ки дар он ҳар шахси калонсол ва шахси ҳуқуқӣ дастрасӣ, дониш ва қобилияти истифодаи доираи васеи хизматрасониҳои баландсифати молиявӣ (аз ҷумла, пасандоз, пардохт, интиқоли маблағ, қарзгирӣ, суғурта ва сармоягузорӣ)-ро доро буда, ба талаботи онҳо бояд ҷавобгӯй бошанд ва ҳимояи ҳуқуқҳои истеъмолкунандагони хизматрасониҳои молиявиро низ таъмин намоянд.

9. Барои ноил шудан ба биниши СМФМ мақсадҳои зерин муайян шудааст:

1) вобаста ба дастрасӣ ба хизматрасониҳои молиявӣ:

- мавҷуд будани миқдори зиёди ташкилотҳои қарзии молиявии устувор, боэътимод ва ваколатдор, ки аз шабакаҳои технологияҳои инноватсионии таҳвил истифода мебаранд;

- интерфейси самараноки маҳсулоти бонкӣ ва ғайрибонкӣ, инчунин шабакаи таҳвил;

- истифодаи технологияи молиявии рақамӣ ва навовариҳои дигар барои фарогирии шахсони фароногирифтаи хизматрасониҳои молиявӣ, бахусус занҳо ва ҷавонон дар деҳот;

- таъмини рушди хизматрасониҳои фосилавии молиявӣ, маҳсулот ва хизматрасониҳое, ки дар баробари ҷавобгӯ будан ба бозор пешравии бахшро низ вусъат медиҳад ва мафкураи муштариёнро иваз карда метавонад;

2) вобаста ба истифодаи хизматрасониҳои молиявӣ:

- мавҷудияти доираи васеи маҳсулот ва хизматрасониҳои молиявии муносиб ва содаи таҳияшудаи махсус, ки ба сегментҳои гуногуни бозор хизмат мерасонанд;

- таъмини истифодаи самаранок ва фаъолонаи хизматрасониҳои молиявӣ аз ҷониби муштариён, бахусус ҷавонон, занҳо, соҳибкории хурд ва миёна (минбаъд – СХМ);

- роҳандозӣ ва амалисозии чораҳои ҳавасмандгардонии истифодаи хизматрасониҳои молиявӣ.

3) вобаста ба сифатнокии маҳсулоти молиявӣ ва пешниҳоди хизматрасонӣ:

- кафолати муҳиммият, фаврият ва сифатнокии маҳсулот ва хизматрасониҳои молиявӣ (яъне маҳсулот ва хизматрасониҳои молиявии ба таври муносиб тарҳрезигардидаю нархгузоришуда ва ба талаботи бозор мутобиқгардида);

- таъмини низоми ҳимояи ҳуқуқҳои истеъмолкунандагони хизматрасониҳои молиявии ҳамаҷониба ва устувор;

- шаҳрвандони омӯзонидашуда ва ба таври кофӣ ҳимояшуда, ки барои қабули қарорҳои иттилоотноки молиявӣ эътимоди кофӣ доранд.

10. Вазифаҳои асосӣ барои амалисозии мақсадҳои ишорашуда инҳоянд:

1) вобаста ба дастрасӣ ба хизматрасониҳои молиявӣ:

- зиёд кардани шумораи ташкилотҳои қарзии молиявӣ ва воҳидҳои сохтории онҳо аз 32,1 ба 33,7 адад ба 100 000 нафар аҳолии калонсол (аҳолии қобили меҳнат ва синни аз қобили меҳнат калонтар);

- зиёд кардани миқдори банкоматҳо барои 100000 нафар аҳолии калонсол, ҳадди ақал ба андозаи 5,9 адад (аз 20,5 адади соли 2020 то 26,4 адад);

- зиёд кардани миқдори терминалҳо дар нуқтаҳои савдо ва хизматрасониҳо (минбаъд – НСХ) аз 61,0 адад ба 100 000 нафар аҳолии калонсол то 87,7 адад ва QR-рамзҳо аз 84,3 адад ба 100 000 нафар аҳолии калонсол то 96,9 адад;

2) вобаста ба истифодаи хизматрасониҳои молиявӣ:

- расонидани нишондиҳандаи доштани суратҳисоб дар ташкилотҳои қарзии молиявӣ то ба 95 фоизи аҳолии калонсол;
- зиёд намудани ҳаҷми амалиётҳои ғайринақдии пардохти молу хизматрасонӣ тавассути ҳамёнҳои электронӣ ба андозаи 2,4 маротиба;
- таъмини истифодаи самараноки хизматрасониҳои пардохти рақамӣ ҳадди ақал то 60 фоизи аҳолии калонсол;
- ҳадди ақал ба андозаи 50 фоиз зиёд кардани истифодаи хизматрасониҳои молиявӣ (пасандозҳо, қарзҳо, суғурта);
- ба роҳ мондани истифодаи фосилавии хизматрасониҳои гуногуни молиявӣ;

3) вобаста ба сифатнокии маҳсулоти молиявӣ ва пешниҳоди хизматрасонӣ:

- таҳияи варақаҳои стандартии ифшои маълумот ҳадди ақал ба 5 намуди маҳсулоти молиявӣ, ки барои муқоиса тавассути воситаҳои маъмули баҳодиҳӣ ва интерфейси воситаҳои барномавии кушода (Application programming interface – API) дастрас мебошанд;
- таъмини мавҷудияти тартиби дохилии баррасии шикоятҳо барои таҳвилгарони хизматрасониҳои молиявӣ, ки ба талаботи муқаррарнамудаи БМТ ҷавобгӯй мебошанд;
- ҳадди ақал ба андозаи 10 фоиз баланд бардоштани нишондиҳандаи умумии саводнокии молиявӣ.

11. Вазифаҳои дар боло зикргардида аз рӯйи чор самти асосии зерин муайян карда шудаанд:

- шабакаҳои таҳвил ва хизматрасониҳои молиявии рақамӣ;
- гуногуншаклии маҳсулоти молиявӣ;
- ҳимояи ҳуқуқҳои истеъмолкунандагони хизматрасониҳои молиявӣ;
- саводнокии молиявӣ.

12. Амалӣ намудани мақсад ва вазифаҳои СМФМ ҳамчун бахши махсуси маҷмуи фарогири самтҳои асосӣ оид ба васеъ намудани доираи ҳуқуқу имкониятҳои занҳо ва ҷавонон дар таъмини иҷрои мақсадноки чорабиниҳои СМФМ.

13. Омилҳои зерин барои амалисозии чор самти асосӣ ва бахши махсуси маҷмуии СМФМ инҳоянд:

- муҳити муносиби танзим;
- инфрасохтори молиявӣ ва рақамӣ;
- ҳамкории доираи васеи тарафҳои манфиатдор (замимаи 1).

### §2. Шабакаҳои таҳвил ва хизматрасониҳои молиявии рақамӣ

14. Беҳтар намудани роҳҳои таҳвил, хизматрасониҳои молиявии рақамӣ ва пардохтҳо метавонанд хароҷотро кам ва дастрасиро ба маҳсулоти молиявӣ барои ҳамаи муштариёне, ки ба таври кофӣ бо хизматрасониҳои молиявӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон фаро гирифта

нашудаанд, васеъ гардонанд. Бартараф кардани норасоиҳои меъёрӣ ва инфрасохторӣ, дар баробари рушди техникӣ ва иқтидори кадрии таҳвилгарон метавонад дар вусъатдиҳии фарогирии шабакаҳои дастрасии рақамӣ барои ҳавасмандгардонии истифодаи хизматрасониҳои молиявӣ дар мамлакат кумак расонад.

15. Вазифаҳои асосӣ дар самти шабакаҳои таҳвил ва хизматрасониҳои молиявии рақамӣ инҳоянд:

- дастрасии физикӣ тавассути мусоидат ба рушди шабакаҳои дастрасии хизматрасониҳои молиявии рақамӣ, аз ҷумла бонкинги кушода, ҳавасмандгардонии рушди шабакаҳои рақамӣ, васеъ гардонидани нақши таҳвилгарони хизматрасониҳои ғайрибонкӣ дар пешниҳоди хизматрасониҳои молиявӣ ва таъмини баробари фарогирии минтақавии нуқтаҳои дастрасӣ;
- танзими меъёрию ҳуқуқӣ тавассути тақвияти таҳияи заминаи меъёрию ҳуқуқӣ барои дастгирии устувори рушди молияи рақамӣ ва фарогирии молиявӣ ва минбаъд андешидани тадбирҳои иловагӣ барои ҷорикунии «Реҷаи махсуси танзим»;
- инфрасохтори молиявӣ/ҳамгироии тарафайн тавассути таъмини ҳамкории хизматрасониҳои молиявии рақамӣ ва ба истифода додани низоми пардохтҳои босуръат;
- инфрасохтори интернет ва алоқаи мобилӣ тавассути таъсиси гурӯҳи корӣ аз ҷониби тарафҳои манфиатдор барои муҳокима, таҳия ва қабули маҷмуи чораҳо оид ба ҳалли масъалаҳои марбут ба инфрасохтори алоқа.

16. Дар натиҷаи татбиқи вазифаҳои асосии шабакаҳои таҳвил ва хизматрасониҳои молиявии рақамӣ рушди инфрасохтори молиявии рақамӣ таъмин гардида, миқдори банкоматҳо ҳадди ақал ба 40 фоиз, теъдоди терминалҳо 50 фоиз зиёд мешавад.

## §3. Гуногуншаклии маҳсулоти молиявӣ

17. Маҳсулоти гуногуншакл ва муҳим барои таъмини ҳар чи бештар васеъ истифода бурдани хизматрасониҳои молиявӣ аҳаммияти ҳалкунанда доранд. Масъалаҳои асосии ин самти хизматрасониҳои молиявӣ суратҳисобҳо, пасандозҳо, қарзҳо, маблағгузории исломӣ ва суғурта, инчунин хизматрасониҳои молиявии инноватсионӣ, ки талаботи корхонаҳои хурду миёна ва аҳолии кишварро қонеъ мегардонанд, мебошанд.

18. Вазифаҳои асосӣ дар самти масъалаҳои гуногуншаклии маҳсулоти молиявӣ инҳоянд:

- омӯзиши ташкили низоми баҳисобгирии миқдори истифодабарандагони нодири хизматрасониҳои молиявии асосӣ;
- таҳия, ҳамоҳангсозӣ ва пешбурди санадҳои қонунгузории зарурӣ оид ба маҳсулот ва хизматрасониҳои молиявӣ, бештар намудани ҳавасмандгардонӣ, ки метавонад барои пайваст намудани интиқоли

маблағҳо ба суратҳисобҳо ва хизматрасониҳои дигари молиявӣ (ба монанди пасандозҳо ва қарзҳо) мусоидат намояд;

- ташкили корҳои ҳавасмандгардонӣ барои рақамикунонии хизматрасониҳои молиявӣ, омӯзиши норасоиҳо дар истифодаи маҳсулоти молиявӣ ва равона намудани диққат ба фарогирии гурӯҳҳое, ки сатҳи нокифояи хизматрасонӣ доранд ва ташаккули иқтидори таҳвилгарони хизматрасониҳои молиявӣ (минбаъд – ТХМ) дар пешниҳоди хизматрасониҳои гуногуни молиявӣ;
- таҳия ва мутобиқ намудани санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ дар соҳаи суғурта, таҳкими иқтидори ташкилотҳои суғуртавӣ, васеъ кардани доираи хизматрасониҳои суғуртавӣ, аз ҷумла маҳсулоти суғуртавӣ дар асоси принсипҳои суғуртаи исломӣ (такофул), таҳияи нақшаи таҳқиқот ва гузаронидани таҳқиқоти махсус оид ба масъалаҳои суғурта;
- маблағгузории корхонаҳои хурду миёна тавассути таъмини заминаи ҳуқуқии кофӣ барои як қатор маҳсулоти молиявӣ;
- истифодаи механизмҳои мавҷуда барои беҳтар намудани дастрасии корхонаҳои хурд ва миёна ба маблағгузорӣ (ба монанди бюрои қарзӣ, низоми аҳдҳои бо гарав таъминшуда, қарздиҳӣ дар асоси ҳаракати воситаҳои пулӣ ва ғайра);
- омӯзиши механизмҳои иловагӣ барои беҳтар намудани дастрасии корхонаҳои хурд ва миёна ба маблағгузорӣ (фондҳои кафолатӣ, барномаҳои дастгирии давлатӣ ва ғайра);
- таъмини заминаи меъёрии ҳуқуқии муносиб барои рушди принсипҳои маблағгузории исломӣ, бунёди иқтидор барои пешниҳоди маҳсулоти исломӣ, омӯхтани иқтидори бозор барои ҷорӣ намудани маҳсулоти маблағгузории исломӣ.

19. Дар натиҷаи татбиқи вазифаҳои асосии гуногуншаклии маҳсулоти молиявӣ шумораи дорандагони суратҳисобҳо дар ташкилотҳои қарзии молиявӣ то 95 фоизи аҳолии калонсол, истифодаи ҳамёнҳои электронӣ 2,4 маротиба, истифодаи умумии хизматрасониҳои молиявии расмӣ (пасандоз, қарз, маблағгузории исломӣ ва суғурта) ҳадди ақал 50 фоиз афзоиш ёфта, на камтар аз 60 фоизи аҳолии калонсол аз пардохтҳои электронӣ истифода менамоянд.

## §4. Ҳимояи ҳуқуқҳои истеъмолкунандагони хизматрасониҳои молиявӣ

20. Низоми ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагони хизматрасониҳои молиявӣ асоси таъмини боварию эътимоди баланд ба низоми молиявии Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад. Дар навбати худ, ин бояд ба истифодаи васеи хизматрасониҳои молиявии расмӣ мусоидат намояд. Дар кишвар корҳои зиёде дар самти ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагони хизматрасониҳои молиявӣ амалӣ гардида истодаанд.

21. Вазифаҳои асосӣ дар самти ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагони хизматрасониҳои молиявӣ инҳоянд:

- таҳияи маҷмуи заминаҳои меъёрии ҳуқуқӣ барои ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагони хизматрасониҳои молиявӣ дар асоси фаъолият ва хавфҳо;
- якҷо кардани талабот ба ҳисобот оид ба ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагони хизматрасониҳои молиявӣ дар ҳисоботи умумии ТХМ ба мақоми назоратӣ;
- таҳияи воситаҳои зарурӣ барои таъмини низоми эътимодноки назорат аз болои рафтор дар бозор;
- таъмини реҷаи муқоисавии танзим, ки ба маҳсулот барои навъҳои гуногуни ТХМ асоснок шудааст;
- ҷорӣ кардани талаботи иловагии умумии муқоисашаванда оид ба шаффофият барои ТХМ;
- иловатан ҷорӣ намудани талаботи умумии меъёрӣ дар муносибати одилона, баробар ва пешбурди касбии фаъолият барои ТХМ;
- таҳия ва ҷорӣ кардани талабот, тавсияҳои мушаххас нисбат ба маҳсулоти мубрам барои ТХМ;
- таҳия ва ҷорӣ кардани стандартҳо, роҳнамо барои беҳтар намудани раванди баррасии талабот оид ба пардохти ҷубронпулиҳои суғурта;
- таҳияи Кодекси одоби касбӣ дар самти ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагони хизматрасониҳои молиявӣ;
- тақвияти низоми баррасии шикоятҳо дар БМТ;
- ҷорӣ кардани талаботи иловагии ҳадди ақал барои баррасии шикоятҳо аз ҷониби ТХМ, аз ҷумла оид ба мавҷудияти сохтор барои баррасии шикоятҳо ва ҳалли баҳсҳо;
- муқаррар кардани талабот ба ҳисобот оид ба баррасии шикоятҳо барои ТХМ;
- омӯзиши имконияти таъсис додани ниҳоди омбудсмени молиявӣ дар давраи дарозмуҳлат.

22. Дар натиҷаи амалисозии вазифаҳои асосии ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагони хизматрасониҳои молиявӣ ҳадди ақал 5 намуди маҳсулоти молиявӣ дорои шаклҳои стандартии ифшои маълумот мегарданд, инчунин имконияти қиёс намудани онҳо бо истифода аз воситаҳои маъмули муқоиса фароҳам оварда мешаванд. Ҳадди ақал 75 фоизи ТХМ дорои тартиби баррасии шикоятҳо мегарданд, ки ба талаботи муқарраргардидаи БМТ ҷавобгӯй мебошанд. Дар ин ҳол ТХМ бояд қобилияти баррасии на камтар аз 50 фоизи ҳама шикоятҳои истеъмолкунандагони хизматрасониҳои молиявиро доро гарданд. БМТ риояи талабот нисбат ба ифшои маълумот, сиёсат, тартиботи дохилӣ ва шартномаҳо оид ба пешниҳоди хизматрасониҳои молиявии ҳамаи ТХМ-ро назорат менамояд.

## §5. Саводнокии молиявӣ

23. Сарфи назар аз андешидани тадбирҳо дар давоми чанд соли охир, истифодаи хизматрасониҳои молиявӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар умум бо сабаби сатҳи пасти саводнокии молиявӣ маҳдуд мебошад. Ҳалли масъалаи саводнокии молиявӣ, инчунин аз нигоҳи ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагони хизматрасониҳои молиявӣ ва ташаккули эътимод ба низоми молиявӣ аҳаммияти калон дорад.

24. Вазифаҳои асосӣ дар самти саводнокии молиявӣ инҳоянд:

- ба роҳ мондани ҳамоҳангсозӣ байни бахши молиявӣ ва мақомоти давлатӣ, инчунин байни таҳвилгарони давлатӣ ва хусусии таълими молиявӣ;
- омӯзиши эҳтиёҷоти қишрҳои аҳолӣ ба саводнокии молиявӣ, инчунин таъсири хусусиятҳои фарҳангӣ, тафаккур (менталитет) ва муайян кардани қишрҳои (сегментҳои) афзалиятнок;
- таҳияи Стратегияи маърифати молиявӣ ва барномаҳои инфиродӣ барои фарогирии сегментҳои мақсаднок (ба монанди занҳо, ҷавонон, табақаҳои камбизоати аҳолӣ, муҳоҷирон, СХМ ва ғайра) ва ҷорӣ намудани фанни саводнокии молиявӣ дар муассисаҳои таҳсилоти умумӣ.

25. Дар натиҷаи татбиқи вазифаҳои асосии саводнокии молиявӣ, нишондиҳандаи умумии саводнокии молиявӣ ҳадди ақал ба андозаи 10 фоиз зиёд мегардад. Барномаҳои саводнокии молиявӣ ҳадди ақал 500000 нафар аҳолӣ, аз ҷумла 150000 нафар хонандаро фаро мегиранд. Ҳама чорабиниҳо дар самти омӯзиши молиявӣ барои доираи васеи тарафҳои манфиатдор мувофиқа ва ҳамоҳанг карда мешаванд.

## §6. Муҳити муносиби танзим

26. Муҳити муносиби танзим дар вусъатдиҳии фарогирии молиявӣ нақши ҳалкунанда мебозад. Таҳқиқот нишон медиҳад, ки байни сифати заминаи меъёрии ҳуқуқӣ ва сатҳи фарогирии молиявӣ алоқамандии мустақим вуҷуд дорад. Маҳз барои ҳамин, муҳити муносиби танзим, ки фазои мусоиди меъёрии ҳуқуқиро дар назар дорад, воситаи ноилшавӣ ба пешравӣ дар ҳамаи чор самти асосии СМФМ мебошад. Муҳити муносиби танзим барои дастгирии инноватсия дар соҳаи молияи рақамӣ, инчунин барои таҳияи маҳсулоти гуногуни молиявӣ зарур аст. Ба ин васила густариши хизматрасониҳои молиявӣ ва шабакаҳои таҳвил бо таҳкими низоми ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагон ва баланд бардоштани саводнокии молиявӣ баробар мегардад.

27. Вазифаҳои асосӣ вобаста ба муҳити муносиби танзим инҳоянд:

- таҳкими заминаи меъёрию ҳуқуқӣ барои дастгирии устувори молияи рақамӣ ва дастрасии молиявӣ;

- тахия, ҳамоҳангсозӣ ва пешбурди санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ оид ба маҳсулот ва хизматрасониҳои молиявӣ барои бартараф кардани норасоиҳои ҷойдошта;

- такмили қонуни соҳавӣ дар самти мубодилаи иттилооти қарзӣ;

- таҳияи маҷмуии заминаи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ барои ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагони хизматрасониҳои молиявӣ, ки ба фаъолияти амалӣ ва хавфҳо асоснок карда шудааст;

- таҳияи қоидаҳои зарурӣ дар самти ифшои иттилоот ва шаффофият, муносибати одилона ва пешбурди касбии фаъолият, инчунин ҳалли баҳсҳо;

- таъмини санадҳои меъёрии ҳуқуқии дахлдор барои амалигардонии чорабиниҳо оид ба баланд бардоштани саводнокии молиявӣ.

## §7. Инфрасохтори молиявӣ ва рақамӣ

28. Инфрасохтори молиявии таҳкимгардида (таърихи қарз, низоми аҳдҳои таъминшуда, инфрасохтори пардохтӣ ва ғайра) заминаро барои пешниҳоди самаранок ва муассири хизматрасониҳои молиявӣ аз ҳисоби кам кардани хароҷот ва фарогирии муштариёни минтақаҳои дурдаст таъмин менамояд. Инфрасохтори рақамӣ (интернет, алоқаи мобилӣ, платформа ва маркази коркарди маълумот) пешбурди фарогирии молиявиро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дастгирӣ менамояд.

29. Вазифаҳои асосӣ вобаста ба инфрасохтори молиявӣ ва рақамӣ инҳоянд:

- таъмини мутақобилаи муштараки воситаҳои рақамӣ ва фаъолият дар ҳалли масъалаҳои инфрасохтори технологияҳои коммуникатсионӣ;

- беҳтар кардани мубодилаи иттилоот вобаста ба масъалаҳои қарзӣ, тақвияти низоми аҳдҳои таъминшуда ва омӯхтани имкониятҳои таъсиси фондҳои кафолати қарз;

- истифодаи инфрасохтори молиявӣ ва рақамӣ дар амалигардонии чорабиниҳои ТХМ дар самти ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагони хизматрасониҳои молиявӣ;

- истифодаи фаъоли инфрасохтори молиявӣ ва рақамӣ дар соҳаи саводнокии молиявӣ.

## §8. Ҳамкории васеи тарафҳои манфиатдор

30. Ноилшавии самаранок ба мақсадҳои СМФМ ҳамкорӣ, саҳм ва дастгирии ҳамоҳангшудаи як қатор тарафҳои манфиатдор, аз қабили мақомоти давлатӣ, донорҳо, ҷомеаи шаҳрвандӣ ва дигарон, махсусан бахши хусусиро талаб менамояд.

31. Вазифаҳои асосӣ вобаста ба ҳамкории васеи тарафҳои манфиатдор инҳоянд:

- идомаи ҳамкорӣ бо Гурӯҳи Бонки Ҷаҳонӣ (минбаъд – ГБҶ) дар самти таҳияи асосҳои хизматрасониҳои молиявии рақамӣ (минбаъд –ХМР);

- фаъолияти муштарак бо бахши хусусӣ ҷиҳати пешбурди ХМР;

- таъсиси гурӯҳи корӣ бо иштироки доираи васеи тарафҳои манфиатдор барои муҳокима ва таҳияи маҷмуи чораҳо барои ҳалли масъалаҳои инфрасохтори алоқа ва интернет;

- таҳия ва такмили санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ оид ба хизматрасониҳои молиявӣ дар доираи гурӯҳи кории байниидоравӣ;

- дастгирӣ ва тақвияти мақомоти давлатӣ дар самти рушди корхонаҳои хурду миёна;

- ҷалби донорҳо барои зиёд кардани иқтидори ТХМ, аз ҷумла ташкили академияи бонкӣ;

- идомаи ҳамкорӣ бо ГБҶ дар самти пешбурди Стратегияи БМТ оид ба такмили механизми ҳимояи ҳуқуқҳои истеъмолкунандагони хизматрасониҳои молиявӣ барои солҳои 2022-2025 (минбаъд – Стратегияи ҲҲИХМ);

- таъсиси механизми ҳамоҳангсозӣ барои татбиқи чорабиниҳо дар соҳаи саводнокии молиявӣ;

- ҳамкорӣ бо Созмони Ҳамкорӣ ва Рушди Иқтисодӣ (минбаъд – СҲИР), ГБҶ ва ташкилотҳои дигари байналмилалӣ дар татбиқ намудани Стратегияи миллии маърифати молиявӣ.

## 3. АРЗЁБИИ ВАЗЪИ ҶОРИИ РУШДИ УСТУВОРИ ИҚТИСОДӢ

### §1 Маълумоти умумӣ

32. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аз соли 2000 то ҳол рушди устувори иқтисодӣ ва коҳишёбии сатҳи камбизоатӣ ба назар мерасад. Афзоиши воқеии ММД дар солҳои 2010-2020 ба ҳисоби миёна 7,1 фоизро ташкил дод. Суръати баланди рушди иқтисодиёт ба коҳишёбии назарраси сатҳи камбизоатӣ то 27,5 фоиз мусоидат намуд ва даромади аҳолӣ дар ин давра тақрибан чор маротиба афзоиш ёфт. Тоҷикистон дорои захираҳои азими гидроэнергетикӣ мебошад ва талош дорад тавассути сармоягузории назаррас ба лоиҳаҳои бузурги гидроэнергетикӣ ва таъмини дастрасӣ ба бозорҳои минтақавии энергетикӣ захираҳои мавҷудбударо истифода барад.

33. Рушди иқтисодӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон асосан аз ҳисоби афзоиши нишондиҳандаҳо дар соҳаҳои истеҳсолӣ ва хизматрасонӣ ба даст омадааст, инчунин аз ҳисоби бахши хусусӣ дастгирӣ ёфтааст. Бахши хусусии тараққиёбанда ва рақобатпазир барои рушди минбаъдаи иқтисодӣ замина мебошад. Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон саҳми бахши хусусиро ба сифати неруи пешбаранда барои таъмини рушди устувори иқтисодӣ дар Стратегияи миллии рушд барои давраи то соли 2030 баррасӣ намуда, онро ҳамчун воситаи

асосии таъмини расидан ба ҳадафҳои миллӣ ва дар ин замина фароҳам овардани шароит барои зиндагии шоистаи мардум арзёбӣ менамояд.

34. Дар ҷараёни хусусигардонии амволи давлатӣ ва татбиқи лоиҳаҳои ҷудогона оид ба таҷдиди сохтори субъектҳои монополияи табиӣ ва корхонаҳои азими давлатӣ то 90 фоизи дороиҳои давлатӣ ба бахши хусусӣ дода шудааст. Дар натиҷаи дастгирии пайдарпайи давлат, айни замон бахши хусусӣ рушди босубот ёфта, ҳиссаи он дар ММД беш аз 70 фоиз ва саҳми он дар таъмини шуғли аҳолӣ 68 фоизро ташкил медиҳад.

35. Дар давоми соли 2020 паҳншавии COVID-19 хавф ва номуайяниро дар нақшаи барқароркунии иқтисоди ҷаҳонӣ ба бор овард, ки ба маҷмуи омилҳо, аз қабили тағйирёбии минбаъдаи вазъ вобаста ба пандемия, самаранокӣ ва саривақтии чораҳои зиддибуҳронӣ, ноустувории нархҳо дар бозорҳои ҷаҳонӣ, инчунин барқароршавии савдои фаромарзӣ ва ҳамлу нақл алоқамандӣ дошт. Дар чунин шароит барои маҳдуд кардани зарари иқтисодӣ аз пандемия ҳамаи мамлакатҳои ҷаҳон тадбирҳои фаврии молиявӣ, пулию қарзӣ ва дастгирии молиявӣ андешиданд. Захираҳои сармоя ва пардохтпазирӣ, ки дар давоми даҳсолаи охир дар низоми молиявӣ андӯхт шудаанд, имкон медиҳанд, ки тадбирҳои зиддибуҳронӣ амалӣ карда шаванд. Ҳамзамон, агар гузариши авҷи эпидемия ба таъхир афтад, тамоюлҳои бuҳрон метавонанд шиддат гиранд. Аз тарафи дигар, изтироби молиявӣ, ки бо пандемия алоқамандӣ дорад, муносибатҳои иқтисодиро тағйир дода, барои рушди минбаъда имкониятҳои нав фароҳам меорад.

36. Дар ин маврид, нақши бахши низоми бонкии мамлакат дар самти барқарорсозии иқтисодиёт аҳаммияти бештарро касб мекунад. Бонкҳо на танҳо «рагҳои хунгарди» низоми молиявӣ мебошанд, балки иштироккунандагони фаъоли равандҳои ҳамгироӣ ва инқилоби технологӣ дар пешниҳоди хизматрасониҳои молиявӣ, коммуникатсионӣ ва таълимӣ маҳсуб мешаванд.

37. Пандемия мақомоти ҳокимияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистонро водор намуд чораҳои фавриро андешад, ки ба коҳиш додани оқибатҳои он ба иқтисодиёт ва бахшии иҷтимоии мамлакат нигаронида шудаанд. Дар ин замина зарурати тағйироти дарозмуддати сохторӣ дар иқтисодиёт ба миён омад ва дар доираи дастуру супоришҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон як қатор тадбирҳои амалӣ андешида шуданд. Бо ин мақсад 19 марти соли 2020 Нақшаи чорабиниҳо оид ба пешгирӣ ва коҳишдиҳии таъсири хавфҳои эҳтимолии пандемияи COVID-19 ба иқтисоди миллӣ тасдиқ ва амалӣ карда шуд. Инчунин фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи пешгирии таъсири бемории сироятии COVID-19 ба соҳаҳои иҷтимоию иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон» қабул шуд, ки барои дастгирии соҳаҳои алоҳидаи иқтисодиёти миллӣ, соҳибкорон,

қишрҳои осебпазири аҳолӣ ва ҳалли масъалаҳои иҷтимоӣ равона шудааст.

## §2. Дастрасӣ ба хизматрасониҳои молиявӣ

38. Нишондиҳандаҳои дастрасӣ ба хизматрасониҳои молиявӣ сатҳи фарогирии хизматрасониҳои молиявӣ, аз ҷумла фарогирии ҳудудҳоро бо воҳидҳои сохтории ташкилотҳои қарзии молиявӣ (минбаъд – ТҚМ) ва инфрасохтори пардохтӣ тавсиф менамояд. Онҳо нуқтаҳои физикӣ ва сайёри хизматрасонӣ (мобилӣ), инчунин мутобиқати функсионалии нуқтаҳои хизматрасониро фаро мегиранд. Андозаи дастрасӣ монеаҳоро аз лиҳози талабот, ки муштариён ҳангоми дастрасӣ ба ТҚМ, аз қабили арзиш ё иттилоот дучор мегарданд, дар бар мегирад.

39. Дар соли 2020 дар Ҷумҳурии Тоҷикистон 69 адад ТҚМ, аз ҷумла 19 адад бонк (18 бонки анъанавӣ ва 1 бонки исломӣ) ва 50 ташкилоти маблағгузории хурд (минбаъд – ТМХ) (18 ташкилоти амонатии қарзии хурд, 5 ташкилоти қарздиҳии хурд ва 27 фонди қарзии хурд) фаъолият доштанд. Бонкҳо ҳиссаи 86,6 фоизи дороиҳои ТҚМ-ро ташкил медиҳанд ва тақрибан 13,4 фоизи он ба ТМХ рост меоянд.

40. Шумораи филиалҳо ва марказҳои хизматрасонии бонкӣ дар давоми соли 2020 ба миқдори 10 адад зиёд шуда, 1935 ададро ташкил намуд ва ин, новобаста аз коҳиши шумораи ТҚМ, ба амал омад (замимаи 2).

41. Дар соли 2020 Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти дастрасии аҳолӣ ба инфрасохтори хизматрасониҳои молиявӣ нишондиҳандаҳои нисбатан баландро ба даст овард, аз ҷумла ба 100000 нафар аҳолии калонсол 32,1 адад ТҚМ (бо назардошти воҳидҳои сохтории ТҚМ) рост меояд. Дар сатҳи ҷумҳурӣ дар масоҳати 100 километри мураббаъ зичии ҷойгиршавии ТҚМ 1,4 ададро ташкил медиҳад. Ба ҳар 100 000 нафар аҳолии калонсол 21 адад банкомат, 91 адад терминал, аз ҷумла терминалҳо барои пешниҳоди пули нақд 30 адад ва терминалҳо дар НСХ 61 адад рост омад.

42. Дар соли 2020 нишондиҳандаҳои фарогирии воқеӣ бо нуқтаҳои дастрасӣ дар минтақаҳои гуногуни кишвар афзуданд, аммо дар байни онҳо фарқиятҳои назаррас вуҷуд дорад. Аксари нуқтаҳои дастрасӣ дар шаҳри Душанбе таҷаммуъ ёфта, дар минтақаҳои дигар камтар ба назар мерасанд. Агар дар шаҳри Душанбе ба 100000 нафар аҳолӣ 41,4 адад банкомат рост ояд, нишондиҳандаи мазкур дар вилояти Суғд 14,1 адад, вилояти Хатлон – 8,6 адад, ВМКБ – 14,7 адад ва ШНТҶ – 9 ададро ташкил медиҳад. Дар шаҳри Душанбе ба 100 000 нафар аҳолӣ 241,4 адад, вилояти Суғд – 38,9 адад, вилояти Хатлон – 7,4 адад, ВМКБ – 71,7 адад ва ШНТҶ 8,7 адад терминал рост меояд (замимаи 3).

43. Теъдоди кортҳои пардохтии бонкӣ дар солҳои охир афзоиш ёфта истодаанд. Танҳо дар соли 2020, шумораи кортҳои пардохтии

бонкӣ назар ба соли 2019 ба андозаи 30,8 фоиз афзуда, ба 3,25 млн адад баробар шуд. Шумораи дорандагони кортҳои пардохтии бонкӣ 24,6 фоиз афзуда, то 3,02 млн нафар расид. Бо вуҷуди он ки бозори кортҳои пардохтии бонкӣ рушд ёфта бошад ҳам, шумораи терминалҳо дар НСХ танҳо 7,8 фоиз зиёд шудаанд. Яке аз монеаҳои асосие, ки садди роҳи истифодаи васеи терминалҳо дар НСХ мегардад, ин дасткашии соҳибкорон аз гузариш ба фаъолияти шаффоф, одати пардохт кардан бо пули нақд аз ҷониби муштариён ва нобоварии соҳибкорон ба низоми бонкии кишвар мебошад.

44. Рушди низоми пардохт яке аз ҳадафҳои афзалиятноки Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад, аммо барои дар амал ҷорӣ кардани тағйироти нави дар қонунгузорӣ воридгардида анҷом додани корҳои зиёдро тақозо менамояд. Соли 2014 Ҷумҳурии Тоҷикистон Стратегияи рушди низоми пардохти Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2015-2025 (СРНП)-ро қабул кард. Санади мазкур таъмин намудани фаъолияти самаранок ва боэътимоди низоми пардохти Ҷумҳурии Тоҷикистонро ҷиҳати қонеъ кардани талаботи ҷорӣ ваояндаи иқтисодиёти миллӣ ба хизматрасониҳои пардохтӣ, аз ҷумла барои иҷрои сиёсати пулию қарзӣ, таъмини суботи молиявӣ, афзоиши сифатнокӣ, дастрасӣ ва бехатарии хизматрасониҳои пардохтӣ ва низомҳои пардохтӣ ҳадафи худ қарор дод.

45. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хизматрасониҳои пардохтӣ ва низоми пардохтӣ», ки соли 2017 мавриди амал қарор дода шуд, ба рушди воситаҳои нави хизматрасониҳои пардохтӣ, аз қабили маблағҳои электронӣ ва фаъолияти агентии бонкии пардохтӣ замина гузошт. Қонуни мазкур муҳити мусоидро барои афзоиши хизматрасониҳои рақамӣ ва пардохтҳо фароҳам овард. Бо вуҷуди ин, ҷиҳати таъмини рушди фарогирии молиявӣ ва ҳисоббаробаркуниҳои ғайринақдӣ бояд истифодаи васеи ҳамёнҳои электронӣ ва таъмини заминаи ҳуқуқии лозимӣ ба соҳибкорон низ таъмин карда шавад.

46. Бо мақсади муайян намудани самтҳои рушди хизматрасониҳои пардохтӣ, омӯзиш ва таҳлили навовариҳо дар ин самт, таҳлили тамоюли бозори хизматрасониҳои пардохтӣ ва хавфҳои марбут ба он, ҳамоҳангсозӣ ва танзими масъалаҳо оид ба васеъ намудани инфрасохтори низоми пардохтӣ, таҳия ва такмили санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ дар самти хизматрасониҳои молиявии рақамӣ, соли 2018 дар сохтори идораи низоми пардохти БМТ шуъбаи таҳлил ва рушди хизматрасониҳои молиявии рақамӣ таъсис дода шуд.

47. Ба ҳолати декабри соли 2020 теъдоди 12 адад ТҚМ гардиши маблағҳои электрониро тавассути 1708,6 ҳазор адад ҳамёни электронӣ дар ҳаҷми тақрибан 543,1 млн сомонӣ таъмин менамоянд. Аз соли 2019 операторҳои алоқаи мобилӣ низ дар доираи қонунгузории амалкунанда дар якҷоягӣ бо ТҚМ инфрасохтори зарурии пардохтиро барои қабули пардохтҳои ғайринақдии молу хизматрасониҳо тавассути ҳамёнҳои электронӣ роҳандозӣ намуда истодаанд. Инчунин,

ТҚМ бо мақсади рушди хизматрасониҳои фосилавии бонкӣ ва зиёд намудани ҳиссаи ҳисоббаробаркуниҳои ғайринақдӣ, дар муассисаҳои савдо ва хизматрасонӣ QR-рамз (quick response – QR) насб карда истодаанд, ки аз ҷиҳати хароҷот ва дастгирии техникӣ назар ба терминалҳо камхарҷ буда, барои истифодабарандагони он имконияти васеътарро барои анҷом додани пардохтҳои ғайринақдӣ фароҳам меоранд. Ба санаи 31 декабри соли 2020 дар НСХ ҷумҳурӣ 5 266 адад QR-рамзҳо мавриди истифода қарор дода шудаанд.

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хизматрасониҳои пардохтӣ ва низоми пардохтӣ» мафҳуми агенти (субагенти) бонкии пардохтиро муқаррар намуд. Дар соли 2018, БМТ санади ҳуқуқии «Тартиб оид ба ҷалби агентҳои бонкии пардохтӣ ва амалисозии назорати риояи шартҳои ҷалби онҳо»-ро қабул намуд. Тартиби мазкур ба ТҚМ имконият медиҳад, ки шахсони ҳуқуқӣ (ба истиснои ТҚМ) ва соҳибкорони инфиродиро дар асоси шартнома ҳамчун агентҳои бонкии пардохтӣ барои анҷом додани амалиётҳои муайяни бонкӣ ҷалб намоянд. Тибқи тартиби мазкур, агентҳои (субагентҳои) бонкии пардохтӣ имконияти пешниҳод намудани маҷмуи васеи хизматрасониҳои бонкӣ, аз ҷумла пур кардани суратҳисобҳои бонкӣ, пардохти қарз, пардохти хизматрасониҳои алоқаи мобилӣ ва интернет, пардохтҳои коммуналӣ ва пур кардани ҳамёнҳои электронӣ ва ғайраро ба даст оварданд. Инчунин, тартиби зикргардида ба ТҚМ шароити мусоидро ҷиҳати коҳиш додани хароҷоти амалиётӣ, махсусан ҳангоми хизматрасонии аҳолӣ дар минтақаҳои дурдасти кишвар ва баланд бардоштани фарогирии молиявӣ фароҳам овард. Дар ҳолати 31 декабри соли 2020, аз ҷониби ТҚМ 14 агенти бонкии пардохтӣ ва дар навбати худ аз ҷониби агентҳои бонкии пардохтии мазкур 237 субагенти бонкии пардохтӣ дар асоси шартнома барои анҷом додани амалиётҳои муайяни бонкӣ ҷалб гардидаанд.

48. Бо мақсади рушди инфрасохтори низоми пардохтии БМТ, беҳтар намудани сифати хизматрасонӣ ва ҷавобгӯ намудани низоми пардохтӣ ба стандартҳои байналмилалӣ дар доираи лоиҳаи грантии барномаи Бонки Ҷаҳонӣ «Баланд бардоштани рақобатнокии бахши хусусӣ» ба ивази низоми пардохтҳои электронӣ – «Палатаи ҳисоббаробаркунӣ» 19 июли соли 2019 низоми автоматишудаи байнибонкии интиқоли маблағҳо (минбаъд – НАБИМ) ба фаъолият шуруъ намуд. НАБИМ дорои як қатор бартариятҳо, аз қабили идоракунии навбатнокии пардохтҳо, набудани маҳдудият ба шумораи пардохтҳо дар давоми рӯзи амалиётӣ мебошад. НАБИМ аз қисмҳои зерин иборат аст:

- қисми ҳисоббаробаркуниҳои маҷмуӣ дар реҷаи вақти воқеӣ – барои коркарди пардохтҳои фаврӣ ва маблағҳои ҳаҷман калон пешбинӣ шудааст. Қисми мазкур, коркарди ҳуҷҷатҳои пардохтии аз ҷониби ташкилотҳои қарзии молиявӣ ва иштирокчиёни дигар пешниҳодшуда ва ҳисоббаробаркунии ниҳоии бо интиқоли маблағҳо алоқамандбударо дар реҷаи вақти воқеӣ, аз ҷумла ҳисоббаробаркунии ниҳоии додугирифти

маблағҳои пулии бо коғазҳои қиматнок алоқамандбударо амалӣ менамояд;

- қисми ҳисоббаробаркунии клирингӣ – барои гузаронидани пардохтҳои маблағашон ҳаҷман хурд пешбинӣ шудааст. Маблағи зиёдтарини як ҳуҷҷати пардохтӣ дар ҳисоббаробаркунии клирингӣ 1000 (як ҳазор) сомониро ташкил медиҳад. Ҳуҷҷатҳои пардохтӣ дар қисми ҳисоббаробаркунии клирингӣ ба намуди баста (пакет) интиқол дода мешаванд. Дар дохили як баста метавонад шумораи бемаҳдуди ҳуҷҷатҳои пардохтӣ ҷойгир карда шавад;

- қисми пардохтҳои босуръат – барои гузаронидани пардохтҳои ба воситаи бонкинги мобилӣ, интернет бонкинг, ҳамёнҳои электронӣ (маблағҳои электронӣ бо сомонӣ) амалишуда, интиқолҳо байни шахсони воқеӣ тавассути кортҳои пардохтии бонкӣ, пардохт ба фоидаи таҳвилгари хизматрасонӣ ва молҳо, пардохти хизматрасониҳои давлатӣ, QR-пардохтҳо ва дигар намудҳои пардохтҳои чакана пешбинӣ шуда, дар реҷаи 24 соат дар як шабонарӯз, 7 рӯз дар як ҳафта ва 365 рӯз дар як сол фаъолият менамояд. Бо мақсади ба танзим даровардани фаъолияти НАБИМ бо қарори Раёсати БМТ аз 31 августи соли 2020, №105 «Қоидаҳои фаъолияти Низоми автоматишудаи байнибонкии интиқоли маблағҳо» тасдиқ гардиданд ва 23 октябри соли 2020, №574 «г» дар Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба қайд гирифта шуданд.

49. Дар соли 2019 дар БМТ Маркази миллии протсессингии интиқоли маблағҳо (минбаъд – ММПИМ) ба фаъолият шуруъ намуд, ки ин иқдом ба баланд бардоштани самаранокии интиқоли маблағ бидуни кушодани суратҳисоби бонкӣ, шаффофияти амалиётҳо ва коҳиши хавфҳои амалиётӣ бо мақсади таъмини суботи бештар дар бахшҳои бонкӣ ва молиявӣ ва тақвиятбахшии бехатарии интиқоли пул дар дохили кишвар ва берун аз он равона карда шудааст. Таъсиси ММПИМ имкониятҳои навро барои рушди бозори интиқоли маблағ пешниҳод карда, ба боло бурдани сатҳи эътимоди аҳолӣ ба низоми бонкӣ, беҳтар намудани сифати хизматрасониҳои низомҳои пардохтӣ, инчунин имконияти назорати бештари амалиётҳои интиқоли фаромарзӣ мусоидат мекунад.

50. Соли 2019 Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Консепсияи иқтисоди рақамӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистонро қабул кард. Ин ташаббус барои ҷорӣ намудани технологияҳои молиявии рақамӣ вусъатбахшии ҳисоббаробаркуниҳои ғайринақдӣ ва коҳиш додани маблағҳои нақдӣ дар муомилоти пулӣ мусоидат менамояд. Барои вусъатбахшии минбаъдаи истифодаи хизматрасониҳои молиявии рақамӣ зарурати таҳия ва такмили як қатор санадҳои ҳуқуқии дахлдор оид ба мушаххаскунии фосилавӣ ва содакардашудаи шахсият барои кушодани суратҳисоб, пешниҳоди хизматрасониҳои фосилавии хавфаш паст, ҷорӣ намудани бонкинги кушода (open banking) тавассути интерфейси воситаҳои барномавии кушода (API) ва санадҳои меъёрии ҳуқуқии дигар ба миён омадааст.

51. Воситаи дастгирии рушди бозори хизматрасониҳои молиявӣ ин инкишофи минбаъдаи «Речаи махсуси танзим»дар БМТ мебошад, ки Низомномаи он бо қарори Раёсати БМТ аз 18 феврали соли 2019, №11 тасдиқ гардид. «Речаи махсуси танзим» ба ТҚМ имконияти санчидани маҳсулоти инноватсионии хизматрасониҳои молиявии худро дар шароити бехатар таъмин менамояд. Маҳсулоти инноватсионии хизматрасониҳои молиявӣ нав ва танзимнашуда буда, барои суръатбахшии чорӣ кардани навовариҳои самаранок ва бехатар мусоидат менамояд.

52. Таъмини заминаи мустаҳкам барои рушди воситаҳои электронии пардохтӣ ҳалли масъалаи дастрасии нокифоятӣ ба шабакаи интернет дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад. Тавре аз маълумоти Хадамоти алоқаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бармеояд, тавассути шабакаҳои байналмилалии алоқаи ҶСК «Тоҷиктелеком» зарфияти каналҳои берунии интернет аз 30 Гбит/с то ҳадди 70 Гбит/с бо ташкили каналҳои эҳтиётӣ афзоиш дода шудааст. Мутобиқи нишондодҳои Speedtest.com https://www.speedtest.net/global-index, дар соли 2020 суръати миёнаи интернети мобилӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон 7,57 Мбит/с ва суръати миёнаи интернети ноқилӣ 20,71 Мбит/с-ро ташкил медиҳад, ки ҳанӯз ҳам ин нишондиҳандаҳо нисбат ба кишварҳои минтақа ва дар сатҳи ҷаҳонӣ қаноатманд намебошад. Қобили қайд аст, ки аз рӯи нишондиҳандаҳои мазкур Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҷаҳон мутаносибан ҷойҳои 133 ва 98-ро ишғол менамояд. Илова бар ин тибқи маълумоти Бонки Ҷаҳонӣ (data.worldbank.org) дар Ҷумҳурии Тоҷикистон танҳо 22 фоиз аҳолии кишвар дастрасӣ ба интернет дорад. Тибқи маълумоти Telegeography, танҳо 2,9 фоизи хонаводаҳои кишвар дастрасӣ ба интернети ноқилӣ дорад. Ин нишондиҳандаҳо дар муқоиса ба нишондодҳои кишварҳои дигари минтақа паст буда, аз рӯи он Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷойи охиринро дар минтақа ишғол менамояд. Минбаъд бо мақсади рушди технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ ва дастрасии аҳолӣ ба хизматрасониҳои алоқаи барқӣ тамоми имкониятҳо истифода гардида, чораҳои зарурӣ андешида хоҳанд шуд.

### §3. Истифодаи хизматрасониҳои молиявӣ

53. Нишондиҳандаҳои истифодабарӣ аз ҷониби муштариён истифодаи хизматрасониҳои молиявӣ (ба монанди суратҳисоб, қарз, пасандоз, суғурта ва интиқоли маблағ), инчунин бо гузашти замон мунтазамӣ ва давомнокии чунин истифодабариро тавсиф менамоянд.

54. Ҷумҳурии Тоҷикистон аз давраи гузаронидани нахустин таҳқиқоти глобалӣ аз ҷониби Бонки Ҷаҳонӣ оид ба фарогирии молиявӣ (соли 2011) то имрӯз қариб аз рӯйи ҳамаи нишондиҳандаҳои истифодабарӣ пешрафти назаррас дорад. Новобаста аз ин, то ҳол имкониятҳои кофӣ барои рушд дар самти мазкур боқӣ мемонад, зеро ҳоло ҳам баъзе нишондиҳандаҳои истифодабарӣ аз нишондиҳандаҳои

миёнаи минтақавӣ аз рӯйи сатҳи даромади миёна пасттар мебошад. Агар дар соли 2011 ҳиссаи 2,5 фоиз аҳолии калонсол суратҳисоби бонкӣ дошта бошанд, пас ин нишондиҳанда дар соли 2014 ба 11,5 фоиз расонида шуда, дар соли 2020 ба 78,4 фоиз баробар гардид. Аз як тараф, ин сатҳи баланди истифодаи суратҳисобҳоро инъикос кунад, аз тарафи дигар, метавонад аломати мавҷуд набудани воситаҳои дигари рақамӣ бошад.

55. Мутобиқи таҳқиқоти глобал финдекс (соли 2018) доштани суратҳисоб дар соли 2017 дар байни занҳо (42 фоиз), шахсони дорои маълумоти умумӣ (39 фоиз) ва аҳолии камбизоат (38,7 фоиз) пасттар буд. Бояд зикр намуд, ки аз ҷиҳати доштани суратҳисоб байни ҷавонон (49 фоиз) ё шахсони пиронсол (эҳтимолан, бинобар гузаштани пардохти нафақа ба шакли ғайринақдӣ) ва мардуми деҳот дар муқоиса бо сокинони шаҳр (ҳар ду 46 фоиз) фарқияти назаррас вуҷуд надорад. Тақрибан 9,4 фоизи суратҳисобҳо ғайрифаъол буданд.

56. Мувофиқи маълумоти расмии омори бонкӣ ҳаҷми умумии қарзҳои додашуда аз соли 2011 то соли 2020 маблағи 89,9 млрд сомониро ташкил намуд. Дар соли 2020 бошад, маблағи қарзҳои додашуда ба 10,0 млрд сомонӣ баробар шуд, ки дар муқоиса ба соли 2011 ба андозаи 54,0 фоиз афзоиш ёфт. Дар таркиби ин маблағҳо 1254,7 млн сомонӣ ё 12,5 фоизи онҳо ба ноҳияҳои кӯҳистон (дурдаст) дода шудаанд, ки ин нишондиҳанда дар соли 2011 маблағи 517,6 млн сомонӣ ё 8,0 фоизро ташкил менамуд. Дар соли 2011 аз ҳаҷми умумии қарзҳои додашуда 8,0 фоиз ба занҳо рост омада, маблағи он ба 520,7 млн сомониро ташкил медод. Дар соли 2020 бошад, аз ҳаҷми умумии қарзҳои додашуда 20,8 фоиз ё маблағи 2076,6 млн сомонӣ ба занҳо рост меояд.

57. Шумораи қарзгирони расмӣ се маротиба зиёд гардид, суръати афзоиши пасандоздорони расмӣ дар давраи аз солҳои 2011 то 2014 тамоюли болоравӣ дошта, шумораи онҳо 36 маротиба зиёд шуд. Ин нишондиҳанда аз 0,3 фоиз дар соли 2011 ва 1,5 фоиз дар соли 2014 то ба 11,3 фоизи аҳолии калонсол дар соли 2017 баробар шуд. Ба гурӯҳҳое, ки майлу рағбати аз ҳама баландро ба пасандозҳои расмӣ нишон доданд, ҷавонон (22 фоиз), шахсони калонсол (17 фоиз) ва нафарони дорои даромади баланд (16 фоиз) дохил мешаванд. Шахсони дорои сатҳи пасти даромад ҳиссаи аз ҳама ками пасандозгузорони фаъолро ташкил медиҳанд, танҳо 4 фоизи онҳо пасандозҳои расмӣ доранд. Ғайр аз ин, дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳиссаи камтари пиронсолон дар муқоиса бо ҳамсолони худ дар кишварҳои дигари минтақа пасандози расмӣ доранд (6 фоиз) (замимаи 4).

58. Фарқияти назарраси оморӣ дар тамоюлҳои расмии афзоиш аз лиҳози қарзгирӣ ва пасандозҳо аз рӯйи мансубияти ҷинсӣ ё макони зист (деҳот ё шаҳр) мушоҳида нашуд. Ҳиссаи шахсоне, ки ба муносибатҳои ғайрирасмӣ афзалият медиҳанд, ҳанӯз ҳам баланд аст.

Дар соли 2017 ҳиссаи 21,6 фоизи шахсони мазкур аз аъзои оила ва дӯстон қарз гирифтанд ва 21,5 фоиз пасандозҳои ғайрирасмӣ доштанд. Ин барои васеъ кардани дастрасӣ ба хизматрасониҳои молиявӣ имкон фароҳам меоварад, зеро он ҳавасмандии зиёди аҳолиро ба маҳсулоти амонатӣ ва қарзӣ нишон медиҳад. Воқеияти истифодаи хизматрасониҳои молиявӣ ба он сегментҳои аҳолӣ ишора мекунад, ки ба хизматрасониҳои молиявӣ дастрасии кам доранд ва бояд бештар дар меҳвари чорабиниҳои мақсадноки таъмини дастрасии хизматрасониҳои молиявӣ қарор дода шаванд. Дар ҳоле ки теъдоди қарзгирон аз соли 2011 то соли 2020 чор маротиба зиёд шудааст, шумораи пасандозҳои ҷалбшуда дар давраи аз солҳои 2011 то 2020 ба андозаи 2,9 маротиба афзоиш ёфтааст. Ин нишондиҳанда аз 2058 ҳазор адад дар соли 2011 ба 5911 ҳазор адад дар соли 2020 баробар шудааст. Ҳаҷми пасандозҳои шахсони воқеӣ дар таркиби бақияи умумии пасандозҳо сол то сол афзоиш ёфта истодааст. Агар ин нишондиҳанда дар соли 2011 маблағи 2298,3 млн сомониро ташкил дода бошад, пас дар соли 2020 он 5338,1 млн сомониро ташкил намуда, 2,3 маротиба афзоиш ёфтааст, ки ин аз зиёд шудани боварии аҳолӣ ба низоми бонкии кишвар шаҳодат медиҳад. Аз ҳаҷми умумии бақияи пасандозҳо 20,8 фоиз ба занҳо рост меояд, ки он дар соли 2020 маблағи 2379,0 млн сомониро ташкил додааст.

59. Истифодаи хизматрасониҳои молиявии асосӣ дар давраи солҳои 2017 ва 2019 афзоиш ёфтааст, лекин низомҳои мавҷудбудаи ҷамъоварии маълумот ҳанӯз имкон намедиҳанд, ки истифодабарандагони нодири хизматрасониҳои молиявӣ муайян карда шаванд. Масалан, шумораи умумии суратҳисобҳои бонкии шахсони воқеӣ дар охири соли 2020 зиёда аз 5,01 млн адад буд, аммо, аз сабаби он ки баъзе шахсон якчанд суратҳисоби бонкӣ доранд, чунин ҳисобгирии оморӣ барои дақиқ муайян кардани пешрафт дар доштани суратҳисоб нокифоя мебошад. Ба ҳамин монанд, афзоиш дар шумораи суратҳисобҳои амонатӣ (аз 2,8 то 4,1 млн – афзоиш 46,4 фоиз дар давраи солҳои 2017 ва 2020) ё дар шумораи қарзҳои пешниҳодшуда (афзоиши назаррас – 45 фоиз аз 481 то 698 ҳазор дар як сол мутаносибан дар солҳои 2017 ва 2019) мушоҳида мешаванд. Аммо ин рақамҳо шумораи воқеии истифодабарандагони хизматрасониҳои молиявиро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон инъикос наменамоянд, зеро як шахс метавонад якчанд маҳсулоти пасандозӣ ё қарзиро истифода барад. Имкони бунёди низоми ҳисобкунии шумораи истифодабарандагони нодири маҳсулоти асосии молиявӣ бо истифодаи ҳам имкониятҳои омории БМТ ва ҳам махзанҳои маълумоти дигари тарафҳои манфиатдор, аз қабили Бюрои таърихи қарзӣ (минбаъд – БТҚ) ва Фонди суғуртаи пасандозҳои шахсони воқеӣ бояд мавриди омӯзиш қарор дода шаванд.

60. Пандемияи COVID-19 муҳим будани хизматрасониҳои молиявиро барои шахсони алоҳида собит намуд. Тибқи маълумоти

КБМ пасандозҳо ва қарзҳо (гарчанде аксар ғайрирасмӣ мебошанд) аз ҷумлаи воситаҳои маъмултарин қарор доштанд, ки аҳолӣ аз онҳо барои паси сар намудани буҳрон истифода бурданд, зеро даромади аҳолӣ коҳиш ёфта, хароҷоти онҳо бошад, рӯ ба афзоиш ниҳода буд. Натиҷаҳои таҳқиқот роҳҳои зерини бартараф намудани буҳронро нишон медиҳанд:

- зиёда аз нисфи посухдиҳандагон (55,4 фоиз) иттилоъ доданд, ки аз пасандозҳои худ барои муқовимат бо мушкилиҳои молиявие, ки бар асари пандемия ба амал омаданд, истифода бурданд;

- баъзе посухдиҳандагон иттилоъ доданд, ки бар асари пандемия маҷбур шуданд, ки қарз гиранд. Аз ҷумла, ҳиссаи 21,8 фоизи посухдиҳандагон аз дӯстон ва аъзои оила, 7 фоизи посухдиҳандагон – аз бонкҳо ва ТМХ 3,7 фоизи посухдиҳандагон – аз корфармоён ва 0,8 фоизи посухдиҳандагон аз қарздиҳандагони дигар қарз гирифтанд. Инчунин, 10,6 фоизи онҳо иттилоъ доданд, ки аз аъзои оила ва дӯстон маҳсулоти хӯрокворӣ ва молҳои дигари ниёзи аввалияро қарз гирифтанд;

- пандемия ба қобилияти хонавода ҷиҳати пардохти қарзҳои пардохтнашуда таъсири манфӣ расонид. Дар давоми 12 моҳи охир 33 фоизи хонаводаҳои дорои қарзҳои ҷорӣ пардохти онҳоро ба таъхир гузоштанд ва 71,6 фоизи онҳо қарзҳои худро саривақт пардохт карда натавонистанд. 9,1 фоизи хонаводаҳо маҷбур шуданд, пардохти қарзҳоро муваққатан боздоранд, то ки душвориҳои молиявиро бартараф карда тавонанд;

- чораҳои дигаре, ки аъзои хонаводаҳо барои бартараф намудани фишорҳои молиявӣ истифода бурдаанд, аз ҷумла фурӯши дороиҳои шахсӣ (19,5 фоизи посухдиҳандагон), ҷустуҷӯи корҳои иловагӣ (13,5 фоизи посухдиҳандагон) ё иваз кардани ҷойи кор (6,9 фоизи посухдиҳандагон).

61. Дар байни сабабҳои пешрафти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар истифодаи хизматрасониҳои молиявии асосӣ метавон пешравии қаблан бадастомадаро дар бахши молиявӣ ва умуман дар муҳити соҳибкорӣ номбар намуд. Онҳоро бо мақсади пешбурди минбаъдаи сатҳи фарогирии молиявӣ бояд тақвият дод, аз ҷумла беҳтар намудани муҳити соҳибкорӣ бо истифодаи фаъолтари хизматрасониҳои молиявӣ. Ҷумҳурии Тоҷикистон талошҳои худро дар бартараф кардани маҳдудиятҳои буҳронӣ дар муҳити соҳибкорӣ, ки корхонаҳоро аз саҳмгузории фаъолтар дар ноилшавӣ ба ҳадафҳои рушди мамлакат бозмедошт, равона кард. Ин талошҳо натиҷаҳои нахустинро ба бор овард ва мутобиқи ҳисоботи «Пешбурди соҳибкорӣ»-и ГБҶ аз соли 2020 ба мамлакат дар ишғол кардани ҷой дар байни даҳ кишваре, ки ба комёбиҳои назаррас дар беҳсозии нишондиҳандаҳои иқтисодии худ дар нақшаи пешбурди соҳибкорӣ ноил шудаанд, имкон фароҳам овард. Ҷумҳурии Тоҷикистон бо дарёфти 61,3 хол аз 100 дар радабандӣ ҷаҳиши якбора намуда, мақоми 106-умро дар ҷаҳон ба даст овард.

62. Ба ислоҳоти асосии Ҷумҳурии Тоҷикистон инҳо дохил мешаванд:

- ҷорӣ кардани рақами мушаххаси иҷтимоӣ дар шаҳодатнома дар бораи таъсисдиҳии ширкат ҳангоми бақайдгирӣ;
- беҳтар намудани дастрасӣ ба қарз аз ҳисоби роҳандозии феҳристи ягонаи муосири таъмини гарав, ки дар асоси огоҳинома, таъсиси низоми амалкунандаи аҳдҳои бо гарав таъминшуда, васеъ кардани ҳаҷми дороиҳо амал мекунад, ки метавонанд ҳамчун гарав истифода бурда шаванд;
- имкони тавсифи умумии қарзҳо ва уҳдадориҳо, додани афзалияти мутлақ ба қарзгирандагони бо гарав таъминшуда ва пешниҳоди муҳлат ва далелҳои равшану возеҳ барои озодкунӣ аз боздошти автоматии фаъолият ҳангоми амалӣ намудани тартиби азнавташкилдиҳӣ фароҳам меорад;
- содакунии содироти молҳо аз ҳисоби барасмиятдарории афзалиятноки гумрукии маҳсулоти зудвайроншаванда.

63. Пешрафти муҳим ва назарраси Ҷумҳурии Тоҷикистон комёбӣ дар самти гирифтани қарз мебошад. Вусъатдиҳии қонунгузорӣ дар соҳаи аҳдҳои бо гарав таъминшуда маблағгузории соҳибкоронро сабуктар, камхавф ва камхароҷот гардонд. Тақвияти қонунгузорӣ дар бораи аҳдҳои бо гарав таъминшуда, ки соли 2019 мавриди амал қарор гирифтааст, кӯшишҳои иловагиро барои таъмини истифодаи фаъоли низоми нав аз ҷониби ТХМ талаб менамоянд.

64. Бахши молиявӣ баъд аз буҳрони бонкии соли 2016 бо беҳшавии аксарияти нишондиҳандаҳои асосӣ дар ҳолати барқароршавӣ қарор гирифт. Аз рӯи натиҷаҳои соли 2020 афзоиши дороиҳои ТҚМ дар қиёс бо соли 2019 19,7 фоизро ташкил намуд. Дар давоми ҳамин давра бақияи сандуқи қарзии маҷмуӣ ба 12,2 фоиз афзоиш ёфт, ки асосан дар натиҷаи зиёдшавии пешниҳоди қарз ба соҳаи тиҷоратӣ ва шахсони воқеӣ ба амал омад. Сифати сандуқи қарзӣ беҳтар шудааст, алалхусус, ҳаҷми қарзҳои батаъхирафтода (бо таъхири зиёда аз 30 рӯзи пардохти қарз) 23,4 фоизи сандуқи қарзиро ташкил медиҳад, ки дар муқоиса бо соли 2019 ба андозаи 3,0 банди фоизӣ камтар мебошад. ТҚМ нишондиҳандаҳои хуби пардохтпазирӣ ва кифоягии сармояро ба даст оварданд. Меъёри кифоятии сармоя дар моҳи декабри соли 2020 18,2 фоизро ташкил дод, ки аз меъёри ҳадди ақалли муайяншуда (12 фоиз) 6,2 банди фоизӣ баландтар аст. Меъёри пардохтпазирии ҷории ТҚМ дар моҳи декабри соли 2020 70,5 фоизро ташкил дод, ки аз нишондиҳандаи муқарраршуда (на кам аз 30 фоиз) 40,5 банди фоизӣ зиёдтар мебошад. Бахши молиявии қавӣ дар татбиқи чорабиниҳои СМФМ нақши калидиро мебозад ва бароmадани он аз буҳрон низ метавонад дар тақвият додани эътимод ба низоми молиявӣ мусоидат намояд.

65. Хазинаи суғуртаи пасандозҳои шахсони воқеӣ (минбаъд – ХСПШВ) бо мақсади ҳифзи пасандозҳои аҳолӣ аз хавфи муфлисшавии ташкилоти қарзии молиявӣ дар асоси қарори муассисон соли 2004 ҳамчун «Фонди кафолати амонатҳои шахсони воқеӣ» таъсис дода шудааст. Дар натиҷаи таҷдиди сохтори ташкилию ҳуқуқӣ ва мавриди амал қарор гирифтани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи суғуртаи пасандозҳои шахсони воқеӣ», ХСПШВ вориси ҳуқуқии «Фонди кафолати амонатҳои шахсони воқеӣ» гардида, ҳуқуқу уҳдадориҳо, молу мулк ва кафолатҳои онро ба зимма гирифт. Заминаҳои ҳуқуқии фаъолияти ХСПШВ бо Қонуни мазкур танзим карда шуда, мутобиқи он мақсади асосии ХСПШВ ҳимояи ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии пасандоздорон бо роҳи пардохти ҷубронпулии суғурта ва таҳкими боварии аҳолӣ ба низоми бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян карда шудааст. Қонуни мазкур кафолати пасандозҳои шахсони воқеиро ба андозаи муайян дар ташкилотҳои қарзии узви ХСПШВ пешбинӣ менамояд. ХСПШВ муассисаи ғайритиҷоратӣ буда, ба он вазифаи пардохти ҷуброни пасандозҳои шахсони воқеӣ дар ҳаҷми то 500 нишондиҳанда барои ҳисоб аз рӯйи пасандозҳо бо пули миллӣ ва дар ҳаҷми то 350 нишондиҳанда барои ҳисоб аз рӯйи пасандозҳо бо асъори хориҷӣ мебошад. Ба санаи 31 декабри соли 2020 34 адад ташкилоти қарзии молиявӣ, аз ҷумла 16 бонк ва 18 ташкилоти амонатии қарзии хурд аъзои ХСПШВ буданд. Ҳаҷми умумии дороиҳои ХСПШВ дар охири соли 2020 309,9 млн сомониро ташкил дод. Ҳиссаи пасандоздороне, ки пасандозҳояшон поёнтар аз ҳадди ниҳоии маблағи ҷубронпулии суғурта буданд, 95,8 фоизро ташкил дод. Ин нишонаи мутобиқ будани низоми суғуртаи пасандозҳо буда, заминаро барои минбаъд густариш додани истифодаи хизматрасониҳои расмии пасандозӣ фароҳам меоварад. Бо вуҷуди ин, бо мақсади баланд бардоштани эътимод ба низоми бонкӣ, сатҳи маълумотнокии аҳолӣ оид ба нақшаи суғуртаи пасандозҳо бояд баланд бардошта шавад.

66. Бюрои таърихи қарз механизми муҳимми вусъатдиҳии дастрасӣ ба қарзи расмӣ мебошад. ҶДММ БТК «Бюрои қарзию иттилоотии Тоҷикистон» (минбаъд – БҚИТ) нахустин Бюрои таърихи қарзии хусусӣ дар кишвар мебошад, ки ҳамчун ташкилоти тиҷоратӣ моҳи апрели соли 2010 дар асоси Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таърихи карзӣ» ба қайд гирифта шудааст. БҚИТ фаъолияти худро пас аз се сол оғоз кард. Ҳамаи бонкҳои калони ҷумҳурӣ ва ташкилотҳои маблағгузории хурди Ҷумҳурии Тоҷикистон дорои саҳм дар БҚИТ мебошанд ва соли 2012 ширкати «CRIF», ки ширкати глобалӣ дар самти тартибдиҳӣ ва идоракунии ҳисоботҳои қарзӣ, иттилооти тиҷоратӣ ва низомҳои дастгирии қабули қарор мебошад, пас аз харидани 49 фоизи саҳмҳои он ба БҚИТ шомил шуд. Айни замон махзани маълумоти БҚИТ дар бораи зиёда аз 2 млн субъект (шахсони воқеӣ, соҳибкорони инфиродӣ ва шахсони ҳуқуқӣ)

маълумотро дар бар гирифта, бо 94 шарик аз ҳама минтақаҳои кишвар, аз ҷумла, илова бар ташкилотҳои молиявӣ, бо операторҳои алоқаи мобилӣ, ширкатҳои лизингӣ ва таъминкунандагони дигари маълумот ҳамкорӣ менамояд. Тибқи маълумоти Бонки Ҷаҳонӣ дар соли 2019 фарогирии БҚИТ 47,6 фоизи аҳолии калонсолро ташкил дода, индекси тафсилии маълумоти қарзӣ аз маҷмуи 8 ба 7 баробар буд.

67. БҚИТ доираи васеи хизматрасониҳои муфидро барои ТХМ бо дар назардошти ҳисоботҳои қарзӣ, огоҳиномаи ТХМ дар бораи тағйирёбии таърихи қарзии муштариёни онҳо, мониторинги сандуқи қарзӣ ва як қатор воситаҳои дигари арзёбӣ ва ташаккули ҳисоботҳои таҳлилӣ пешниҳод менамояд. Дастрасии онлайн воситаи махсус барои арзёбии хавфҳои қарзии кишоварзӣ тавассути моделсозии дақиқи ҳаракати пешгӯишавандаи воситаҳои пулии хоҷагиҳо воситаи арзёбии хавфҳои қарзии кишоварзӣ, ки бо ҳаракати воситаҳои пулӣ алоқаманд мебошад (CLARA), дар соли 2019 ба роҳ монда шуд. Воситаи мазкур ҷиҳати иҷрои ҳисобкунии дурнамо барои хоҷагиҳо дар асоси харитаҳои технологияи истеҳсоли маҳсулоти гуногуни кишоварзӣ, ки ҳар ҳафта нав карда мешаванд, кумак мерасонад. Илова бар ин, БҚИТ ба БМТ ҳисоботҳои махсус пешниҳод мекунад.

68. Бо вуҷуди ин, фарогирии корхонаҳо аз ҷониби БҚИТ зарур буда, минбаъд ҳам муҳим דониста мешавад, ки васеътар карда шавад, зеро дар соли 2020 БҚИТ аз 31000 шахси ҳуқуқӣ қариб 18000 (58 фоиз)-и онҳоро фаро гирифта буд. Махзани маълумоти БТҚ мумкин аст бо роҳи васеъ кардани сарчашмаҳои иттилоотии ҷамъоваришаванда барои дохил кардани маълумот дар бораи пардохтҳои дигари мунтазам анҷомдодашаванда, ба монанди пардохтҳои коммуналӣ, боҷҳои давлатӣ, андозҳо ва ғайра бо риояи муқаррароти қонунгузорӣ ва махфияти сирри фаъолияти андозсупоранда тақвият дода шавад. Дар асоси ин, метавонад доираи маҳсулоти ба истифодабарандагони маълумоти қарзии пешниҳодшавандаро низ васеъ намояд. Бояд кӯшишҳо ба харҷ дода шаванд, то ки истифодабарии воситаҳои БТҚ, ба монанди CLARA (ҳоло танҳо аз ҷониби якчанд ТХМ истифода бурда мешавад, ҳол он ки истифодаи воситаи мазкур рӯ ба афзоиш ниҳодааст) баланд бардошта шавад. Истифодаи васеи иттилооти қарзӣ ва воситаҳои дигари БТҚ барои вусъатдиҳии истифодабарии қарзҳо аз ҷониби субъектҳои соҳибкорони хурд ва миёна (минбаъд – ССХМ) аҳамияти ҳалкунанда дорад.

69. Дар мавриди истифодаи хизматрасониҳои пардохтӣ пешравии назаррас дар иқтисодиёти ғайринақдӣ тавассути татбиқи воситаҳои пардохти ғайринақдӣ бо кӯшишҳои ҳадафмандонаи БМТ ба даст оварда шудааст, сарфи назар аз он ки ҳиссаи амалиёти нақдӣ ҳанӯз ҳам дар муомилоти пулӣ дар сатҳи баланд боқӣ мемонад. Дар соли 2020

ташкилотҳои қарзии молиявӣ 3,25 млн кортҳои пардохтии бонкиро ба муомилот бароварданд (70,2 фоизи онҳоро кортҳои пардохтии бонкии низоми пардохти миллии «Корти миллӣ», аз ҷумла кортҳои пардохтии бонкии муштаракнишони «Корти миллӣ–UnionPay»ва «Корти миллӣ–CityCard»ташкил медиҳанд). Чунин омор аз афзоиши шумораи кортҳои пардохтии бонкӣ дар муқоиса бо соли 2019 тақрибан ба андозаи 30,8 фоиз шаҳодат медиҳад. Мутаносибан, шумораи амалиётҳо аз рӯи кортҳои пардохтии бонкӣ ба 31,1 фоиз афзуда, зиёда аз 71,4 млн ададро дар соли 2020 ташкил дода, ба андозаи 78,8 фоиз афзоиш ёфта, зиёда аз 22,5 млрд сомониро ташкил намуд. Зимнан, қисми зиёди амалиётҳои кортҳои пардохтии бонкӣ (91,6 фоиз) аз амалиётҳои гирифтани пули нақд иборат буда, ҳиссаи пардохтҳои ғайринақдии мол ва хизматрасониҳо бо истифода аз кортҳои пардохтӣ танҳо 8,4 фоизро ташкил дод. Тавре дар боло оварда шудааст, чунин ҳолат метавонад бо камбудиҳо дар инфрасохтори пардохтӣ ва нобаробарӣ дар фарогирии нуқтаҳои дастрасӣ, ҳамчунин бо ҳанӯз ҳам маъмул будани анъанаи истифодаи пули нақд барои пардохт дар байни аҳолӣ алоқаманд бошад. Барои фароҳам овардани шароит ва воситаҳои ҳавасмандкунии ҳам таҳвилгарон ва ҳам муштариён кӯшишҳои бештар бояд ба харҷ дода шаванд, то ки истифодаи ин восита васеъ карда шавад. Қобили қайд аст, ки рушди ҳисоббаробаркуниҳои ғайринақдӣ ва татбиқи онҳо дар тамоми соҳаҳои иқтисоди миллӣ барои ба таври назаррас коҳиш додани иқтисоди пинҳонӣ дар ҷумҳурӣ заминаи мусоид фароҳам меоварад.

70. Ҷумҳурии Тоҷикистон дар қатори кишварҳое қарор дорад, ки аз интиқоли маблағ вобастагӣ дошта, аксари ин маблағҳо ба таври нақдӣ гирифта мешаванд. ТҚМ якҷо бо операторҳои низоми пардохт, ки хизматрасониҳои интиқоли фаромарзии маблағро пешниҳод мекунанд, имкони пайваст намудани интиқоли маблағро бо суратҳисобҳои бонкӣ ё ҳамёни электронӣ бояд баррасӣ намоянд, то ки муштариён тавонанд аз имкониятҳои пардохтҳои рақамӣ истифода баранд. Ҳамчунин, онҳо бояд маҳсулоти мувофиқи қарзӣ ва пасандозиро барои интиқолдиҳандагони маблағ ва барои оилаҳои онҳо бо беҳтар омӯхтани интиқолҳо ва суръати воридоти маблағҳо таҳия намоянд.

71. Новобаста аз дастовардҳои солҳои охир, бозори суғуртаи кишвар рушди минбаъдаро тақозо мекунад. Қаблан бахши суғуртаи Тоҷикистон таҳти назорати Хадамоти назорати давлатии суғуртавии назди Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон қарор дошт. Дар соли 2017 назорати суғурта ба БМТ вогузор шуд ва дар сохтори он Идораи назорати суғуртавӣ таъсис гардид.

72. Ба ҳолати 31 декабри соли 2020 шумораи ташкилотҳои суғуртавӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон 18 адад, аз ҷумла 2 ташкилоти суғуртавии давлатӣ ва 16 ташкилоти суғуртавии хусусиро ташкил дод.

Ҳаҷми умумии дороиҳои ташкилотҳои суғуртавӣ дар давраи соли ҳисоботӣ ба 412,4 млн сомонӣ расонида шуд. Ҳиссаи дороиҳои ташкилотҳои суғуртавӣ дар ҳаҷми умумии низоми молиявии кишвар 1,5 фоиз ва 0,5 фоизи ММД ташкил дод. Сармояи худии ташкилотҳои суғуртавии кишвар дар соли 2020 андозаи 217,4 млн сомониро ташкил дода, дар муқоиса бо соли 2019 6,7 фоиз афзоиш ёфт, ки ин аз нигоҳи суботи молиявӣ ва пардохтпазирии ташкилотҳои суғуртавӣ як падидаи мусбат маҳсуб меёбад. Дар давоми соли 2020 афзоиши ҳаҷми пардохтҳои суғуртавӣ мушоҳида гардида, андозаи 19,0 млн сомониро ташкил дод. Шумораи умумии шартномаҳои дар соли 2020 басташуда 1662 ҳазор ададро ташкил намуд, ки нисбат ба ҳамин давраи соли 2019 ба теъдоди 341,5 ҳазор адад камтар аст. Сарфи назар аз таъсири манфии пандемияи COVID-19 ба иқтисодиёти миллӣ, дар соли 2020 воридшавии мусбати мукофоти суғуртавӣ мушоҳида шуд, ки ин яке аз нишондиҳандаҳои фаъолияти босамари ташкилотҳои суғуртавӣ ва манбаи асосии даромади онҳо мебошад. Дар соли 2020 маблағи умумии мукофоти суғуртавӣ 235,8 млн сомониро ташкил дод, ки он нисбат ба соли 2019 1,5 млн сомонӣ зиёдтар аст (афзоиш – 0,7 фоиз). Ҳаҷми мукофоти суғуртавии воридшуда аз рӯйи суғуртаи ҳатмӣ дар соли 2020 маблағи 66,6 млн сомониро ташкил дод, ки 6,2 млн сомонӣ нисбат ба соли 2019 зиёдтар аст (афзоиш – 8,6 фоиз). Даромад аз ҳисоби мукофоти суғуртаи ихтиёрӣ 168,3 млн сомониро ташкил дод, ки ба 71,3 фоиз аз ҳаҷми умумии мукофоти суғуртавӣ баробар аст ва он дар муқоиса бо соли 2019 ба 5 фоиз афзоиш ёфт. Ин далели рушди бозори суғуртаи ихтиёрӣ дар кишвар мебошад ва аз он шаҳодат медиҳад, ки ташкилотҳои суғуртавӣ бо пешниҳоди хизматрасониҳои муосири суғуртавӣ ба аҳолӣ аз тамоми имконоти мавҷуда барои тақвият додани он истифода мебаранд. Барои дарк намудани сабабҳои чунин тамоюлҳо бояд динамикаи мукофоти суғуртавӣ минбаъд мавриди омӯзиш қарор дода шавад.

73. Барои бартараф намудани сатҳи пасти истифодаи хизматрасониҳои суғурта зарур аст таҳқиқот оид ба талабот гузаронида шавад ва диққати ҷиддӣ ба беҳтар намудани гуногунӣ ва сифати маҳсулоти суғуртавие, ки ташкилотҳои суғуртавӣ пешкаш менамоянд, равона карда шавад. Тақвияти минбаъдаи талаботи меъёрӣ барои дастгирии рушди бозори суғурта, инчунин барои баланд бардоштани иқтидори БМТ ҳамчун мақоми нави танзим ва назорат дар бахши суғурта зарур мебошад.

74. Истифодаи хизматрасониҳои молиявӣ аз ҷониби ССХМ дар сатҳи паст қарор дорад. ССХМ нақши хеле муҳимро дар сохтори соҳибкории Ҷумҳурии Тоҷикистон мебозанд. Тибқи иттилооти низоми «Равзанаи ягона», дар соли 2020 ҳиссаи 90,5 фоиз аз шумораи умумии субъектҳои соҳибкорӣ ба соҳибкорони инфиродӣ (304000 нафар) рост омада, аз ҷамъи умумии онҳо ҳиссаи занҳои соҳибкор 25 фоизро ташкил медиҳад. Бахши зуҳурёбандаи ССХМ дар дурнамои

дарозмуҳлат бо таъмини ҷойҳои нави корӣ ва арзиши иловашуда метавонад ба рушди кишвар мусоидат намояд. Аммо барои ин зарур аст, ки дастрасии онҳо ба маҳсулоти молиявии баландсифат таъмин гардад. Тибқи пурсише, ки дар байни ССХМ соли 2019 гузаронида шудааст (Enterprise Surveys), бо вуҷуди он ки аксари корхонаҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон суратҳисоби бонкӣ доранд, нишондиҳандаи доштани суратҳисоб дар байни корхонаҳои хурд пасттар аст (84 фоиз дар қиёс бо 97 фоиз дар байни корхонаҳои калон ва миёна). Айнан ҳамин хел, теъдоди хеле ками корхонаҳои хурд дар соли 2019 дар бонкҳо қарз доштанд – 13 фоиз дар қиёс бо 25 фоиз ва 33 фоиз мутаносибан дар байни корхонаҳои миёна ва калон (замимаи 5).

75. Истифодаи қарз барои маблағгузории хариди воситаҳои асосӣ барои корхонаҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар муқоиса бо кишварҳои муқоисашаванда мушкил аст. Агарчӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамагӣ 2 фоизи корхонаҳои кишвар бо ин мақсад аз бонк қарз гирифта бошанд, пас дар кишварҳои Аврупо ва Осиёи Марказӣ ин нишондиҳанда 13 фоиз ва дар кишварҳои дорои сатҳи пасти даромад 7 фоизро ташкил медиҳад (замимаи 6).

76. Мутобиқи маълумоти БМТ ҳаҷми бақияи қарзҳои низоми бонкӣ дар субъектҳои иқтисодӣ дар солҳои 2013 ва 2015 афзоиш ёфта, дар солҳои 2016-2019 баръакс коҳиш ёфт. Зиёдшавии бақияи қарзҳо дар корхонаҳо дар соли 2020 ба назар расида, андозаи он 10965,3 млн сомониро ташкил намуд. Гузашта аз ин, ҳиссаи бақияи қарзҳои низоми бонкӣ, ки ба соҳибкорон рост меояд, зери таъсири пайомадҳои буҳрони молиявии ҷаҳонии солҳои 2013-2020 коҳиш ёфтааст (замимаи 7).

77. Айни замон механизмҳои дурусти таҳияшуда барои тақсимоти хавфҳо вуҷуд надоранд. Яке аз чунин механизмҳо метавонад кафолати қарзҳо бошад. Механизми таъмини кафолати қарзҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 2013 ба сифати Фонди кафолати қарзҳои Тоҷикистон таъсис дода шуд. Ин ташкилоти байналмилалӣ бо дафтари марказӣ дар ш. Берлини Ҷумҳурии Федеративии Германия хизматрасониҳои мушаххасро барои бахши молиявии Ҷумҳурии Тоҷикистон якҷо бо дастгирии техникӣ бо мақсади беҳсозии дастрасии маблағгузорӣ барои ССХМ пешниҳод мекунад. Аммо амали механизми мазкур маҳдуд боқӣ мемонад, зеро то ҳол танҳо 3 бонк ва 3 ТМХ-ро бо хизматрасониҳои худ фаро гирифтааст. Барои вусъат додани истифодаи механизми тақсимоти хавфҳо такмили заминаи меъёрии ҳуқуқӣ ва инфрасохтори ниҳодӣ зарур мебошад.

78. Ҳамин тариқ, қарздиҳии фаъолтар ба ССХМ-ро мумкин аст аз ҳисоби рушди минбаъдаи хизматрасониҳои қарздиҳӣ дар асоси ҳаракати воситаҳои пулӣ (аз ҷумла истифодаи васеътари чунин воситаҳо, ба монанди CLARA), табодули беҳтари иттилооти қарзӣ ва воситаҳои муосири таҳлилии БТҚ, инчунин аз ҳисоби истифодаи самараноки низоми нави аҳдҳои таъминшуда, феҳристи гаравҳо ва

механизмҳои тақсимоти хавф дастгирӣ намуд. Маҳсулоти маблағгузории исломиро инчунин метавон барои васеъ гардонидани доираи маҳсулоти ба ССХМ пешниҳодшаванда истифода бурд.

79. Талошҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти дастгирии молиявии ССХМ бояд бо талошҳое, ки дар бахши молиявӣ андешида мешаванд, беҳтар мутобиқ карда шаванд. Соли 2012 дар доираи Барномаи давлатии дастгирии соҳибкорӣ Фонди дастгирии соҳибкорӣ (минбаъд – ФДС) таъсис дода шуд, ки мақсади он таъмини захираҳои молиявии субсидияшуда ба бахши хусусӣ мебошад. Фонд қарзҳоро бо меъёри 12 фоизи солона ба муддати то 3 сол барои корхонаҳои саноатӣ, истеҳсолӣ ва ба содирот нигаронидашуда пешниҳод менамуд. Дар давоми солҳои 2013-2018 ФДС 159 адад қарзро ба маблағи тақрибан 222 млн сомонӣ (тақрибан 22 млн доллари ИМА) пешниҳод намудааст. Ба ҳолати семоҳаи аввали соли 2020 ФДС дар маҷмуъ, тахминан ба маблағи 277 млн сомонӣ (тақрибан 28 млн доллари ИМА) қарз пешниҳод кард. Бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 25 июни соли 2020, №390 Фонд ба КВД БССТ «Саноатсодиротбонк» табдил дода шуд. Бо қарори Раёсати БМТ аз 21 октябри соли 2020, №140 ба КВД БСТТ «Саноатсодиротбонк» барои иҷрои амалиётҳои бонкӣ иҷозатнома дода шуд. Ба тарафҳои манфиатдор зарур аст, ки нақши бонки навро якҷоя ҳамоҳанг, муҳокима ва муайян намоянд, то ки фаъолияти бонк вусъат дода шуда, дар баробари ин, тавассути пешниҳоди субсидияи меъёри фоиз, шароитҳои нобаробар ва таъсири манфӣ ба бахши хусусӣ пешгирӣ карда шавад.

### §4. Сифати маҳсулоти молиявӣ ва пешниҳоди хизматрасонӣ

80. Нишондиҳандаи сифати маҳсулоти молиявӣ ва пешниҳоди хизматрасонӣ мутобиқати маҳсулот ва хизматрасониҳои молиявӣ ба талаботи муштариён, доираи имкониятҳои барои муштариён дастрасбуда, ҳамагуна монеаҳои барои истифодаи маҳсулоти молиявӣ мавҷудбуда (масалан, хароҷот барои истифода ё монеаҳо барои гирифтани қарз), ҳимояи ҳуқуқҳои истеъмолкунандагони хизматрасониҳои молиявӣ ва саводнокии молиявии истеъмолкунандагон бо дар назардошти сатҳи огаҳии муштариён ва фаҳмиши маҳсулоти молиявиро инъикос менамояд.

### §5. Гуногуншаклии маҳсулоти молиявӣ

81. Бо вуҷуди пешрафти назаррас дар истифодаи хизматрасониҳои молиявии асосӣ гуногуншаклии аксари ин маҳсулот ба назар намерасад:

- маҳсулоти қарзии дар бозор дастрасбуда ба доираи нисбатан васеи самтҳо, аз ҷумла рушди корхона, фаъолияти кишоварзӣ, истеъмол (мисол, қарз барои хариди мошин, қарзҳои фаврӣ, қарзҳо барои мутобиқат ба тағйироти иқлим, хароҷоти тиббӣ, таҳсил, қарзҳо барои

хариди маҳсулоти истеъмолӣ бо таъхирандозии муҳлати пардохт ва ғайра) нигаронида шудааст. Бонкҳо ва ТМХ асосан як қатор маҳсулоти ҳамонанди қарзиро пешниҳод мекунанд ва фарқияти асосӣ дар ҳаҷми қарз мебошад, ки одатан дар бонкҳо зиёдтар аст. Бонкҳо, инчунин тамоюлеро доранд, ки доираи васеи маҳсулоти дуюмдараҷаро (гуногунии маҳсулоти асосии қарзӣ) пешниҳод намоянд ва дар муқоиса бо ТМХ дар коҳиш ёфтани бозор камтар ҳавасманд мебошанд. Пешниҳоди қарзҳои хурд ин самти асосии фаъолияти ТМХ мебошад, бинобар ин, ТМХ фоизҳои нисбатан баландро муқаррар мекунанд. Дар маҷмуъ, пешниҳоди маҳсулоти қарзӣ ба аҳолӣ дар бозор нисбат ба маҳсулоти дигари бонкӣ беҳтар ба роҳ монда шудааст;

- кортҳои кредитӣ бо назардошти маҳдудиятҳои махсуси техникӣ воқеан вуҷуд надоранд. Ба ҷойи онҳо кортҳои дебетӣ бо имконияти изофабардошт мавҷуданд, ки айни замон дар байни аҳолӣ барои гирифтани қарзи истеъмолӣ истифода бурда мешаванд. Аксари кортҳои пардохтии бонкии баровардашуда кортҳои дебетии низоми пардохтии миллии «Корти миллӣ» мебошанд, ки имкониятҳои функсионалии онҳо дар мавриди истифодабарӣ маҳдуданд. Новобаста аз ин, низоми пардохтии миллии «Корти миллӣ» ва ТҚМ дар самти вусъатдиҳии имкониятҳои функсионалии онҳо кор бурда истодаанд.

82. Маҳсулоти амонатӣ дар бозори молиявии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар миқёси хурдтар пешниҳод мешаванд. Аксари ташкилотҳои молиявӣ дар сандуқи худ дорои маҳсулоти амонатӣ мебошанд, лекин дар муқоиса бо таблиғи маҳсулоти қарзӣ, барои пешбурди фаъоли маҳсулоти амонатӣ кӯшиши зиёд ба харҷ намедиҳанд. Қисман ин бо зарурати кӯшишҳои бештар барои ҷалби амонатгузорон, махсусан дар пасманзари муфлисшавии ду бонки кишвар (ҶСП «Фононбанк» ва ҶСП «БСТ ТИСТ Тоҷпромбонк») дар соли 2018, ки муштариёни онҳо ҳоло ҳам дар баргардонидани пасандозҳои худ душворӣ мекашанд, алоқаманд аст. Одатан, ТҚМ якчанд маҳсулоти амонатӣ доранд, аз ҷумла амонатҳои муҳлатнок ва амонатҳои дархостӣ. Маҳсулоти асосӣ пасандозҳо барои кӯдакон, пасандозҳо барои чорабинии мушаххас ва амонатҳои муҳлатнокро дар бар мегиранд. Чанде пеш ба номгӯии маҳсулоти амонатӣ намуди пасандозе илова гардид, ки ба ҷамъ кардани маблағҳои аз муҳоҷирони меҳнатӣ бадастомада равона шудааст, аммо маҳсулоти мазкур ба таври васеъ истифода бурда намешавад. Ҳам амонатҳои дархостӣ ва ҳам амонатҳои муҳлатнок, одатан, мавҷуд будани бақияи ҳадди ақалли ҳатмиро талаб мекунанд. Бозор бо шумораи маҳдуди амонатҳои дархостшаванда аз ҷониби аҳолӣ тавсиф меёбад, зеро бонкҳо ба пешниҳоди амонатҳои муҳлатнок афзалият медиҳанд, то ки онҳо имконияти беҳтар пешгӯӣ намудани ҳаракати воситаҳои пулии худро дошта бошанд. Якчанд ТҚМ як қатор маҳсулоти гуногуни пасандозиро пешниҳод мекунанд, аз қабили, имконияти

истифодабарии пасандоз ҳамчун гарави пулӣ аз рӯи қарз, пасандоз барои таъмири хона, пасандозҳои кӯтоҳмуҳлат ва дарозмуддат барои шахсони ҳуқуқӣ ва муштариёни корпоративӣ бо имконияти пур кардан ва пасандозҳои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ, ки нақшаи сафар доранд ё тасмими адои ҳаҷ гирифтаанд. Бо вуҷуди он ки меъёри фоиз аз рӯи амонатҳои муҳлатнок метавонад солона то 12 фоизро ташкил диҳад, зиёда аз 52 фоизи муштариён мехоҳанд, ки меъёри фоиз баландтар бошад, то ки онҳо тавонанд пасандозҳои худро дар бонкҳо нигоҳ доранд. Байни омилҳои дигаре, ки метавонистанд ба амонатгузорӣ мусоидат намоянд, респондентон имконияти бозпас гирифтани маблағ дар вақти дилхоҳ (32,4 фоиз), сифати беҳтари хизматрасонии бонкӣ (27 фоиз) ва кафолати бехатарии маблағҳои пасандозшударо (22,2 фоиз) номбар карданд. Тақрибан 14,6 фоизи муштариён мехостанд, ки андозаи бақияи ҳадди ақалли ҳатмии пасандоз кам карда шавад, дар ҳоле ки байни сокинони деҳот ин нишондиҳанда баландтар аст (15,5 фоиз).

83. Бо таъсис додани ММПИМ ва ба он пайваст кардани низомҳои пардохт, ба монанди Контакт, Юнистрим ва Western Union таҳвилгарон ба омӯхтани роҳҳои нав ва алтернативии интиқоли фаромарзии маблағ, аз ҷумла интиқоли маблағ аз корт ба кортро низ оғоз намуданд. Пешбурди ташаббуси мазкур ба бозори низомҳои пардохтии кортӣ таъсири мусбат расонид.

84. Ҳамёнҳои электронии ТҚМ доираи хизматрасониҳои фосилавии бонкиро васеъ намуда, сифати пешниҳоди хизматрасониро ба муштариён баланд мебардорад. Дар кишвар 12 ТҚМ бо интиқоли маблағҳои электронӣ машғуланд, ки ба муштариён истифодаи ҳамёнҳои электрониро барои анҷом додани пардохтҳо имкон медиҳанд. Баъзеи онҳо дар шарикӣ бо операторҳои шабакаи алоқаи мобилӣ (минбаъд – ОШАМ) роҳандозӣ мегарданд, аз қабили «Мегафон Лайф» (ТАҚХ «Ҳумо» ва ОШАМ «Мегафон»), «ТезСум» (Аввалин бонки молиявии хурд ва ОШАМ «Tcell») ва «MyBabilon» (якчанд ТҚМ ва ОШАМ» Babilon»). Истифодабарандагон, одатан, замимаҳоро ба дастгоҳи мобилии худ барои дастрасӣ ба доираи васеи хизматрасониҳо, масалан барои пардохти хизматрасониҳои коммуналӣ, хариди мол ва дар нуқтаҳои савдо бо истифода аз QR-рамз дастрас мекунанд. Аксари ҳамёнҳои электрониро метавон бо истифода аз терминалҳои пардохтӣ ё интиқоли маблағ аз суратҳисоби бонкӣ пур намуд. Бо вуҷуди он ки ТҚМ кӯшиш мекунанд роҳҳои беҳтар ва инноватсионии хизматрасониҳои молиявии рақамиро пешниҳод намоянд, зарурияти таъмини ҳамгироии техникӣ ва ҳисоббаробаркунии пардохтҳо бо истифода аз QR-рамзҳои ТҚМ дар қисми пардохтҳои босуръати НАБИМ вуҷуд дорад.

85. Заминаи меъёрии ҳуқуқию бахши суғурта, ки тули солҳои охир фароҳам оварда шудааст, метавонад ба рушди он мусоидат кунад.

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти суғуртавӣ», ки соли 2016 қабул карда шудааст, се гурӯҳи асосии суғуртаро пешбинӣ менамояд, аз ҷумла суғуртаи ҳатмии давлатӣ, суғуртаи ҳатмӣ ва суғуртаи ихтиёрӣ. Суғуртаи ҳатмӣ асосан суғуртаи ҳатмии ҷавобгарии соҳибони воситаҳои нақлиётро дар бар мегирад. Нишондиҳандаҳои суғуртаи ҳаёт ва суғуртаи хизматрасониҳои бонкӣ дар сатҳи паст қарор доранд.

86. Бо назардошти он ки 96,8 фоизи аҳолии Тоҷикистонро мусулмонон ташкил медиҳанд (https://countrymeters.info/ru/Tajikistan), имкониятҳои рушди маҳсулоти маблағгузории исломӣ вуҷуд дорад. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти бонкии исломӣ» соли 2014 қабул гардид ва соли 2017 шуъбаи назорати бонкдории исломӣ дар сохтори департаменти назорати бонкии БМТ ташкил карда шуд. Моҳи сентябри соли 2019 дар натиҷаи табдилёбии ҶСК «Соҳибкорбонк» аввалин бонки исломӣ – ҶСК «Тавҳидбонк» таъсис дода шуд. Дар аввали соли 2020 ба ду ТМХ – ҶСП ТАҚХ «Ҳумо» ва ФҚХ «Имон»барои фаъолияти бонкии исломӣ тавассути равзанаҳои бонкии исломӣ иҷозатнома дода шуд. Ин иқдоми аввалин дар таҳияи маҷмуи маҳсулоти махсус барои қонеъ гардонидани талаботи муштариёне шуд, ки ба истифодаи хизматрасониҳои низоми бонкӣ бинобар эътиқодҳои динии худ майл надоштанд (тибқи иттилооти глобал финдекс дар соли 2017 12 фоизи аҳолии қобили меҳнати Тоҷикистон қайд намуд, ки онҳо бинобар эътиқодҳои динӣ суратҳисоби бонкӣ надоранд). То имрӯз барои муайян намудани сатҳи огоҳӣ ва талабот ба маҳсулоти маблағгузории исломӣ кам таҳқиқот гузаронида шудааст.

## §6. Ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагони хизматрасониҳои молиявӣ

87. Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аҳамияти ҳимояи ҳуқуқҳои истеъмолкунандагони хизматрасониҳои молиявӣ ва саводнокии молиявиро барои рушди бахши молиявӣ эътироф кардааст ва дар ин самт дар давоми даҳсолаи охир корҳои зиёде дар кишвар анҷом дода шудаанд. Ҳимояи ҳуқуқҳои истеъмолкунандагони хизматрасониҳои молиявӣ (минбаъд – ҲҲИХМ) дар Стратегияи рушди низоми бонкӣ барои солҳои 2010-2015 инъикос карда шудааст. Стратегияи мазкур БМТ ва Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистонро (ВМҶТ) ҳамчун мақомоти масъули такмили заминаи меъёрӣ ва ҳуқуқӣ барои ҲҲИХМ ва баланд бардоштани сатҳи саводнокии молиявӣ муайян намудааст. Дар Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 зарурати мукаммалгардонии минбаъдаи заминаи қонунгузории бахши молия барои баланд бардоштани сатҳи шаффофият ва эътимоднокии ташкилотҳои молиявӣ ва ҳимояи ҳуқуқҳои истеъмолкунандагони хизматрасониҳои молиявӣ низ эътироф шудааст.

88. Дар нахустин таҳқиқоти ташхисии масъалаҳои ҲҲИХМ аз ҷониби Бонки Ҷаҳонӣ соли 2013 гузаронидашуда (беҳтар намудани ҳимояи ҳуқуқҳои истеъмолкунандагон ва саводнокии молиявӣ дар Тоҷикистон) тавсия дода шуд, ки таҷрибаи ҲҲИХМ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бояд ба таҷрибаи пешқадами байналмилалӣ наздик карда шавад. Яке аз пешниҳодҳо ба БМТ вогузор намудани масъулият барои мониторинг ва таъмини ҳимояи ҲҲИХМ, инчунин таҳияи стратегияи миллӣ дар самти саводнокии молиявӣ мебошад. Дар соли 2014 тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Бонки миллии Тоҷикистон» ворид карда шуд, ки онҳо фароҳам овардани шароити мусоидро барои ҲҲИХМ пешбинӣ мекунанд ва ваколатҳои БМТ барои андешидани тадбирҳои ислоҳкунандаи амалиётӣ ва чораҳо барои бартараф намудани вайронкунии ҳуқуқҳои истеъмолкунандагон васеъ карда шуданд.

89. Тибқи тавсияҳои Бонки ҷаҳонӣ дар охири соли 2015 шуъбаи ҲҲИХМ дар сохтори БМТ таъсис дода шуд. Вазифаҳои зерин ба шуъбаи мазкур вогузор карда шуданд, аз ҷумла таҳияи қоидаҳои ҳимояи ҳуқуқҳои истеъмолкунандагони хизматрасониҳои молиявӣ, мониторинги риояи қоидаҳои ҲҲИХМ аз ҷониби таҳвилгарони хизматрасониҳои молиявӣ, баррасии шикоятҳо, саводнокии молиявӣ ва маълумоти молиявӣ. Дар соли 2017 шуъба ба идора табдил дода шуд. Дар соли 2018 тағйиру иловаҳо ба қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти бонкӣ»ва «Дар бораи ҳимояи ҳуқуқҳои истеъмолкунандагон» қабул карда шуданд, ки дар натиҷа ин иқдом ваколатҳои ҳуқуқии БМТ дар соҳаи ҲҲИХМ муайян ва таҳким бахшида шуданд. Таъсиси идораи ҲҲИХМ дар соли 2015 дар сохтори БМТ қадами муҳим дар фароҳам овардани заминаи меъёрии ҳуқуқӣ мебошад. Идора бояд низоми назоратро таҳия намуда, иқтидори худро оид ба масъалаҳои татбиқи фаъолияти назоратӣ бо мақсади пурра амалӣ намудани чорабиниҳои назоратӣ ва ислоҳкунанда баланд бардорад. Идораи ҲҲИХМ БМТ бояд воситаҳои зарурии назоратиро барои таъмини низоми боэътимоди назорати рафтор дар бозори хизматрасониҳои молиявӣ таҳия намояд. Бо ин мақсад соли 2020 БМТ тартибро барои санҷиши фосилавии маълумоти нашршудаи ТҚМ қабул кард. БМТ бояд методологияи арзёбии хавфҳоро дар асоси шикоятҳои бевосита аз истеъмолкунандагон қабулшуда, инчунин дар асоси маълумоти дигари дахлдор таҳия намояд.

90. Бо дар назардошти тағйироти назаррас дар бозори молиявии Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин рушди таҷрибаи пешқадами байналмилалӣ ГБҶ дар соли 2019 баррасии нави масъалаҳои ҲҲИХМ ва саводнокии молиявиро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон гузаронид. Мақсади баррасӣ аз муқоиса намудани заминаи меъёрию ҳуқуқии амалкунанда, сохторҳои институтсионалӣ ва таҷрибаи бозор дар соҳаи ҲҲИХМ бо таҷрибаҳои пешқадами байналмилалӣ, инчунин пешниҳоди тавсияҳо оид ба рушди минбаъдаи низоми ҲҲИХМ дар

Ҷумҳурии Тоҷикистон, иборат буд. Соли 2020 Стратегияи ҲҲИХМ-ро барои муайян кардани самтҳо ва чорабиниҳои минбаъда дар соҳаи ҲҲИХМ таҳия кард. Стратегияи ҲҲИХМ ба сифати санаде хизмат мекунад, ки БМТ ҳамчун замина барои гузаронидани ислоҳот қабул намуда, ба такмили минбаъдаи низоми ҲҲИХМ, ҳамоҳангсозии фаъолият дар соҳаи ҲҲИХМ, ассотсиатсияҳои ҲҲИХМ ва тарафҳои дигари манфиатдор равона шудааст.

91. Дар асоси корҳо оид ба таҳқиқоти ташхисӣ, инчунин мувофиқи стратегияи нави ҲҲИХМ норасоии зерин дар соҳаҳои асосии ҲҲИХМ муқаррар карда шуд, аз ҷумла заминаи меъёрию ҳуқуқӣ ва назорат (аз ҷумла, заминаи ҳуқуқӣ, механизмҳои институтсионалӣ ва ваколатҳо, фаъолияти назоратӣ ва ҳуқуқи истифодабарӣ). Новобаста аз он ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон қонуни умумӣ дар бораи ҳифзи ҳуқуқҳои истеъмолкунандагон амал мекунад, қонунҳои алоқаманд бо бахши молия ва санадҳои меъёрии ҳуқуқии БМТ муқаррароти муайянеро оид ба ҳимояи ҳуқуқҳои истеъмолкунандагон дар бар мегиранд, лекин барои ҳимояи ҳуқуқҳои истеъмолкунандагони хизматрасониҳои молиявӣ заминаи ҳуқуқии фарогир вуҷуд надорад.

92. Вазифаҳои назоратии идораи ҲҲИХМ ва воҳидҳои дигари сохтории БМТ, ки дар назорат иштирок мекунанд, мушаххас карда шаванд ва механизмҳои ҳамоҳангсозии байни идораи ҲҲИХМ ва воҳидҳои сохтории БМТ, аз он ҷумла аз рӯйи зарурат дар самти мубодилаи иттилоот ва захираҳо, инчунин фаъолияти якҷоя таҳия карда шаванд.

93. Татбиқи муқаррароти ҲҲИХМ бояд дар ваколатҳои идораи ҲҲИХМ БМТ дар робита бо ҳама шаклҳои хизматрасониҳои молиявӣ ва ТХМ, аз ҷумла суғуртакунӣ ва хизматрасониҳои пардохти чакана пешбинӣ карда шаванд.

94. Ташкилотҳои молиявӣ ӯҳдадоранд ба истеъмолкунандагон иттилоот пешниҳод намоянд, аммо на ҳатман дар шакли стандартӣ, ки ин имкон медиҳад бо ташкилотҳои дигари молиявӣ муқоиса карда шавад. Талабот нисбати шаффофият ва ифшои оммавии маълумот дар байни намудҳои мухталифи таъминкунандагони хизматрасониҳои молиявӣ қиёснопазир мебошанд. Муқаррароти ҷорӣ дар қонунгузорӣ ва санадҳои меъёрии ҳуқуқии БМТ дар бораи бонкҳо ва ТМХ, ки бо талаботи ифшои маълумот ва шаффофият алоқаманданд, минбаъд такмил дода шуда, талаботи меъёрии муфассал оид ба ифшои маълумот, муқаррароти алоқаманд бо шакл, усул, муҳтаво ва муҳлати ифшои маълумот ба истифодабарандагон ва ҳама марҳилаҳои фарогирандаи муносибат бо истеъмолкунандагонро (мисол марҳилаҳои бастани шартнома/пеш аз бастани шартнома, маълумот бо далелҳои асосӣ, шарт ва муҳлатҳо, иқтибос аз рӯйи суратҳисобҳо/расидҳо оид ба амалиёти иҷрошуда, тағйири шартҳо) бояд дар бар гирад. Қабули Дастурамали №241 «Дар бораи тартиби ба

истеъмолкунандагони ташкилотҳои қарзии молиявӣ ифшо намудани маълумот оид ба хизматрасониҳои бонкӣ» ва Дастурамали №242 «Дар бораи талабот ба нашри маълумот аз ҷониби ташкилотҳои қарзии молиявӣ» дар соли 2020, ки як қатор талаботро барои ифшои маълумот муқаррар мекунанд, қадами муҳим дар ин самт мебошад.

95. Қонунҳои амалкунанда ва қарорҳои БМТ муқаррароти маҳдуд ва парокандаи алоқаманд бо муносибати одилона ва пешбурди касбии фаъолияти соҳибкориро (бо назардошти шарту шароит ва таҷрибаҳои ноодилона, мутобиқати маҳсулот ба ҳаракати муштариён, агентҳо, ҷубронпулии ҳайати кормандон ва агентҳо, қаллобӣ ва сӯиистифода аз дороиҳои муштарӣ) дар бар мегиранд. ТМХ кодекси рафторро барои аъзои худ дастгирӣ менамоянд, аммо кодекси ягона барои соҳаи бонкӣ ва суғурта вуҷуд надорад. Таҳия ва қабули талаботи меъёрӣ оид ба муносибати одилона ба истеъмолкунандагон ва рафтори касбии ТХМ, аз ҷумла нисбат ба шароити ноодилона, амалияи гурӯҳбандии маҳсулот ва хизматрасониҳои молиявӣ ва сарборӣ намудани маҳсулот/хизматҳои иловагӣ, расмиёт ва сиёсати фурӯш, мувофиқати маҳсулот, вақт барои фикрронӣ аз рӯйи намудҳои алоҳидаи маҳсулоти молиявӣ, пеш аз муҳлат қатъ намудан, қобилияти мутобиқшавии истеъмолкунандагон, поквиҷдонӣ ва салоҳиятнокии кормандони дахлдор ва шахсони сеюм, ки аз номи ТХМ амал мекунанд, пешгирии бархӯрди манфиатҳо ҳангоми пардохти музди меҳнати кормандон ё агентҳо ва усулҳои ситонидани қарзҳоро талаб мекунад.

96. Дар самти ҳифзи маълумот ва махфият (бо дар назардошти ҷамъоварии қонунӣ ва истифодаи маълумот оид ба муштарӣ, мубодилаи иттилоот оид ба муштариён) Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳимояи маълумотҳои шахсӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» соли 2018 қабул шудааст, лекин то ҳол пурра мавриди амал қарор нагирифтааст. Бояд таъмин карда шавад, ки Қонун татбиқи қарорҳои иноватсиониро фарогир бошад, аз ҷумла хизматрасониҳои молиявӣ дар шакли бонкдории кушода ва интерфейси барномасозии амалӣ, ки барои онҳо муқаррароти зарурии бо таҳвили маълумот алоқаманд, қоидаҳои мубодилаи иттилоот дар бораи муштарӣ, розигии муштарӣ ва ғайра зарур буда метавонад. Бо мақсади риояи Қонуни мазкур масъалаи ба имзо расонидани ёддошти тафоҳум байни БМТ ва Хадамоти алоқаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиҳати ба роҳ мондани ҳамкории назорати бахши молиявӣ оид ба ҳимояи маълумоти шахсӣ бояд баррасӣ карда шавад. Зимнан низоми ҷории махфият - сирри бонкӣ бояд қатъиян риоя карда шавад.

97. Бо вуҷуди он ки ташкилотҳои молиявӣ талаботи қонунгузории умумии алоқаманд бо баррасии шикоятҳои шаҳрвандонро (аз ҷумла механизмҳои дохилии баррасии шикоятҳо ва ҳалли расмии баҳсҳои ғайрисудӣ)-ро иҷро мекунанд, вале маълум нест, ки то чӣ андоза

санади меъёрии ҳуқуқии мазкур дар бахши молиявӣ самаранок риоя мешавад. Ба назар мерасад, ки сатҳи огоҳии муштариён дар бораи механизмҳои баррасии шикоятҳо паст мебошад ва муштариён аз онҳо истифода намебаранд. Барои таъмини фаъолияти самарабахши механизмҳои ҳалли баҳсҳо, аз ҷумла муқаррар кардани талаботи ҳадди ақал нисбат ба механизмҳои дохилии баррасии шикоятҳои ТХМ андешидани чораҳои иловагӣ зарур аст. Дар нақшаи дурнамои нисбатан дарозмуддат имконияти таъмин намудани механизмҳои ҳалли ғайрисудии баҳсҳо, ба монанди омбудсмени молиявӣ бояд дида баромада шавад. Таҳия ва қабули талаботи меъёрӣ, аз ҷумла дастурамалҳо барои ҲҲИХМ зарур мебошад. Талаботи мазкур ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мурочиати шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ» оид ба баррасии шикоятҳо, ки бояд ҳадди ақал ифшои маълумоти мушаххас оид ба тарзи пешниҳоди шикоят аз ҷониби муштарӣ, шабакаҳои барои ин мақсад дастрасбуда ва мустақилияти соҳибкорӣ оид ба баррасии шикоятҳо иборат мебошад, мувофиқ гардонида шавад. Талабот бояд ба андоза ва мураккабии ҲҲИХМ мутаносиб бошад.

98. Дар соли 2020 идораи ҲҲИХМ-и БМТ зиёда аз 2386 шикояти дорои хусусияти гуногунро қабул намуда, баррасӣ кардааст. Аксари шикоятҳо ба амонатҳо, қарзҳо ва сифати хизматрасонӣ дахл доштанд. Дар оянда раванди баррасии шикоятҳо аз ҷониби идораи ҲҲИХМ-и БМТ ҷиҳати самаранок истифода бурдани захираҳои худ ба тартиб дароварда шавад. Дар охир, оғоз намудани арзёбии заминаи дахлдори институтсионалӣ барои ҳалли баҳсҳои беруна дар Ҷумҳурии Тоҷикистон зарур дониста мешавад. Дар доираи СМФМ кӯшишҳо оид ба рушди муосир ва эътимодноки низоми ҲҲИХМ идома ёфта, мутобиқ бо таҷрибаҳои пешқадами ҷаҳонӣ вусъат дода мешаванд.

## §7. Саводнокии молиявӣ

99. Барои таҳияи Стратегияи маърифати молиявӣ заминаи мустаҳкам, хусусан ҷонибдории мақомоти давлатӣ ва омодагии бахши хусусӣ вуҷуд дорад. Дар соли 2016 ҳукумати ҷумҳурӣ Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то 2030-ро қабул намуд, ки он зарурати таҳия ва татбиқ намудани Барномаи давлатии баланд бардоштани саводнокии молиявии аҳолиро пешбинӣ мекунад.

100. Аз аввали солҳои 2000, бонкҳо ва ҳам ТМХ аҳамияти баланд бардоштани саводнокии молиявии муштариёнро дар доираи уҳдадориҳои иҷтимоии худ дарк карда, аксари онҳо барнома ва чорабиниҳои амалии худро пешниҳод намуданд. Дар мавриди фаъолияти расмӣ ва ҳамоҳангкардашуда намунаи муваффақи он ба давраи аз соли 2014 то 2019 рост меояд. Дар он давра КБМ Барномаи саводнокии молиявиро таҳия ва амалӣ намуд. Барномаи мазкур мавриди дастгирии БМТ қарор гирифт. Барнома муносибатҳои шарикиро бо 15 ташкилоти молиявии пешбар, ки дар баланд

бардоштани саводнокии молиявии аҳолӣ иштироки фаъол доштанд, барпо намуд ва ин чорабинӣ зуд ба маъракаи миллии баланд бардоштани саводнокии молиявӣ табдил ёфт. Дар хотимаи барнома, ки ба соли 2019 рост омад, тақрибан 470000 нафар аҳолӣ бо курсҳои таълимӣ ва машваратии гуногун фаро гирифта шуданд ва дар доираи он зиёда аз 2500 нафар кормандони шуъбаи амалиётии ТХМ оид ба усулҳои машваратдиҳии молиявӣ омӯзонида шуданд.

101. Лоиҳаи дигари КБМ дар солҳои 2019-2021 қисматеро дар бар мегирад, ки ба баланд бардоштани саводнокии рақамии молиявӣ, тавассути иттилоотонии аҳолӣ дар бораи хизматрасониҳои рақамии мавҷуда, истифода ва манфиати онҳо ва беҳтар намудани малакаҳои аҳолӣ оид ба истифодаи онҳо равона шудааст.

102. Аз соли 2014 БМТ дар чорабинии солонаи умумиҷаҳонӣ-Ҳафтаи ҷаҳонии пул, ки аз ҷониби Барномаи байналмилалӣ оид ба маблағгузории кӯдакон ва ҷавонон гузаронида мешавад, иштирок мекунад. Дар соли 2012 бо мақсади ҳавасманд кардани кӯдакон ва ҷавонон барои гирифтани маълумот дар бораи пул, пасандозҳо, таъмини воситаҳои зиндагӣ, бо кор таъминкунӣ, инчунин дар бораи роҳандозӣ кардани фаъолияти соҳибкорӣ зиёда аз 100000 нафар аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз тариқи гузаронидани чорабиниҳо ва ташаббусҳо дар доираи ин маъракаи ҷаҳонӣ фаро гирифта шуданд. Соли 2020 ҳама ТҚМ-и кишвар ва ташкилотҳои байналмилалӣ, аз ҷумла КБМ, дар чорабинии мазкур фаъолона иштирок варзиданд.

103. Инчунин, аз соли 2016 инҷониб БМТ дар Рӯзи байналмилалии пасандоз иштирок мекунад, ки ҳадафи асосии он дастгирӣ ва таҳкими ғояи сарфаи маблағ мебошад. Соли 2020 БМТ дар якҷоягӣ бо шарикони рушд чорабинии сафарбарнамоии маблағҳои молиявӣ, экскурсияҳо, тренингҳо ва чорабиниҳои дигари маърифатиро гузаронид ва бо ин таваҷҷуҳи зиёди аҳолиро ҷалб намуд.

104. Азбаски дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барномаи расмии таълими молиявӣ барои мактаббачагон вуҷуд надорад, БМТ ва Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон бо Фонди хазинаи амонатӣ ва муносибатҳои байналмилалии Олмон (минбаъд – ФХАМБО) бо мақсади роҳандозӣ намудани як қатор лоиҳаҳои таҷрибавии омӯзиши молиявӣ ҳамкорӣ мекунанд. Ворид намудани омӯзиши молиявӣ дар барномаҳои таълимии мактабҳо яке аз ҳадафҳои лоиҳа мебошад. Лоиҳаҳои таҷрибавӣ барои муайян кардани ба истилоҳ «афзоишдиҳандагон», яъне «дастурдиҳандагони калон», ки дастурдиҳандагон–муаллимони маҳаллии мактабро меомӯзонанд, нигаронида шудаанд. Дар натиҷа 571 омӯзгор омӯзонида шуданд, ки онҳо бо 29 000 хонанда дар саросари кишвар кор мекунанд. Чорабиниҳо ҳамчунин дарсҳоро дар бораи маърифати молиявӣ (бо фарогирии 6000 кӯдак) ва 11 гурӯҳи таълимии пилотиро барои хонандагони синфҳои 9 ва 11 дар бар гирифтанд. Вазорати маориф ва

илми Ҷумҳурии Тоҷикистон саҳми моддӣ гузошта, муҳтавои нақшаи таълимиро барои хонандагон тасдиқ мекунад.

105. Бонки Аврупоии Таҷдид ва Рушд (БАТР) Барномаи «Занҳои соҳибкор»-ро аз соли 2017 инҷониб амалӣ мекунад. Тибқи маълумоти БАТР, корхонаҳои роҳбаронашон занҳо дар Тоҷикистон бинобар мавҷуд набудани маҳсулоти молиявӣ ва хизматрасониҳои махсус бо мушкилиҳои иловагӣ дучор мешаванд (Бюллетени иттилоотии Барномаи БАТР «Занҳои соҳибкор» дар Тоҷикистон). Занҳо 3,5 маротиба бештар аз аъзои оила ва дӯстони худ қарз мегиранд. Сатҳи пасти саводнокии молиявӣ ва малакаҳои нокифояи соҳибкорӣ низ имкониятҳои пешбурди тиҷорат ва дастрасӣ ба шабакаҳои донишро барои занҳо маҳдуд месозад. Гузашта аз ин, барои таъмини дастрасии занҳои соҳибкор ба маблағ тавассути хатҳои махсуси қарзӣ, БАТР ҷиҳати бештар рақобатпазир кардани корхонаҳо, дастгирии машваратӣ, аз ҷумла омӯзиш, роҳнамоӣ ва намуди дигари дастгириро пешниҳод мекунад, то ки занҳои соҳибкор имконияти мубодилаи таҷриба бо ҳамтоёни худ ва фурсати омӯзиш аз ҳамдигарро дошта бошанд.

106. Тибқи натиҷаҳои таҳқиқоти саводнокии молиявӣ, ки аз ҷониби СҲИР дар 7 кишвари Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил (ИДМ) дар соли 2017 гузаронида шуд, аз рӯйи се қисмати саводнокии молиявӣ – маърифат, рафтор ва муносибат Тоҷикистон баҳои нисбатан пастро касб намуд. Дар натиҷа баҳои кишвар аз 21 холи имконпазир 11 хол буда, дар байни 7 кишвари дар таҳқиқот иштирокдошта дорои нишондиҳандаҳои пасттарин гардид (замимаи 7).

107. Тибқи натиҷаҳои таҳқиқоти СҲИР аз рӯйи маърифатнокӣ танҳо яке аз даҳ нафар аҳолии калонсол дар Ҷумҳурии Тоҷикистон холи ҳадди ақалли зерҳадафро ба даст овард. Ғайр аз ин, 17 фоиз иброз намуданд, ки онҳо ба чор ва зиёдтар аз ҳафт савол ҷавоб дода наметавонанд. Инчунин, посухдиҳандагон дар муқоиса бо ҳамтоёни худ аз кишварҳои дигар дар бораи он ки дар сурати бетағйир мондани сатҳи таваррум қобилияти харидории пул чӣ гуна тағйир меёбад, тасаввуроти камтар доштанд (31 фоизи посухдиҳандагон ҷавоби дуруст доданд). Шумораи ками посухдиҳандагон робитаи байни хавф ва даромадро дуруст мефаҳманд (дар муқоиса бо нишондиҳандаи миёнаи 7 кишвар, ки ба 67 фоиз баробар аст, танҳо 31 фоизи посухдиҳандагон ҷавоби дуруст доданд). Гузашта аз ин шумораи камтари занҳо нисбат ба мардон холи ҳадди ақалли зерҳадафро ба даст оварданд. Хулосаи мазкур ҳатто бо назардошти омилҳои дигар низ дуруст боқӣ мемонад. Сатҳи маърифати молиявӣ дар умум байни занҳо назар ба мардон пасттар мебошад. Он дар маҳалҳои деҳот ва шаҳракҳо, дар байни шахсони кӯдакдор, шахсони дорои сатҳи пасти даромад ва шахсоне, ки пас аз муассисаи таҳсилоти миёнаи умумӣ маълумот нагирифтаанд, пасттар буд. Ҳиссаи посухдиҳандагон дар

Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки дар бораи ҳадди ақал 5 намуди маҳсулоти молиявӣ маълумот доштанд (45 фоиз), дар байни 7 кишвар аз ҳама паст буд.

108. Беш аз нисфи посухдиҳандагон (53 фоиз) дар Ҷумҳурии Тоҷикистон холи ҳадди ақалли ҳадафро аз рӯйи рафтор ба даст оварданд. Шумораи бештари мардон дар муқоиса бо занҳо холи мазкурро ба даст оварданд. Ҳиссаи аҳолии калонсол, ки масъули пули хонавода ва пешбурди буҷет мебошанд, дар Тоҷикистон аз ҳама паст аст (44 фоиз). Ғайр аз ин, камтар аз нисфи аҳолии калонсол (48 фоиз) дар давоми 12 моҳи гузашта фаъолона маблағ пасандоз кардаанд. Ин маънои онро дорад, ки аксари аҳолии калонсолро метавон ба омӯхтани масъалаҳои асосӣ ва воситаҳои идоракунии даромад ва хароҷот равона намуд. Қайд кардан ба маврид аст, ки аҳолии калонсол дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба хароҷоти бемулоҳиза майл надорад. Аз ин бармеояд, ки пеш аз анҷом додани харид мардум дар зеҳни худ ҳисоб мекунанд, ки оё тавони пардохт намудани арзиши ин ё он молро доранд ё не. Аксари истеъмолкунандагон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон махсусан қайд карданд, ки дар интихоби маҳсулоти молиявӣ суръат муҳим аст (75 фоизи шахсоне, ки чанде пеш маҳсулоти молиявиро интихоб карданд, чунин ҷавоб доданд). Ҳамчунин, онҳо барои гирифтани маълумоти мустақил ё маслиҳат ба ҳисоби миёна камтар муроҷиат мекарданд (27 фоиз), ки ин метавонад аз хавфи интихоби маҳсулоти нодуруст шаҳодат диҳад. Холи рафтори молиявӣ дар байни занҳо, шахсони синну солашон 18-29 ва шахсони дорои даромади паст, аҳолии қобили меҳнати бекор ва дорои танҳо маълумоти миёна аз ҳама паст буд. Намунаи иловагии СХМ нисбат ба холи миёнаи аҳолии қобили меҳнат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба рафтори молиявӣ холи баландтарро касб намуд.

109. Дар мавриди муносибат танҳо 42 фоизи аҳолии калонсол нишондиҳандаи ҳадди ақалли зерҳадафро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ноил шуданд, ки ҳиссаи аз ҳама баланд дар байни 7 кишвар буд. Дар Тоҷикистон ҳиссаи аз ҳама калони аҳолии калонсол дар ҷавоб қайд намуданд, ки бо фикри зиндагии танҳо барои имрӯз ва хавотир нашудан аз фардои худ комилан розӣ намебошанд (51 фоиз), ҳиссаи шахсоне, ки комилан розӣ буданд, инчунин нисбатан баланд буд (24 фоиз), ки аз тафовути назаррас дар муносибат/фаҳмиш дар байни аҳолӣ гувоҳӣ медиҳад. Тафовутҳо дар фаҳмиши масъалаҳои молиявӣ вобаста аз андозаи ҷомеаҳо мушоҳида мешавад. Дар ин маврид холи аз ҳама паст ба шаҳракҳои хурд рост меояд. Аҳолии синну солашон 20-29 назар ба гурӯҳҳои дигар холи аз ҳама баландро соҳиб шуданд. Намунаи иловагӣ аз рӯйи аҳолии деҳот дар мавриди муносибат ба масъалаҳои молиявӣ дар муқоиса бо холи миёнаи аҳолии калонсол дар Ҷумҳурии Тоҷикистон холи аз ҳама баландро касб намуд.

110. Дар аввали соли 2020 БМТ таҳқиқоти миллии арзёбии соҳаҳои асосии алоқаманд бо истифодабарии маҳсулоти молиявӣ ва саводнокии молиявии аҳолиро гузаронд. Баъзе ҷавобҳое, ки дар умум аксари хулосаҳои асосии таҳқиқоти СҲИР-ро тасдиқ мекунанд, дар поён оварда шудаанд. Аммо бинобар истифодаи усули дигар ва маҷмуи дигари саволҳо натиҷаҳои тадқиқотро наметавон бо натиҷаҳои таҳқиқоти СҲИР муқоиса кард:

- вобаста ба огоҳӣ аз маҳсулот ва хизматрасониҳои молиявӣ 18,4 фоизи посухдиҳандагон дар бораи ягон маҳсулот ва хизматрасонии молиявӣ маълумот надоштанд (дар ҳудуди аз 11,9 фоиз дар Хатлон то 39 фоиз дар Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, ҳол он ки дар шаҳри Душанбе зиёда аз чоряки аҳолӣ дар бораи ягон хизматрасонии молиявӣ маълумот надошт). Маҳсулоте, ки дар бораи он аксари аҳолӣ маълумот дошт, корти пардохтии бонкӣ мебошад, ки бо суратҳисоби маош ё нафақа пайваст карда шудааст (50,4 фоиз), пас аз он – қарзҳо, новобаста аз таъмин будан ё набудани онҳо бо гарав (мутаносибан 36,1 ва 39,1 фоизи посухдиҳандагон), суғуртаи амволи хона (28,8 фоиз) ва маҳсулоти амонатӣ/пасандозҳо (26,5 фоиз) меистанд. Чоряки аҳолӣ аз маҳсулоти боқимонда хабар доштанд. Таҳқиқот фарқияти назаррасро дар байни аҳолии деҳот ва шаҳр нишон надод, ҳол он ки тафовути равшану возеҳ дар байни минтақаҳо вуҷуд дорад;
- вобаста ба дониши молиявӣ танҳо 10 фоизи посухдиҳандагон ба саволи таъсири таваррум ба қобилияти харидорӣ ва 20,5 фоиз ба саволи таъсири фоизҳои мураккаб тавонистанд ҷавоби дуруст диҳанд. Ҳамзамон, аксари посухдиҳандагон аз мафҳуми таваррум огоҳӣ доштанд (53,1 фоиз), робитаи байни хавфу даромад (64,6 фоиз – бар хилофи натиҷаҳои таҳқиқоти СҲИР) ва консепсияи гурӯҳбандии хавфҳоро мефаҳманд (65,5 фоиз). Ба ғайр аз фарқиятҳои минтақавӣ, ҳиссаи мардоне, ки ҷавоби дуруст доданд, нисбат ба занҳо баландтар буд, ки он бо сатҳи маълумотнокӣ низ робита дошт;
- вобаста ба эътимод ба низоми бонкӣ тақрибан нисфи посухдиҳандагон иттилоъ доданд, ки эътимоди онҳо ба бонкҳо тайи 10 соли охир афзудааст (48,6 фоиз) – сатҳи баландтарини эътимод дар ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ (53,4 фоиз) ва сатҳи аз ҳама пасти эътимод дар Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон (25 фоиз) ба назар мерасад. Сатҳи эътимод дар байни ҷавонон баландтар буд (дар ҳудуди 52,8-55,3 фоиз дар зергурӯҳҳои ҷавонтар аз 35-сола) ва сатҳи аз ҳама паст дар байни пиронсолон (33,1 фоиз) ба қайд гирифта шуд;
- вобаста ба рафтори молиявӣ 42,6 фоизи посухдиҳандагон қайд карданд, ки ба нигоҳдории пул дар хона афзалият медиҳанд, дар ҳоле ки 45 фоиз қайд намуданд, ки пасандоз надоранд. Ҳиссаи нафарони бепасандоз дар байни занҳо нисбат ба мардон бештар буд. Дар ин ҷо фарқияти назаррас аз рӯйи минтақаҳо мушоҳида гардид, аз ҷумла танҳо 3,6 фоизи посухдиҳандагон дар ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ пасандозҳои

худро расман дар бонкҳо нигоҳ медоранд ва бо вуҷуди сатҳи пасти эътимод ба бонкҳо то 17,1 фоизи шахсон дорои пасандозҳои расмӣ дар Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон мебошанд, (ба ҳисоби миёна 5,7 фоиз шахсоне, ки пасандозҳои расмӣ доранд). Бар хилофи натиҷаҳои таҳқиқоти СҲИР 78,6 фоизи посухдиҳандагон қайд карданд, ки буҷети хонаводаро назорат мекунанд;

- вобаста ба омилҳое, ки ба қарорҳои молиявӣ таъсир мерасонанд, аксари посухдиҳандагон қайд карданд, ки омилҳои асосӣ дар интихоби маҳсулоти молиявӣ барои онҳо суръати гирифтани маҳсулот/хизматрасонӣ (30,7 фоиз), боварӣ ба ТҚМ (20,2 фоиз) ва таҷрибаи пешинаи истифодабарии маҳсулоти молиявӣ (15,3 фоиз) мебошанд. Зиёда аз 42 фоиз қайд карданд, ки ҳангоми интихоби маҳсулоти молиявӣ онҳо асосан таҳти таъсири дӯстон ва оила қарор доранд. Камтар аз панҷ як ҳиссаи посухдиҳандагон таҳти таъсири таблиғот ё маълумоти ТХМ мебошанд (мутаносибан 18,8 ва 17,2 фоиз). Натиҷаҳои мазкур ба натиҷаҳои таҳқиқоти СҲИР дар соли 2017 монандӣ доранд. Чун маълумотнокӣ дар ин ҷо тафовут дар афзалиятҳои посухдиҳандагон вобаста аз минтақаҳо дида мешавад. Дар минтақаҳои деҳот, ки дастрасӣ ба интернет дар сатҳи паст қарор дорад, ҳиссаи шахсони таҳти таъсири шабакаҳои иҷтимоибуда аз ҳама паст мебошад, яъне 8 фоиз дар қиёс бо 21 фоиз дар минтақаҳои шаҳрӣ.

111. Кӯшишҳо дар самти маърифати молиявӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон асосан пароканда мебошанд, ки чунин вазъият равонасозии диққати бештарро ба ҳамоҳангсозии беҳтар талаб мекунад. Тарафҳои манфиатдори ба гузаронидани омӯзиши молиявӣ ҷалбшуда на ҳама вақт чорабиниҳоро бо якдигар ҳамоҳанг месозанд. Чунин ҳолат ҳам барои иштирокдорони бахши молиявӣ ва ҳам ба иштирокдорони дигар, ба монанди мақомоти давлатӣ ва бахши хусусӣ тааллуқ дорад. Дар робита бо сегментҳои мушаххас ва талаботи онҳо ба беҳтар намудани саводнокии молиявӣ маълумот ва тадқиқот кифоят намекунад ва ҳамчунин фаҳмиши амиқи таъсири хусусиятҳои фарҳангӣ ва мафкура ба рафтори молиявӣ мавҷуд нест. Дар умум, аз натиҷаҳои таҳқиқоти гузаронидашуда маълум мешавад, ки огоҳии аҳолӣ дар бораи маҳсулот ва хизматрасониҳои молиявӣ ва ҳамчунин оид ба ҲҲИХМ дар сатҳи паст қарор дорад.

112. Барои ҳалли ин масъала БМТ бо СҲИР дар давоми солҳои 2018-2019 оид ба пешниҳоди кумаки техникӣ барои таҳияи стратегияи омӯзиши молиявӣ гуфтушунид гузаронд. Дар соли 2019 СҲИР хоҳиши худро нисбат ба ҳамкорӣ бо БМТ дар ин самт иброз намуд. Дар доираи дастгирии техникии банақшагирифташуда СҲИР нақшаи чорабиниҳоро таҳия намуда, ба идораи ҲҲИХМ-и БМТ пешниҳод кард, ки он ҳамчун асос барои таҳияи стратегияи омӯзиши молиявӣ дар якҷоягӣ бо мушовирони СҲИР истифода бурда мешавад.

# 4. МУШКИЛОТ ВА САМТҲОИ АМАЛИСОЗИИ СТРАТЕГИЯ

113. Мушкилоти асосӣ вобаста ба дастрасӣ ба хизматрасониҳои молиявӣ инҳоянд:

1) дар қисмати дастрасии воқеӣ:

- фарогирии нобаробари минтақаҳо бо нуқтаҳои дастрасии воқеӣ;
- нокифоятии фаъолнокии шабакаҳои терминалӣ ва банкоматҳо;
- нокифоятии шабакаи агентҳои бонкии пардохтӣ;

2) дар қисмати танзимкунӣ:

- заминаи меъёрию ҳуқуқӣ такмил ва таҳкими дастгирии рушди устувори молияи рақамӣ ва дастрасии молиявиро талаб менамояд;

3) дар қисмати инфрасохтори молиявӣ/ҳамкории муштарак:

- таносуби нокифояи шумораи банкоматҳо ва терминалҳо бо кортҳои пардохтии бонкӣ;
- хусусияти хоси ташкили марказҳои протсессингӣ;
- набудани ҳамгироии байнибонкӣ (пардохтҳо тавассути QR-рамзҳо, ҳамёни электронӣ, амалиётҳои интиқолӣ байни шахсони воқеӣ (P2P));

4) дар қисмати инфрасохтори интернетӣ ва мобилӣ:

- фарогирии маҳдуди интернет, арзиши баланд, суръати паст, фарогирии нобаробари минтақавӣ, мушкилоти пайвастшавӣ.

114. Мушкилоти асосӣ вобаста ба истифодаи хизматрасониҳои молиявӣ инҳоянд:

1) дар қисмати хизматрасониҳои молиявӣ – суратҳисобҳо, пасандозҳо ва қарз:

- мавҷуд набудани иттилоот дар бораи истифодабарандагони нодири хизматрасониҳои молиявӣ;
- интиқоли маблағ ва ҳамёнҳои электронӣ ба таври кофӣ ба суратҳисобҳо пайваст набуда, дар доираи амалиётҳои дигари бонкӣ истифода намешаванд;
- аз ҷониби муштариён афзалияти бештар додан ба пардохтҳои нақдӣ ва ҳавасманд набудани НСХ, барои ба таври васеъ истифода бурдани воситаҳои электронии пардохтӣ монеа эҷод менамоянд;
- мавҷудияти гурӯҳҳо, ки бо хизматрасониҳои молиявӣ фаро гирифта нашудаанд;

2) дар қисмати суғурта:

- ҳаҷми нокифояи бозори суғурта;
- камбудиҳо дар заминаи меъёрию ҳуқуқӣ;
- маълумоти нокифоя оид ба бозори суғурта;

3) дар қисмати маблағгузории ССХМ:

- дастрасии нокифояи ССХМ ба қарзҳо;
- камбудиҳо дар маҳсулоти ба ССХМ пешниҳодшаванда (дастрасии маҳдуд ба қарзҳо барои хариди воситаҳои асосӣ, коҳиш додани ҳаҷми умумии қарздиҳӣ);
- мубодилаи нокифояи маълумоти қарзӣ бо ССХМ;

- истифодаи маҳдуди усулҳо ва воситаҳои алтернативии қарздиҳӣ (қарздиҳӣ аз ҳисоби ҳаракати воситаҳои пулӣ, рейтинги қарзӣ, феҳристи гаравҳо, механизмҳои тақсимоти хавф ва ғайра);
- ҳамоҳангсозии нокифояи талошҳои давлат ва бахши хусусӣ.

115. Мушкилоти асосӣ вобаста ба гуногуншаклии маҳсулоти молиявии мавҷуда инҳоянд:

1) дар қисмати маҳсулоти молиявӣ:
- маҳдудияти навъҳои маҳсулоти амонатӣ;
- маҳдудияти функсионалии кортҳои пардохтии бонкӣ ва ҳамёнҳои электронӣ;
- нокифоятии пайвастии амалиётҳои интиқоли маблағ ва ҳамёнҳои электронӣ бо суратҳисобҳои бонкӣ;

2) дар қисмати суғурта:
- мавҷуд набудани маҳсулоти гуногун ва муносиби суғуртавӣ;
- набудани рақобат барои пешниҳоди суғуртаи ҳатмӣ;

3) дар қисмати бонкдории исломӣ:
- иттилооти нокифоя оид ба талабот;
- кам будани таҳвилгарон ва маҳсулот;
- сатҳи пасти маълумотнокӣ, набудани воситаҳои махсуси саводнокии молиявӣ;
- нокифоятии заминаи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ;

116. Мушкилоти асосӣ вобаста ба ҲҲИХМ инҳоянд:

1) дар қисмати заминаи меъёрию ҳуқуқӣ ва назоратӣ:
- мавҷуд набудани заминаи меъёрию ҳуқуқии маҷмуӣ;
- низоми назорати ба таври кофӣ рушднаёфта;
- иқтидори нокифоя дар бахши пешбурди назорат;

2) дар қисмати ифшои маълумот ва шаффофият:
- ифшои нопурраи маълумот;
- талаботи нокифоя нисбат ба таъмини шаффофият;

3) дар қисмати муносибати одилона ва пешбурди касбии фаъолият:
- муқаррароти маҳдуд ва пароканда, ки ба муносибати одилона ва пешбурди фаъолият алоқаманд мебошанд;

4) дар қисмати ҳимояи иттилоот ва махфият:
- риояи нокифояи реҷаи махфият;

5) дар қисмати механизмҳои ҳалли масъалаҳои баҳсталаб:
- талаботи нопурраи ҳадди ақал нисбат ба механизмҳои дохилии баррасии шикоятҳо оид ба масъалаҳои ҲҲИХМ;
- мавҷуд набудани механизмҳои ҳалли ғайрисудии баҳсҳо, ба монанди омбудсмени молиявӣ;

117. Мушкилоти асосӣ вобаста ба саводнокии молиявӣ инҳоянд:

1) дар қисмати ҳамоҳангсозӣ ва содагардонӣ:

- мавҷуд набудани ҳамоҳангсозии кофӣ байни мақомоти давлатӣ, бахши молия ва таҳвилгарони дигари давлатӣ ва хусусии таълими молиявӣ;

- мавҷуд набудани стратегияи маърифати молиявӣ;

2) дар қисмати маълумоти нокифоя оид ба гурӯҳҳои мушаххас ё сегментҳои аҳолӣ ва ҳадафгирии онҳо:

- набудани иттилоот оид ба сегментҳои мушаххас;

- набудани маълумот дар бораи таъсири хусусиятҳои фарҳангӣ, менталитет ва муносибатҳои молиявӣ;

- сатҳи пасти огаҳӣ дар бораи хизматрасониҳои молиявӣ, инчунин ҳимояи ҳуқуқҳои истеъмолкунандагони хизматрасониҳои молиявӣ;

- камбудиҳои амиқтар дар саводнокии молиявӣ дар байни сегментҳои мушаххаси аҳолӣ (занҳо, сокинони деҳот, ҷавонон, аҳолии камбизоат);

- набудани барномаҳои таълими молиявӣ дар муассисаҳои таҳсилоти умумӣ;

- набудани барномаҳои омӯзиши молиявии мутобиқгардида, аз ҷумла барномаи зиддибуҳронии омӯзиши молиявӣ.

118. Самтҳои асосии амалигардонии СМФМ дар нақшаи чорабиниҳои амалисозии Стратегияи ҲҲИХМ пешбинӣ карда шудааст (замимаи 2 ба қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон).

## 5. МЕХАНИЗМИ ҲАМОҲАНГСОЗӢ ВА ТАТБИҚИ СТРАТЕГИЯИ МИЛЛИИ ФАРОГИРИИ МОЛИЯВӢ

### §1. Муқаррароти умумӣ оид ба ҳамоҳангсозӣ ва татбиқи СМФМ

119. Барои ноил гаштан ба мақсадҳои СМФМ аз ҷониби тарафҳои манфиатдор сохтори идоракунии СМФМ таҳия мегардад, ки ҳамчун механизми идоракунии СМФМ ҷиҳати ҳамоҳангсозӣ ва татбиқи самараноки чорабиниҳои СМФМ хизмат мекунад. Сохтори идоракунии СМФМ аз мақомоти зерин таъсис дода мешавад:

- Шӯрои ҳамоҳангсозии СМФМ;

- Кумитаи иҷроияи СМФМ;

- гурӯҳҳои кории мавзуӣ (ГК) аз рӯйи самтҳои асосии СМФМ;

- гурӯҳи кории махсуси ҷузъӣ барои васеъ кардани ҳуқуқ ва имкониятҳои иқтисодии занҳо ва ҷавонон.

### §2. Шӯрои ҳамоҳангсозии СМФМ

120. Нақши Шӯрои ҳамоҳангсози СМФМ аз роҳнамоӣ дар сатҳи баланд ҷиҳати татбиқи СМФМ, таъмини иштироки васеи тарафҳои манфиатдор ва ҳисоботдиҳӣ оид ба ноилшавӣ ба мақсадҳои СМФМ иборат аст. Фаъолияти Шӯрои ҳамоҳангсози СМФМ таҳти роҳбарии БМТ амалӣ мегардад ва якчанд муовинони раис тибқи қарори Шӯро

интихоб мегарданд. Ҳайати Шӯрои ҳамоҳангсози СМФМ аз аъзои дорои ҳуқуқи қабули қарор ва овози машваратӣ иборат мебошад.

121. Ҳайати аъзои асосии Шӯрои ҳамоҳангсози СМФМ дар сатҳи роҳбарони аввали мақомоти давлатии зерин таъсис дода шуда, бо теъдоди ин мақомот маҳдуд намешавад:

- Бонки миллии Тоҷикистон;
- Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- Кумитаи телевизион ва радиои назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- Хадамоти алоқаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.

122. Ба ҳайати аъзои дорои овози машваратии Шӯрои ҳамоҳангсози СМФМ намояндагони бахши хусусӣ ва ташкилотҳои байналмилалӣ дохил мешаванд ва теъдоди онҳо маҳдуд намешавад:

- Ассотсиатсияи бонкҳои Тоҷикистон;
- Ассотсиатсияи ташкилотҳои маблағгузории хурди Тоҷикистон;
- Ассотсиатсияи миллии занҳои соҳибкори Тоҷикистон;
- Ассотсиатсияи миллии ташкилотҳои суғуртавии Тоҷикистон;
- Ассотсиатсияи миллии соҳибкорони хурду миёнаи Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- Гурӯҳи Бонки Ҷаҳонӣ;
- Корпоратсияи Байналмилалии Молиявӣ;
- Бонки Аврупоии Таҷдид ва Рушд;
- Созмони Ҳамкорӣ ва Рушди Иқтисодӣ;
- Котиботи давлатии робитаҳои иқтисодии Швейтсария.

123. Шӯрои ҳамоҳангсозии СМФМ дорои ваколатҳои зерин мебошад:

- таъмини принсипҳои умумии роҳбарикунанда барои татбиқи СМФМ;
- таъсиси мақоми идоракунии масъалаҳои СМФМ;
- бартараф кардани монеаҳо дар рафти татбиқи СМФМ;
- таъмин ва ҷудо кардани захираҳо барои татбиқи СМФМ;
- тасдиқи нақшаи татбиқ ва нақшаҳои солонаи СМФМ;
- додани тавсияҳо барои тарафҳои манфиатдори СМФМ;
- мубодилаи маълумот бо ташкилотҳои байналмилалӣ;

- гузаронидани арзёбии умумии рафти амалисозии СМФМ;
- ворид кардани тағйирот ба нақшаи умумии амалисозии СМФМ.

124. Ҷаласаҳои Шӯрои ҳамоҳангсозии СМФМ ҳамасола на камтар аз як маротиба гузаронида мешаванд. Аъзои Шӯрои ҳамоҳангсозии СМФМ метавонанд дар ҷаласаҳо бо ҳузури шахсӣ ё фосилавӣ иштирок намоянд. Тартиби гузаронидани ҷаласаи Шӯрои ҳамоҳангсозии СМФМ ва рӯзномаи он аз ҷониби Кумитаи иҷроияи СМФМ таҳия ва тасдиқ мегардад. Ҷаласаи якуми Шӯрои ҳамоҳангсозии СМФМ-ро БМТ даъват мекунад.

## §3. Кумитаи иҷроияи СМФМ

125. Вазифаи Кумитаи иҷроияи СМФМ амалӣ кардани идоракунии ҳамарӯзаи чорабиниҳои СМФМ, ташкил ва дастгирии чорабиниҳои мақомоти дигари идоракунии СМФМ, аз ҷумла Шӯрои ҳамоҳангсози СМФМ ва гурӯҳҳои кории СМФМ-ро дар бар мегирад. Ҳайати Кумитаи иҷроияи СМФМ бо қарори Шӯрои ҳамоҳангсозии СМФМ муайян карда мешавад.

126. Кумитаи иҷроияи СМФМ аз мансабҳои зерин иборат мебошад:

- роҳбари Кумитаи иҷроияи СМФМ (доимӣ);
- ҳамоҳангсози Кумитаи иҷроияи СМФМ (доимӣ);
- мутахассиси мониторинг ва арзёбӣ (доимӣ ё муваққатӣ);
- кормандони таҳқиқотӣ/коршиносони техникӣ (тибқи зарурат ҷалб мешаванд).

127. Кумитаи иҷроияи СМФМ дорои вазифаҳои зерин мебошад:

1) ташкили робита ва ҳамкорӣ дар сохтори идоракунии СМФМ:

- муайян кардани соҳаҳое, ки дар онҳо тавсияҳо ё захираҳо заруранд ва робита бо тарафҳои манфиатдори дахлдор дар Шӯрои ҳамоҳангсози СМФМ;
- таъмини иштироки гурӯҳҳои корӣ оид ба масъалаҳои муҳим ва ҷалби коршиносони техникӣ аз рӯйи зарурат;
- робита бо тарафҳои манфиатдор барои ташкили ҳамоҳангӣ ва омӯзиш;
- таъмини ҳамоҳангӣ ва сифати нақшаҳои амалисозии чорабиниҳои СМФМ;
- таъмини дастгирии маъмурӣ барои ҳамоҳангсозии даъвати мақомоти давлатӣ, аз ҷумла Шӯрои ҳамоҳангсози СМФМ ва гурӯҳҳои корӣ;

2) гузаронидани чорабиниҳои мониторинг ва арзёбии СМФМ:

- ҳамоҳангсозӣ ва стандартикунонии ҷамъоварии иттилоот оид ба СМФМ;
- таҳия ва татбиқи низоми пайгирии нақшаи чорабиниҳо барои мониторинги рафти амалисозии чорабиниҳои СМФМ ва таъмини риояи ҷадвали амалисозӣ;

- ҷамъоварии маълумоти аз рӯйи аломатҳои гендерӣ тақсимшуда дар доираи талаботи ҳисоботгузорӣ ва пешниҳоди он ба Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва БМТ ҷиҳати таъмини дастрасии умумӣ ва истифодаи ин маълумот барои қонеъ намудани талаботи занҳо ва ССХМ ба маҳсулоти молиявӣ;

- ҷамъоварии маълумот дар сатҳи СМФМ ва талошҳои арзёбӣ ба сифати фишанги техникӣ;

- ҳамоҳангсозӣ ва назорати арзёбии ислоҳот ва барномаҳои аҳаммияти стратегидошта дар самти фарогирии молиявӣ;

- муттаҳидсозӣ ва таҳлили пешрафти татбиқи чорабиниҳои СМФМ;

- ташкил ва гузаронидани арзёбии ҷамъбастии мустақили СМФМ;

3) таъмини ҳисоботдиҳии дахлдор ва саривақтӣ ва пайгирии дастовардҳои СМФМ:

- ҳисоботҳои мунтазам оид ба рафти иҷрои СМФМ, аз ҷумла ҷадвали ноилшавӣ ба натиҷаҳо ва пайгирии чорабиниҳо;

- омода кардани ҳисоботҳои дохилӣ оид ба рафти иҷрои СМФМ барои Шӯрои ҳамоҳангсози СМФМ;

- омода кардани ҳисоботҳои солонаи оммавӣ оид ба рафти иҷрои СМФМ;

- таҳия ва татбиқи стратегияи коммуникатсионӣ ҷиҳати инъикоси рафти иҷрои СМФМ, аз ҷумла бо назардошти масъалаҳои гендерӣ;

- кор бо портали маълумот оид ба фарогирии молиявӣ.

## §4. Гурӯҳҳои кории СМФМ

128. Гурӯҳҳои корӣ аз доираи васеи тарафҳои манфиатдор барои таъмини равиши фарогир ва мутавозин нисбати амалӣ намудани ҳадаф ва чорабиниҳо аз рӯйи ҳар як самти афзалиятноки СМФМ иборат мебошанд. Гурӯҳҳои корӣ ҳамчун платформаи ҳамоҳангсоз ва машваратӣ баҳри пешбурди чорабиниҳои СМФМ хизмат мекунанд, махсусан:

- таъмини иртибот барои пешниҳоди фикру андешаҳо оид ба татбиқи амалҳои СМФМ;

- мусоидат дар ҳамоҳангсозии татбиқи чорабиниҳои СМФМ;

- гузаронидани ҷаласа барои муҳокимаи пешрафт ва таъмини ҳамоҳангсозӣ ва машварат (ё бештар, тавре ки Кумитаи иҷроияи СМФМ салоҳ медонад).

129. Барои доир намудани машваратҳои васеъ оид ба масъалаҳои мушаххас ГК метавонанд барои иштирок дар чорабиниҳои зерин даъват карда шаванд:

- ҷаласаҳои васеи муҳокимавӣ бо иштироки тарафҳои манфиатдор;

- мизҳои мудаввар;

- машварат дар ҷойҳо бо ҷомеа ё дар ташкилотҳои мушаххас;
- муҳокимаҳои ҷамъиятӣ (муҳокимаҳои кушодаи масъалаҳои муҳимми муайяне, ки дар онҳо ба ғайр аз коршиносон, намояндагони ташкилотҳое даъват мешаванд, ки дар ҳалли масъалаи таҳти муҳокима қарорёфта манфиатдор мебошанд, инчунин оммаи васеъ);
- муҳокимаҳо дар гурӯҳҳои зерҳадафи махсус бо қишри муайяни аҳолӣ барои фаҳмидани мушкилиҳои мушаххас ва сабабҳои онҳо.

130.Тартиб ва рӯзномаи ҷаласаҳои ГК аз ҷониби Кумитаи иҷроияи СМФМ муайян карда мешаванд.

## 6. НИЗОМИ МОНИТОРИНГ ВА АРЗЁБӢ

131. Андозагирии пешрафт дар мавриди ноил гардидан ба мақсадҳои фарогирии молиявӣ, ки дар СМФМ оварда шудааст, аз ҷониби Кумитаи иҷроияи СМФМ бо истифода аз низоми мониторинг ва арзёбии СМФМ амалӣ гардида, кормандони масъул барои мониторинг ва арзёбӣ таъин карда мешавад.

### §1. Сарчашмаҳои маълумот

132. Барои ба даст овардани маълумот дар бораи СМФМ дар низоми мониторинг ва арзёбӣ сарчашмаҳои зерини маълумот муайян карда шуданд. Илова бар ин, як қатор таҳқиқоти дигар дар рафти амалисозии СМФМ бо мақсади мукаммал сохтани сарчашмаҳои мавҷуда ва идоракунии раванди пайгирии пешрафт гузаронида мешаванд (замимаи 8).

### §2. Сохтори мониторинг ва арзёбии натиҷаҳо

133. Сохтори мониторинг ва арзёбии натиҷаҳо, ки дар поён оварда шудааст, сохтори арзёбии пешрафт дар самти ноилшавӣ ба мақсадҳои СМФМ, нишондиҳандаҳои микдориро дар бар мегирад. Сохтори мониторинг ва арзёбии натиҷаҳо аз унсурҳои зерин иборат аст:

- мутобиқ намудан бо ҳадафҳои стратегӣ ва амалҳои ба нақшагирифташуда;
- нишондиҳандаҳои калидии самаранокии фаъолият (НКСФ), аз ҷумла:
- қиматҳои ибтидоии НКСФ;
- қиматҳои мақсадноки НКСФ (агар муносиб бошад);
- ҳудудҳои замонӣ барои ноилшавии қиматҳои мақсадноки нишондодашуда;
- манбаъҳои маълумот.

Замимаи 1
ба Стратегияи миллии
фарогирии молиявии
Ҷумҳурии Тоҷикистон
барои солҳои 2022-2026

## Сохтори СМФМ



**Замимаи 2**
**ба Стратегияи миллии**
**фарогирии молиявии**
**Ҷумҳурии Тоҷикистон**
**барои солҳои 2022-2026**

**Шумораи ташкилотҳои қарзии молиявӣ ва воҳидҳои сохтории онҳо дар солҳои 2019-2020**

| Нишондиҳандаҳо | 31 декабри соли 2019 | 31 декабри соли 2020 | Тағйирот (+/-) |
|---|---|---|---|
| **Шумораи умумии ТҚМ** | **75** | **69** | **-6** |
| Бонкҳо, аз ҷумла: | 17 | 19 | 2 |
| - анъанавӣ | 16 | 18 | 2 |
| - исломӣ | 1 | 1 | 0 |
| Ташкилотҳои маблағгузории хурд, аз ҷумла: | 58 | 50 | -8 |
| - ташкилотҳои амонатии қарзии хурд | 22 | 18 | -4 |
| - ташкилотҳои қарзии хурд | 6 | 5 | -1 |
| - фондҳои қарзии хурд | 30 | 27 | -3 |
| **Воҳидҳои сохтории ТҚМ, аз ҷумла:** | **1925** | **1935** | **10** |
| - филиалҳо | 348 | 356 | 8 |
| - марказҳои хизматрасонии бонкӣ | 1577 | 1579 | 2 |

*Сарчашма: БМТ*

**Замимаи 3**
**ба Стратегияи миллии**
**фарогирии молиявии**
**Ҷумҳурии Тоҷикистон**
**барои солҳои 2022-2026**

## Тақсимоти нуқтаҳои дастрасӣ аз рӯйи минтақаҳо ба 100000 нафар аҳолӣ дар соли 2020

| Минтақаҳо | Филиалҳо | Марказҳои хизматрасонии бонкӣ | POS-терминалҳо | Терминалҳои электронӣ дар нуқтаҳои пешниҳоди пули нақд | Банкоматҳо |
|---|---|---|---|---|---|
| Душанбе | 6,2 | 26,4 | 241,4 | 36,2 | 41,4 |
| ШНТҶ | 2,6 | 14,4 | 8,7 | 16,9 | 9 |
| Хатлон | 3,3 | 13,6 | 7,4 | 15,0 | 8,6 |
| Суғд | 4 | 18,4 | 38,9 | 21,5 | 14,1 |
| ВМКБ | 9 | 22,9 | 71,7 | 42,3 | 14,7 |

*Сарчашма: БМТ (соли 2020)*

**Замимаи 4
ба Стратегияи миллии
фарогирии молиявии
Ҷумҳурии Тоҷикистон
барои солҳои 2022-2026**

## Истифодаи хизматрасониҳои молиявии асосӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва кишварҳои қиёсшаванда дар соли 2017




Сарчашма: «Глобал Финдекс» -и Бонки Ҷаҳонӣ 2018

Замимаи 5
ба Стратегияи миллии
фарогирии молиявии
Ҷумҳурии Тоҷикистон
барои солҳои 2022-2026

**Истифодаи хизматрасониҳои молиявии корхонаҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2019**




*Сарчашма: Таҳқиқоти корхонаҳо, Бонки Ҷаҳонӣ, соли 2019*

Замимаи 6
ба Стратегияи миллии
фарогирии молиявии
Ҷумҳурии Тоҷикистон
барои солҳои 2022-2026

## Сарчашмаҳои маблағгузории хариди воситаҳои асосӣ дар соли 2019




*Сарчашма: Таҳқиқоти бизнесӣ, Бонки Ҷаҳонӣ, соли 2019*

Замимаи 7
ба Стратегияи миллии
фарогирии молиявии
Ҷумҳурии Тоҷикистон
барои солҳои 2022-2026

## Ҷузъҳои саводнокии умумии молиявӣ дар давлатҳои собиқ Иттиҳоди Шуравӣ дар соли 2017




*Сарчашма: СҲИР 2018*

Замимаи 8
ба Стратегияи миллии
фарогирии молиявии
Ҷумҳурии Тоҷикистон
барои солҳои 2022-2026

## Сарчашмаҳои дастрасии иттилоот

| Сарчашмаи маълумот | Тарафи талабот/ пешниҳод | Самти андозагирӣ | Сол (охирин) | Басо-мад | Муасси-саи масъул |
|---|---|---|---|---|---|
| Сарчашмаҳои иттилооти миллӣ | | | | | |
| БМТ: Департаменти назорати бонкӣ | Пешниҳод | Фаъолияти бонкии ТХМ, амалиётҳо | 2020 | Солона | БМТ |
| БМТ: Идораи назорати суғуртавӣ | Пешниҳод | Фаъолияти бонкии ТХМ, амалиётҳо | 2019 | Солона | БМТ |
| БМТ: Идораи низоми пардохт | Пешниҳод | Низомҳои пардохт, аҳд, амалиётҳо | 2019 | Солона | БМТ |
| БМТ: Идораи ҳимояи ҳуқуқҳои истеъмолкунандагони хизматрасониҳои молиявӣ | Талабот | Шикоятҳои истеъмолкунандагони хизматрасониҳо | 2019 | Солона | БМТ |
| БМТ: Идораи омор ва тавозуни пардохт<br>БМТ: Пажӯҳишгоҳи илмӣ-таҳқиқотӣ | Пешниҳод / Талабот | Эҳтимолан, шумораи истифодабаранда - гони нодири хизматрасониҳои молиявӣ | Дастрас нест | Солона | БМТ |
| Бюрои таърихи қарзии Ҷумҳурии Тоҷикистон | Талабот | Таърихи қарзӣ; эҳтимолан, шумораи қарзгирони алоҳида | 2019 | Солона | БТҚҶТ |
| Хазинаи суғуртаи пасандозҳои шахсони воқеӣ | Талабот | Эҳтимолан, шумораи амонатгузорони алоҳида | 2019 | Солона | ХСПШВ |
| Феҳристи гаравҳо | Талабот | Шумораи бақайдгирифташу-даи аҳдҳои бо гарав таъминшуда | 2019 | Солона | ВАҶТ |
| Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон | Талабот | Шумораи талабагони мактаб дар барномаи таҳсилоти молиявӣ | Дастрас нест | Солона | ВМИҶТ |
| Сарчашмаҳои маълумот аз ташкилотҳои байналмилалӣ | | | | | |
| Глобал Финдекс | Талабот | Шахсони воқеӣ | 2017 | Сесола | Бонки ҷаҳонӣ |
| Таҳқиқоти дастрасии молиявӣ | Пешниҳод | ТХМ | 2018 | Солона | ХБА |
| Таҳқиқоти саводнокии | Талабот | Аҳолӣ | 2017 | Тағйир меёбад | СҲИР |

| | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| молиявӣ | | | | | |
| Таҳқиқоти корхонаҳо | Талабот | ССХМ | 2019 | Тағйир меёбад | ГБҶ |
| Индекси алоқаи мобилӣ | Муттаҳид - шуда | Аҳолӣ, ОШАМ | 2018 | Солона | GSMA |

**Замимаи 9**
**ба Стратегияи миллии**
**фарогирии молиявии**
**Ҷумҳурии Тоҷикистон**
**барои солҳои 2022-2026**

## Индикаторҳо ва нишондиҳандаҳои асосии Стратегияи миллии фарогирии молиявии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2022-2026

| Соҳаи афзалиятнок | Ҷанбаи фарогирии молиявӣ | Нишондиҳанда | Нишондиҳандаҳои ибтидоӣ, соли 2020 (агар дигар набошад) | Нишондиҳандаи фосилавӣ, соли 2023 | Ҳадаф соли 2026 | Сарчашмаи маълумот | Басомад | Тақсими маълумот |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Молияи рақамӣ | Дастрасӣ | Шумораи филиалҳои бонк барои 100000 нафар аҳолии калонсол | 6 | +9% | +13% | БМТ ХБА | Солона | Шаҳр/деҳот |
| | Дастрасӣ | Шумораи филиалҳои бонк ба 1000 км² | 2 | +9% | +13% | БМТ ХБА | Солона | Шаҳр/деҳот |
| | Дастрасӣ | Шумораи банкоматҳо барои 100000 нафар аҳолии калонсол | 21 | +17% | +27% | БМТ ХБА | Солона | Шаҳр/деҳот |
| | Дастрасӣ | Шумораи банкоматҳо ба 1000 км² | 9,1 | +25% | +42% | БМТ ХБА | Солона | Шаҳр/деҳот |
| | Дастрасӣ | Шумораи терминалҳои электронӣ дар НСХ барои 100000 нафар аҳолии калонсол | 61,0 | +26% | +42% | БМТ | Солона | Шаҳр/деҳот |
| | Дастрасӣ | Шумораи НСХ ба 1000 км² | 27,0 | +35% | +58% | БМТ | Солона | Шаҳр/деҳот |
| | Дастрасӣ | Шумораи терминалҳои худкори худхизматрасон барои 100000 нафар аҳолии калонсол | 96,5 | +8% | +17% | БМТ | Солона | Шаҳр/деҳот |

| Соҳаи афзалиятнок | Ҷанбаи фарогирии молиявӣ | Нишондиҳанда | Нишондиҳандаҳои ибтидоӣ, соли 2020 (агар дигар набошад) | Нишондиҳандаи фосилавӣ, соли 2023 | Ҳадаф соли 2026 | Сарчашмаи маълумот | Басомад | Тақсими маълумот |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | Дастрасӣ | Шумораи терминалҳои худкори худхизматрасон ба 1000 $км^2$ | 42,6 | +15% | +1% | БМТ | Солона | Шаҳр/деҳот |
| | Дастрасӣ | Шумораи агентҳои бонкии пардохтӣ, ки хизматрасониҳои молиявӣ пешниҳод мекунанд | 17 | +15% | +30% | БМТ | Солона | Шаҳр/деҳот |
| | Истифода | Шахсони инфиродие, ки аз интернет истифода мебаранд (% аҳолӣ) | 25 (с.2017) | 30 | 40 | БҶ | Солона | Ҷинс, синну сол, маҳал (шаҳр/деҳот) гурӯҳи даромад |
| | Дастрасӣ/ Истифода | Индекси алоқаи мобилӣ | 40,9 (с.2018) | 45 | 50 | GSMA | Солона | |
| | Истифода | Пардохти рақамиро гузаронид ё қабул кард (% дар синну соли 15+) | 43,9 (с.2017) | 50 | 60 | Финдекс | Сесола | Ҷинс, синну сол, маҳал (шаҳр/деҳот) гурӯҳи даромад |
| | Истифода | Барои пардохтҳои коммуналӣ аз суратҳисоб истифода бурд (% дар синну соли 15+) | 21,7 (с.2017) | 25 | 30 | Финдекс | Сесола | Ҷинс, синну сол, маҳал (шаҳр/деҳот) гурӯҳи даромад |
| | Истифода | Барои пардохти ҳисобҳо ё харид аз интернет истифода бурд (% шахсони синну солашон 15) | 12,8 (с.2017) | 15 | 20 | Финдекс | Сесола | Ҷинс, синну сол, маҳал (шаҳр/деҳот) гурӯҳи даромад |

| Соҳаи афзалиятнок | Ҷанбаи фарогирии молиявӣ | Нишондиҳанда | Нишондиҳандаҳои ибтидоӣ, соли 2020 (агар дигар набошад) | Нишондиҳандаи фосилавӣ, соли 2023 | Ҳадаф соли 2026 | Сарчашмаи маълумот | Басомад | Тақсими маълумот |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | Истифода | Барои дастрасӣ ба суратҳисоб аз телефони мобилӣ ё интернет истифода бурд (% шахсони синну солашон 15+) | 8,3 (с.2017) | 15 | 20 | Финдекс | Сесола | Ҷинс, синну сол, маҳал (шаҳр/деҳот) гурӯҳи даромад |
| | Истифода | Барои харид аз корти кредитӣ ё дебетӣ истифода бурд (% шахсони синну солашон 15+) | 10,8 (с.2017) | 15 | 30 | Финдекс | Сесола | Ҷинс, синну сол, маҳал (шаҳр/деҳот) гӯрухи даромад |
| | Истифода | Шумораи кортҳои пардохтии бонкӣ (дар охири сол, млн адад) | 3,2 | +31% | +2% | БМТ | Солона | Навъи кортҳо, низомҳои пардохт |
| | Истифода | Шумораи амалиётҳо бо истифодаи кортҳои пардохтӣ дар давоми сол (млн адад) | 71,4 | +34% | +56% | БМТ | Солона | Навъи кортҳо, низомҳои пардохт, намуди амалиётҳо |
| | Истифода | Ҳаҷми амалиётҳо бо истифодаи кортҳои пардохтӣ дар давоми сол (млн сомонӣ) | 22530,4 | +33% | +54% | БМТ | Солона | Навъи кортҳо, низомҳои пардохт, намуди амалиётҳо |
| | Истифода | Ҳиссаи амалиётҳои ғайринакдӣ тавассути кортҳои пардохтии бонкӣ дар ҳаҷми умумии | 6,2 | +25% | +50% | БМТ | Солона | Навъи кортҳо, низомҳои пардохт, |

| Соҳаи афзалиятнок | Ҷанбаи фарогирии молиявӣ | Нишондиҳанда | Нишондиҳандаҳои ибтидоӣ, соли 2020 (агар дигар набошад) | Нишондиҳандаи фосилавӣ, соли 2023 | Ҳадаф соли 2026 | Сарчашмаи маълумот | Басомад | Тақсими маълумот |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | амалиётҳо (шахсони воқеӣ), ба истиснои гирифтани пули нақд (% аз шумораи умумии амалиётҳо) | | | | | | намуди амалиётҳо |
| | Истифода | Шумораи ҳамёнҳои электронӣ (дар охири сол фаъол, млн) | 1,7 | +176% | +293% | БМТ | Солона | Бо суратҳисоби бонкӣ васлкарда/ васл карда нашудааст |
| | Истифода | Шумораи амалиётҳои тавассути ҳамёнҳои электронӣ барои пардохти мол ва хизматрасониҳо анҷомдодашуда дар давоми сол (млн) | 10,7 | +149% | +249% | БМТ | Солона | Намуди амалиётҳо |
| | Истифода | Ҳаҷми амалиётҳои тавассути ҳамёнҳои электронӣ барои пардохти мол ва хизматрасониҳо анҷомдодашуда дар давоми сол (млн сомонӣ) | 543,1 | +300% | +500% | БМТ | Солона | Намуди амалиётҳо |
| Гуногунии маҳсулот | Истифода | Суратҳисоб дар ташкилоти қарзии молиявӣ (% шахсони синну солашон 15+) | 47 (с.2017) | 55 | 65 | Финдекс | Сесола | Ҷинс, синну сол, маҳал (шаҳр/деҳот) гурӯҳи даромад |
| | Истифода | Пасандозҳо дар ташкилоти | 11,3 | 14 | 17 | Фин- | Сесола | Ҷинс, синну сол, |

| Соҳаи афзали-ятнок | Ҷанбаи фароги-рии молиявӣ | Нишондиҳанда | Нишондиҳандаҳои ибтидоӣ, соли 2020 (агар дигар набошад) | Нишондиҳандаи фосилавӣ, соли 2023 | Ҳадаф соли 2026 | Сарчашмаи маълумот | Басомад | Тақсими маълумот |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | қарзии молиявӣ дар соли ҳисоботӣ (% шахсони синну солашон 15+) | (с.2017) | | | декс | | маҳал (шаҳр/деҳот) гурӯҳи даромад |
| | Истифода | Қарз аз ташкилоти қарзии молиявӣ ё истифодабарии корти кредитӣ дар соли ҳисоботӣ (% шахсони синну солашон 15+) | 15,5 (с.2017) | 17 | 22 | Фин-декс | Сесола | Ҷинс, синну сол, маҳал (шаҳр/деҳот) гурӯҳи даромад |
| | Истифода | Шумораи шартномаҳои суғуртавӣ дар давоми сол (млн сомонӣ) | 1,66 | 2,05 | 2,07 | БМТ | Солона | Ҷинс, шаҳр/деҳот, навъи маҳсулот |
| | Истифода | Шумораи шартномаҳои ихтиёрии суғурта дар давоми сол (млн) | 1,19 | 1,52 | 1,54 | БМТ | Солона | Ҷинс, шаҳр/деҳот, навъи маҳсулот |
| | Истифода | Шумораи маҳсулоти суғуртаи пешниҳодшуда (навъи маҳсулот) | 43 | +3 | +5 | БМТ | Солона | Навъи маҳсулот, шумораи шартномаҳо |
| | Истифода | Шумораи аҳдҳои бақайдгирифташудаи бо гарав таъминшуда | - | 30,000 | 70,000 | Феҳристи гаравҳо | Солона | Шакли ТХМ (бонкӣ / ғақрибонкӣ), шакли аҳд |
| | Дастрасӣ | Шумораи ташкилотҳои қарзии молиявӣ, ки маҳсулоти | 3 | +5% | +8% | БМТ | Солона | Шакли ТХМ (махсус/умумӣ) |

| Соҳаи афзалиятнок | Ҷанбаи фарогирии молиявӣ | Нишондиҳанда | Нишондиҳандаҳои ибтидоӣ, соли 2020 (агар дигар набошад) | Нишондиҳандаи фосилавӣ, соли 2023 | Ҳадаф соли 2026 | Сарчашмаи маълумот | Басомад | Тақсими маълумот |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | маблағгузории исломӣ пешниҳод мекунанд | | | | | | |
| | Сифат | Шумораи маҳсулоти маблағгузории исломии ташкилотҳои қарзии молиявӣ (навъи маҳсулот) | 2 | +5% | +7% | БМТ | Солона | - |
| Ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагони хизматрасониҳои молиявӣ | Сифат | Шумораи маҳсулоти молиявӣ, ки барои муқоиса тавассути воситаҳои умумии муқоиса дастрас мебошанд | - | 3 | 5 | БМТ | Солона | - |
| | Сифат | Шикоятҳои аз ҷониби ТХМ баррасишуда (% аз шумораи умумӣ) | - | 25 | 50 | БМТ | Солона | Ҷинс, синну сол, шаҳр/деҳот, бахш |
| | Сифат | Санҷиши маълумоти дар сомонаҳои ТХМ нашршуда (% ТХМ) | - | 60 | 70 | БМТ | Солона | Шакли ТХМ |
| | Сифат | Санҷиши маълумоти дар маводҳои ТХМ нашршуда (% ТХМ) | - | 60 | 70 | БМТ | Солона | Шакли ТХМ |
| | Сифат | Санҷиши сиёсат ва тартиботи дохилии ТХМ оид ба пешниҳоди хизматрасонии молиявӣ (% ТХМ) | - | 70 | 90 | БМТ | Солона | Шакли ТХМ |
| | Сифат | Санҷиши шартномаҳо байни ТХМ ва муштариён (қарз, пасандозҳо, суратҳисоб ва ғайра) | - | 70 | 90 | БМТ | Солона | Шакли ТХМ |
| | Сифат | Санҷиши сифати хизматрасонии | - | 50 | 70 | БМТ | Солона | Шакли ТХМ |

| Соҳаи афзалиятнок | Ҷанбаи фарогирии молиявӣ | Нишондиҳанда | Нишондиҳандаҳои ибтидоӣ, соли 2020 (агар дигар набошад) | Нишондиҳандаи фосилавӣ, соли 2023 | Ҳадаф соли 2026 | Сарчашмаи маълумот | Басомад | Тақсими маълумот |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | ТХМ | | | | | | |
| | Сифат | Санҷиши тартиби баррасии шикоятҳо (% ТХМ бо тартиби баррасии шикоятҳо, ки аз ҷониби БМТ тасдиқ шудааст) | - | 70 | 90 | БМТ | Солона | Шакли ТХМ |
| Саводнокии молиявӣ | Сифат | Дониши молиявӣ | 2,6 (с.2017) | 2,8 | 3 | СҲИР, БМТ | Сесола | Ҷинс, синну сол, шаҳр/деҳот |
| | Сифат | Рафтори молиявӣ | 5,5 (с.2017) | 5,8 | 6 | СҲИР, БМТ | Сесола | Ҷинс, синну сол, шаҳр/деҳот |
| | Сифат | Муносибати молиявӣ | 2,8 (с.2017) | 2,9 | 3 | СҲИР, БМТ | Сесола | Ҷинс, синну сол, шаҳр/деҳот |
| | Сифат | Баҳои умумии саводнокии молиявӣ[1] | 11 (с.2017) | 11,5 | 12 | СҲИР, БМТ | Сесола | Ҷинс, синну сол, шаҳр/деҳот |
| | Сифат | Таҳқиқоти мунтазами пешрафти саводнокии молиявӣ ва тағйироти рафтори аҳолӣ | 0 | 1 | 2 | БМТ | Сесола | Ҷинс, синну сол, шаҳр/деҳот |

[1]Баҳои умумии саводнокии молиявӣ ҳамчун ҳосили се баҳои дигар (дониши молиявӣ (ҳадди ниҳоии 7), рафтори молиявӣ (ҳадди ниҳоии 9) ва муносибати молиявӣ (ҳадди ниҳоии 5) ҳисоб карда мешавад. Ин метавонад баҳои дилхоҳ аз 1 то 21 бошад. Дониши молиявӣ баҳои арифметикӣ мебошад (ҳадди ниҳоии 7), ки он ҷамъи ҷавобҳои дурустро ба саволҳо оид ба консепсияҳои асосии молиявӣ (яъне, арзиши пул бо назардошти вақт, таваррум, гуногунии хавфҳо ва ғайра) ифода мекунад. Баҳои рафтор (ҳадди ниҳоии 9) ҳамчун шумораи намудҳои рафтор, ки «аз ҷиҳати молиявӣ асоснок»дониста мешаванд (ба монанди бурдани буҷети хонавода, пасандозҳои фаъол, пардохти саривақти ҳисобномаҳо ва ғайра), ҳисоб карда мешавад. Баҳои муносибатҳо (ҳадди ниҳоии 5) ҳамчун ҷамъи арзишҳои се ҷумла оид ба рафтори молиявии ба ададҳои се тақсимшуда ҳисоб карда мешавад.

| Соҳаи афзалиятнок | Ҷанбаи фарогирии молиявӣ | Нишондиҳанда | Нишондиҳандаҳои ибтидоӣ, соли 2020 (агар дигар набошад) | Нишондиҳандаи фосилавӣ, соли 2023 | Ҳадаф соли 2026 | Сарчашмаи маълумот | Басомад | Тақсими маълумот |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | Сифат | Қоидаҳо барои ҳамоҳангсозии тарафҳои манфиатдор | 0 | 1 | 1 | БМТ | Як бор ҳар сол навсозӣ мешавад | Нақш ва ухдадориҳои тарафҳои манфиатдор |
| | Сифат | Шумораи вохӯриҳои тарафҳои манфиатдор тибқи қоидаҳои нави ҳамоҳангсозӣ ва навкунии озоди маълумот дар бораи пешрафт (ҳадди ақалл як бор ҳар 6 моҳ) | 0 | 7 | 11 | БМТ | Солона | Ҷинс, шаҳр/деҳот |
| | Сифат | Шумораи умумии шахсони бо барномаҳои омӯзиши молиявӣ фарогирифташуда | 0 | 150000 | 500000 | БМТ | Солона | Ҷинс, синну сол, шаҳр/ деҳот, сатҳи даромад, сегмент (масалан, муҳоҷирон, дигарон) |
| | Сифат | Шумораи талабагоне, ки бо барномаҳои таҳсилоти молиявӣ фаро гирифта шудаанд | 0 | 30000 | 100 000 | ВМИ ҶТ | Солона | Ҷинс, синну сол, шаҳр/ деҳот |

**Замимаи 2**
**ба қарори Ҳукумати**
**Ҷумҳурии Тоҷикистон**
**аз 1 июли соли 2022, №314**

## Нақшаи чорабиниҳои амалисозии
## Стратегияи миллии фарогирии молиявии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2022-2026

| Самтҳои асосӣ | № | Чорабиниҳо | Муҳлати иҷро | Масъули иҷро | Сарчашмаҳои маблағгузорӣ* |
|---|---|---|---|---|---|
| 1. Шабакаҳои таҳвил ва хизматрасониҳои молиявии рақамӣ | 1 | Мусоидат намудан ба рушди шабакаҳои дастрасии хизматрасониҳои молиявии рақамӣ | 2022-2024 | БМТ | Шарикони рушд |
| | 2 | Муайян намудани доираи хизматрасониҳо, ки метавонанд тавассути шабакаҳои дастрасии хизматрасониҳои молиявии рақамӣ пешниҳод шаванд | 2022-2024 | БМТ, ВМҶТ | Шарикони рушд |
| | 3 | Муайян кардани доираи хизматрасониҳои молиявӣ, ки метавонанд аз ҷониби таҳвилгарони хизматрасониҳои ғайрибонкӣ пешниҳод шаванд | 2024-2026 | БМТ, ВМҶТ | Шарикони рушд |
| | 4 | Таҳияи бастаи чораҳои ҳавасмандгардонӣ барои шабакаҳои дастрасии хизматрасониҳои молиявии рақамӣ | 2022-2024 | ВМҶТ, ВРИС, КАҲҶТ, ХГҲҶТ | Шарикони рушд |
| | 5 | Таҳлил намудани фарогирии минтақавии нуқтаҳои дастрасии физикӣ ва таъмини ҳузури баробар | 2022-2024 | БМТ | Шарикони рушд |
| | 6 | Ба роҳ мондани ҳисоботдиҳии мунтазам ба ХБА дар асоси маълумот оид ба нуқтаҳои дастрасии физикӣ | 2022-2023 | БМТ | Шарикони рушд |
| | 7 | Барои бартараф кардани камбудиҳо дар самти дастрасии бахши хусусӣ ба хизматрасониҳои молиявии рақамӣ ҷиҳати ошкор намудани камбудиҳо дар самти пешбурди молияи рақамӣ, | 2022-2023 | БМТ, ВАҶТ | Шарикони рушд |

| | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| | | гузаронидани барӯйхатгирии санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва низомномаҳо зарур аст | | | |
| | 8 | Таҳия намудани қоидаҳои мушаххаскунии фосилавӣ ва мушаххаскунӣ аз ҷониби тарафи сеюм (барои кушодани суратҳисоб ва хизматрасониҳои дигар), талаботи ягона ба устувории молиявӣ ва ҳолатҳои зиддикоррупсионӣ | 2022-2023 | БМТ | Шарикони рушд |
| | 9 | Ворид кардани тағйиру иловаҳо ба қонунгузорӣ дар бораи имзои электронӣ | 2022 | ВСҶТ, БМТ | Шарикони рушд |
| | 10 | Таҳия намудани заминаи ҳуқуқӣ барои ҷорӣ намудани механизми бонкдории кушода (Open Banking) тавассути интерфейси кушодаи барномавӣ | 2022-2023 | БМТ | Шарикони рушд |
| | 11 | Таҳияи қоидаҳо барои таъмини ҳамгироии мутақобилаи кортҳои пардохтии бонкӣ, ҳамёнҳои электронӣ ва истифодаи QR-рамзи ягона | 2022-2023 | БМТ | Шарикони рушд |
| | 12 | Суръат бахшидани истифодаи амалии «Реҷаи махсуси танзим» | 2022-2023 | БМТ | Шарикони рушд |
| | 13 | Таҳияи заминаи меъёрию ҳуқуқӣ ва инфрасохтор барои бартараф кардани норасоиҳои ҷиддӣ дар сармоягузорӣ ба воситаи ҷалби сармояи хавфдошта барои дастгирии фишангҳои инноватсионӣ ва иштирокдорони бахши молиявӣ | 2022-2023 | КДСИАД, ВРИС, БМТ, ВМҶТ, ВАҶТ, КАҲҶТ | Шарикони рушд |
| | 14 | Мусоидат ба таъмини ҳамкории якҷояи воситаҳои электронии пардохтӣ (масалан, кортҳои пардохтии бонкӣ ва ҳамёнҳои электронӣ), терминалҳо, банкоматҳо ва агентҳои бонкии пардохтӣ | 2022-2023 | БМТ, АБТ, АТМХТ, ТҚМ, ХАҲҶТ, ОШАМ | Шарикони рушд |
| | 15 | Татбиқи низоми пардохти босуръат барои таъмини ҳамкории таҳвилгарони хизматрасониҳои пардохтӣ ҳангоми интиқоли фаврии маблағҳои пулӣ (P2P), аз ҷумла маблағҳои электронӣ | 2022-2024 | БМТ, АБТ, АТМХТ, ТҚМ | Шарикони рушд |
| | 16 | Таъмини ҳамгироии низомҳои қабули пардохт ба низомҳои пардохтии мутамарказ (корти миллӣ) ва низоми пардохтҳои босуръат | 2022-2024 | БМТ, БДАҶТ «Амонат- | Шарикони рушд |

| | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| | | | | бонк» ва ТҚМ дигар | |
| | 17 | Таъмини пайвастшавии тиҷорати электронӣ ба низомҳои пардохтии мутамарказ | 2022-2024 | ТҚМ | Шарикони рушд |
| | 18 | Таъсиси гурӯҳи корӣ бо ҷалби васеи тарафҳои манфиатдор барои муҳокима ва таҳияи як қатор чораҳои маҷмуӣ оид ба ҳалли масъалаҳои инфрасохтори алоқа, аз ҷумла:<br>- таъмини шароити баробар барои ширкатҳои интернетӣ – ҳалли мушкилоти инҳисори давлатӣ бо мақсади кам кардани хароҷот ва баланд бардоштани сифат;<br>- беҳтар кардани имкониятҳои техникии интернет-провайдерҳо;<br>- дастгирӣ аз ҷониби ВАО;<br>-таҳияи барномаҳои омӯзиши мутахассисони технологияҳои иттилоотӣ | 2022-2023 | ХАҲҶТ, КТР, ШМБФС, ХЗҲҶТ | Шарикони рушд |
| 2. Гуногун-шаклии маҳсулоти молиявӣ | 19 | Омӯхтани имконияти таъсиси низоми ҳисобкунии шумораи истифодабарандагони нодири хизматрасониҳои молиявӣ (бо тақсимоти дахлдори маълумот аз рӯйи ҷинс, синну сол, шаҳр / деҳот ва ғайра):<br>- гузаронидани таҳлили таҷрибаи кишварҳои дигар ва арзёбии талаботи техникӣ ва дигар талаботҳо;<br>- омӯхтани иқтидори ТҚМ барои пешбурди махзанҳои дахлдори маълумот ва таҳияи ҳисоботҳо оид ба истифодабарандагони нодир;<br>- омӯхтани имконияти таъсиси махзани нави маълумот барои пайгирии шумораи истифодабарандагони нодир;<br>- таҳияи тағйиру иловаҳо ба санадҳои дахлдор барои таъмини пешниҳоди маълумот;<br>- омӯхтани имкониятҳои функсионалии ТҚМ дар масъалаи пайгирии истифодабарандагони нодир | 2022-2023 | БМТ | Шарикони рушд |
| | 20 | Таъсиси гурӯҳи кории байниидоравӣ барои таҳия, ҳамоҳангсозӣ ва пешбурди қонунгузории нав оид ба маҳсулот ва хизматрасониҳои молиявӣ | 2022-2023 | БМТ | Шарикони рушд |

| | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| | 21 | Тақвияти минбаъдаи чораҳои ҳавасмандкунӣ ҷиҳати пайванди маблағҳои интиқолӣ бо суратҳисобҳо ва дигар хизматрасониҳои молиявӣ (аз қабили пасандозҳо ва қарз) | 2022-2023 | БМТ, ТҚМ | Шарикони рушд |
| | 22 | Пайвасткунии ҳамёнҳои электронӣ ба суратҳисоби бонкӣ | 2022-2023 | БМТ, ТҚМ | Шарикони рушд |
| | 23 | Рақамикунонии ҳатмии ҳамаи пардохтҳо ва боҷҳои давлатӣ (G2P ва P2G) бо истифодаи низоми пардохтҳои босуръат (IFT) | 2022-2023 | ВМ ҶТ, КАХҶТ, БМТ | Шарикони рушд |
| | 24 | Гуногунсозии ТХМ, ки хизматрасониҳои P2G пешниҳод мекунанд (масалан, пардохти хизматрасониҳои давлатӣ, андозҳо ва ғайра) | 2023-2024 | БМТ, ВМҶТ, ВРИС, КАҲҶТ | Шарикони рушд |
| | 25 | Омӯхтани таҷрибаи пешқадам ва имконияти бозор барои пешниҳоди «бастаи маҳсулот» | 2022-2023 | АБТ, АТМХТ ТҚМ | Шарикони рушд |
| | 26 | Васеъ кардани функсияҳои кортҳои дебетӣ барои истифода дар дохил ва хориҷи кишвар, шабакаи интернет ва ғайра | 2022-2023 | БМТ, ТҚМ | Шарикони рушд |
| | 27 | Фароҳам овардани заминаи зарурӣ барои аз ҷониби ТҚМ ҷорӣ намудани кортҳои кредитӣ дар муомилот | 2022-2026 | БМТ, ТҚМ | Шарикони рушд |
| | 28 | Мунтазам таҳлил намудани мушкилоти истифода ва ҷалби таваҷҷуҳ ба фарогирии гурӯҳҳое, ки ба таври дилхоҳ хизматрасонӣ пешниҳод намекунанд | 2022-2026 | БМТ | Шарикони рушд |
| | 29 | Гузаронидани арзёбии талабот ба гуногунии маҳсулоти молиявӣ ва таҳияи тавсияҳо оид ба рушди онҳо | 2022-2022 | БМТ | Шарикони рушд |
| | 30 | Таъсиси Академияи бонкӣ барои рушди иқтидори кормандони низоми молиявию бонкӣ ва суғурта, магистрҳо, баланд бардоштани сатҳи ихтисоси кормандон ва ғайра | 2022-2026 | БМТ | Шарикони рушд |
| | 31 | Гузаронидани ташхиси санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ оид ба суғурта барои муайян ва бартараф кардани камбудиҳо ва ҳамчунин ворид кардани тағйиру иловаҳо ба санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ тибқи стандартҳои байналмилалӣ | 2022-2022 | БМТ | Шарикони рушд |
| | 32 | Таҳия ва мувофиқа намудани санадҳои дахлдор оид ба суғурта, аз ҷумла: | 2022-2026 | БМТ, ВМҶТ, АМТСТ | Шарикони рушд |

| | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| | | - бартараф кардани инҳисор дар бахши суғурта;<br>-таҳияи санадҳои дахлдоре, ки гуногунии маҳсулотро таъмин мекунанд (масалан, суғуртаи маҳсулот ва хизматрасониҳои бонкӣ, суғуртаи исломӣ ва ғайра) | | | |
| | 33 | Афзун намудани иқтидори ташкилотҳои суғуртавӣ:<br>-таҳияи барномаҳо ва усулҳои такмили ихтисоси кормандон (масалан, «омӯзиши дугона»);<br>-тайёр намудани мутахассисони касбӣ дар бахши суғурта (актуарийҳо ва сюрвейерҳо, адҷастерҳо ва ғайра);<br>- азнавсозии таъминоти барномавӣ ва таҷҳизот | 2022-2026 | АМТСТ, ВМИҶТ | Шарикони рушд |
| | 34 | Васеъ кардани доираи хизматрасониҳо:<br>- таҳияи «бастаи хизматрасониҳо» ва барномаҳои инфиродӣ барои муштариён;<br>- суғуртакунии маҳсулот ва хизматрасониҳои бонкӣ (масалан, суғуртаи ҳаёт);<br>- ҷорӣ намудани маҳсулоти суғуртаи рақамӣ;<br>- ҷорӣ намудани маҳсулоти суғуртавии «Такофул» аз рӯйи принсипи маблағгузории исломӣ;<br>- таҳия намудани маводи таълимию иттилоотӣ барои аҳолӣ | 2022-2026 | АМТСТ, бахши хусусӣ | Шарикони рушд |
| | 35 | Таҳияи нақшаи таҳқиқот ва гузаронидани таҳқиқоти мушаххас оид ба суғурта (масалан, талабот ва афзалиятҳои муштариён, омӯхтани татбиқи таҷрибаи кишварҳои пешрафта дар самти диверсификатсияи маҳсулоти суғурта, аз ҷумла ҷорӣ кардани маҳсулоти «Такофул» ва ғайра) | 2022-2026 | БМТ, АМТСТ | Шарикони рушд |
| | 36 | Такмили санадҳои дахлдор оид ба маҳсулоти молиявии алоҳида (лизинг, ипотека, азнавмаблағгузорӣ ва ғайра) | 2022-2026 | БМТ, ВМҶТ, КА, ВРИС ва АО | Шарикони рушд |
| | 37 | Васеъ кардани сарчашмаҳои маълумот барои Бюрои таърихи қарз, ки барои беҳтар намудани мубодилаи маълумоти қарзӣ зарур аст (ҷиҳати ворид кардани маҷмуи васеи ӯҳдадориҳои пардохтӣ) ва такмили заминаи меъёрии ҳуқуқии он | 2022-2023 | БМТ, БТҚҶТ, ВАҶТ, ХАҲҶТ, КАҲҶТ | Шарикони рушд |

| | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| | 38 | Васеъ кардани маҷмуи маҳсулоти Бюрои таърихи қарз барои осон кардани қарздиҳӣ ба СХМ (масалан, рейтинги қарзӣ ва ғайра) | 2022-2023 | БТҚ ҶТ | Шарикони рушд |
| | 39 | Ворид кардани тағйиру иловаҳо ба талабот нисбати захира ва фонди пӯшонидани талафоти имконпазир аз рӯи дороиҳо барои ТХМ, бо мақсади ҳавасманд кардани қарздиҳии бо гарав таъминшуда (аз ҷумла, қарздиҳӣ дар асоси таҳлили гардиши маблағҳои пулӣ ва истифодаи амволи манқул), ҳамчунин истифодаи феҳристи гаравҳо | 2022-2023 | БМТ | Шарикони рушд |
| | 40 | Инкишоф додан ва дар оянда татбиқ намудани низоми қарздиҳии таъминшуда, аз ҷумла қарздиҳӣ дар асоси таҳлили гардиши маблағҳои пулӣ барои ССХМ:<br>- таҳия кардани маҳсулоти муҳим;<br>- афзоиши иқтидори ТХМ | 2022-2026 | ТҚМ | Шарикони рушд |
| | 41 | Гузаронидани ислоҳоти институсионалӣ барои мукаммалсозии феҳристи гаравҳо ҷиҳати дар оянда зиёд кардани истифодабарии он бо мақсади қарздиҳӣ ба ССХМ | 2022-2026 | БМТ<br>ВАҶТ | Шарикони рушд |
| | 42 | Мусоидат ба анҷом додани аҳдҳое, ки бо амволи манқул таъмин карда шудаанд | 2022-2023 | БМТ | Шарикони рушд |
| | 43 | Таҳияи консепсияи дастгирии бахши молиявӣ дар доираи барномаҳои дастгирии давлатии ССХМ бо муайян кардани нақши бонкҳои давлатӣ | 2023-2026 | КДСИАД ВМ, ВРИС, бонкҳои давлатӣ, ССХМ | Шарикони рушд |
| | 44 | Таҳияи консепсия оид ба механизмҳои амалисозӣ ва ислоҳот дар сатҳҳои танзимкунанда ва институсионалӣ ҷиҳати зиёд кардани имкониятҳои механизмҳои кафолатҳои қарзҳо ва механизмҳои дигари тақсими хавфҳо | 2022-2023 | БМТ, ВМҶТ, ВРИС ва КДСИАД | Шарикони рушд |
| | 45 | Ҳамчун тадбирҳои зидди COVID-19 мунтазам пешниҳод намудани тавзеҳу тасҳеҳи қоидаҳо ва ҳаққи хизматрасонӣ барои транзаксияҳо ва таҳияи маҳсулоти қарздиҳии инфиродӣ ҷиҳати бартараф кардани касри пардохтпазирӣ ва мушкилоти дигаре, ки бар асари пандемия ССХМ бо онҳо дучор мешаванд | 2022-2023 | ВМҶТ, БМТ, ТҚМ | Шарикони рушд |

| | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| | 46 | Таҳкими минбаъдаи заминаи меъёрии ҳуқуқии принсипҳои маблаггузории исломӣ | 2022-2024 | БМТ, ВМҶТ | Шарикони рушд |
| | 47 | Афзоиши иқтидор барои пешниҳоди маҳсулоти маблағгузории исломӣ:<br>- таҳияи барномаҳои таълимӣ барои ТХМ;<br>- таъсиси Маркази таълимӣ оид ба маблағгузории исломӣ (шакли дақиқи он баъдтар муайян карда мешавад, эҳтимол он яке аз қисматҳои Академияи бонкӣ гардад);<br>- «омӯзиши дугона»;<br>- васеъ намудани пешниҳоди маҳсулоти маблағгузории исломӣ | 2022-2026 | БМТ, ТҚМ | Шарикони рушд |
| | 48 | Гузаронидани таҳқиқоти талаботи бозор ба маҳсулот тибқи принсипҳои маблағгузории исломӣ | 2022-2026 | БМТ, АО | Шарикони рушд |
| 3. Ҳимояи ҳуқуқҳои истеъмол-кунанда-гони хизматра-сониҳои молиявӣ | 49 | Таҳия намудани санадҳои меъёрии маҷмуӣ ва ба хавф асосёфта, ки ҳимояи ҳуқуқҳои истеъмолкунандагони хизматрасониҳои молиявиро таъмин менамоянд | 2022-2023 | БМТ | Шарикони рушд |
| | 50 | Ҳамгироӣ намудани талабот ба ҳисоботдиҳӣ барои ҳимояи ҳуқуқҳои истеъмолкунандагон бо ҳисоботи умумии ТХМ ба мақоми танзимкунанда | 2022-2023 | БМТ | Шарикони рушд |
| | 51 | Таҳияи воситаҳои зарурии танзим ҷиҳати таъмини низоми боэътимоди назорат аз болои рафтори бозор, аз ҷумла тавсияҳо оид ба назорати фосилавӣ ва санҷиш дар ҷойҳо (онсайт ва оффсайт) | 2022-2023 | БМТ | Шарикони рушд |
| | 52 | Омода намудан ва гузаронидани силсилаи машғулиятҳо барои кормандоне, ки аз болои риояи ҳуқуқҳои истеъмолкунандагон назорат мебаранд | 2022-2023 | БМТ | Шарикони рушд |
| | 53 | Татбиқ намудани талаботи фарогир ҷиҳати ифшои иттилоот барои ТХМ, аз ҷумла дархостҳои стандартӣ бо далелҳои асосӣ барои маҳсулоти чаканаи нисбатан машҳур | 2022-2023 | БМТ | Шарикони рушд |
| | 54 | Дохил намудани талаботи иловагӣ ва муқоисашавандаи умумӣ оид ба шаффофият барои ТХМ | 2022-2024 | БМТ | Шарикони рушд |
| | 55 | Таҳия намудани саҳифаи интернетӣ (вэб-сайт)-и мутамарказ барои муқоисаи нархҳо/пешниҳодҳо | 2022-2023 | Бахши хусусӣ | Шарикони рушд |

| | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| | 56 | Татбиқи талаботи меъёрии умумӣ нисбат ба муносибати одилона ва баробар ва пешбурди фаъолияти касбии ТХМ:<br>- шартҳои ноодилона;<br>- таҷрибаи бастабандӣ/гурӯҳбандии маҳсулот ва иҷборан бор кардани маҳсулот ё хизматрасонии муайян;<br>- сиёсат ва расмиёти фурӯш;<br>- қобили қабул будани маҳсулот (мутобиқ ба талаботи муштариён);<br>-имконияти интихоб вобаста ба намудҳои муайяни маҳсулоти молиявӣ;<br>- поквиҷдонӣ ва босалоҳиятии кормандони дахлдор ва шахсони сеюм, ки аз номи ТХМ амал менамоянд, аз ҷумла нуқтаҳои фурӯш;<br>- мавҷуд будани таҷрибаи ситонидани қарзҳо | 2022-2026 | БМТ | Шарикони рушд |
| | 57 | Таҳияи Кодекси ягонаи намунавии соҳавии одоби касбӣ барои ТҚМ ва ТС | 2022-2026 | БМТ | Шарикони рушд |
| | 58 | Таҳкими низоми баррасии шикоятҳо аз ҷониби БМТ | 2022-2023 | БМТ | Шарикони рушд |
| | 59 | Ҷорӣ кардани талаботи иловагии ҳадди ақал барои баррасии шикоятҳо аз ҷониби ТХМ, аз ҷумла мавҷудияти шуъбаи баррасии шикоятҳо ва ҳалли баҳсҳо | 2022-2023 | БМТ | Шарикони рушд |
| | 60 | Муқаррар кардани талабот ба ҳисоботдиҳии ТХМ оид ба шикоятҳо | 2022-2023 | БМТ | Шарикони рушд |
| | 61 | Дарояндаи дарозмуҳлат омӯзиш ва гузаронидани тадқиқот барои таъсиси омбудсмени молиявӣ | 2023-2026 | БМТ | Шарикони рушд |
| | 62 | Беҳтар намудани ҳамоҳангсозӣ ва ҳамкорӣ дар байни бахшҳои молиявӣ ва мақомоти давлатӣ, инчунин байни таҳвилгарони давлатӣ ва хусусии хизматрасониҳои саводнокии молиявӣ:<br>- таҳияи қоидаҳо барои ҳамоҳангсозӣ;<br>- мунтазам гузаронидани вохӯриҳои ҳамоҳангсозӣ | 2022-2022 | БМТ | Шарикони рушд |
| | 63 | Таҳияи стратегияи саводнокии молиявӣ | 2022 | БМТ | Шарикони рушд |

| | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| 4. Саводнокии молиявӣ | 64 | Гузаронидани таҳқиқоти талабот оид ба саводнокии молиявии гурӯҳҳои мухталифи аҳолӣ ва муайян кардани гурӯҳҳои афзалиятнок | 2022 | БМТ | Шарикони рушд |
| | 65 | Гузаронидани таҳқиқот оид ба таъсири хусусиятҳои фарҳангӣ ва мафкуравӣ | 2022 | БМТ | Шарикони рушд |
| | 66 | Дар асоси таҳқиқот ва стратегияи дар боло зикршуда, таҳия намудани барномаҳо барои фарогирии бахшҳои мақсаднок (аз қабили занҳо, ҷавонон, аҳолии дорои сатҳи пасти даромад, муҳоҷирон, СХМ ва ғайра), ки бахшҳои зеринро дар бар мегиранд:<br>- баланд бардоштани сатҳи огоҳӣ ва маълумот дар бораи маҳсулот ва хизматрасониҳои гуногун (ХМР, суғурта, маблағгузории исломӣ), ҳимояи ҳуқуқҳои истеъмолкунандагони хизматрасониҳои молиявӣ, таърихи қарзӣ, феҳристи гарав, механизмҳои баррасии шикоятҳо ва ҳалли баҳсҳо, амал ва тавсияҳо барои ҳолатҳои фавқулода ва бухронҳо;<br>- саводнокии рақамӣ;<br>- бартарияти истифодаи хизматрасониҳои рақамӣ ва малакаҳои истифодабарӣ;<br>- мусоидат ба ташаккули рафтори молиявию маърифатӣ (тартиб додани буҷет, пасандозҳо, малакаҳои меҳнатӣ ва ғайра) | 2022-2026 | БМТ | Шарикони рушд |
| | 67 | Ҷорӣ кардани барномаҳои маърифати молиявӣ дар муассисаҳои таҳсилоти умумӣ | 2022-2026 | ВМИҶТ, БМТ | Шарикони рушд |

* 4 ноябри соли 2021 ҳангоми муҳокимаи Нақшаи чорабиниҳои амалисозии СМФМ аз ҷониби шарикони рушд барои дастгирӣ дар иҷрои чорабиниҳои Стратегия таваҷҷуҳ зоҳир карда шуд.

# Рӯйхати ихтисорот

| | |
|---|---|
| АБТ | Ассотсиатсияи бонкҳои Тоҷикистон |
| АМТСТ | Ассотсиатсияи миллии ташкилотҳои суғуртаи Тоҷикистон |
| АО | Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон |
| АТМХТ | Ассотсиатсияи ташкилотҳои маблағгузории хурди Тоҷикистон |
| API | Интерфейс барои таҳияи барномаҳо |
| ACH | Низоми ҳисоббаробаркунии клирингӣ |
| БАТР | Бонки Аврупоии Таҷдид ва Рушд |
| БМТ | Бонки миллии Тоҷикистон |
| БТҚҶТ | Бюрои таърихи қарзии Ҷумҳурии Тоҷикистон |
| ВАҶТ | Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон |
| ВМҶТ | Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон |
| ВМИҶТ | Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон |
| ВРИС | Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон |
| ВСҶТ | Вазорати саноат ва технологияҳои нави Ҷумҳурии Тоҷикистон |
| ВТҲИҶТ | Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон |
| ГБҶ | Гурӯҳи Бонки Ҷаҳонӣ |
| ГК | Гурӯҳи корӣ |
| ДИПҶТ | Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон |
| КДИШ | Котиботи давлатӣ оид ба масъалаҳои иқтисодии Швейтсария |
| G2P | Амалиётҳо аз давлат ба шахси воқеӣ |
| GSMA | Созмони мобилии «Group Speciale» |
| P2G | Амалиётҳо аз шахсони воқеӣ ба давлат |
| P2P | Амалиётҳо байни шахсони воқеӣ |
| RTGS | Ҳисоббаробаркуниҳои маҷмӯи дар реҷаи вақти воқей |
| КБМ | Корпоратсияи Байналмилалии Молиявӣ |
| КАҲҶТ | Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон |
| КДСИАД | Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идоракунии амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон |
| КТР | Кумитаи телевизион ва радиои назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон |
| ММД | Маҷмуи маҳсулоти дохилӣ |
| ММПИМ | Маркази миллии протсессингии интиқоли маблағҳо |
| НКСФ | Нишондиҳандаҳои калидии самаранокии фаъолият |
| НСХ | Нуқтаҳои савдо ва хизматрасонӣ |
| СБМ | Созмони байналмилалии муҳоҷират |
| СМФМ | Стратегияи миллии фарогирии молиявӣ |

| | |
|---|---|
| ОШАМ | Операторҳои шабакаи алоқаи мобилӣ |
| СҲИР | Созмони Ҳамкорӣ ва Рушди Иқтисодӣ |
| СХМ | Соҳибкории хурд ва миёна |
| ССХМ | Субъектҳои соҳибкории хурд ва миёна |
| ТМХ | Ташкилотҳои маблағгузории хурд |
| ТҚМ | Ташкилотҳои қарзии молиявӣ |
| ТХМ | Таҳвилгари хизматрасониҳои молиявӣ |
| ТС | Ташкилотҳои суғуртавӣ |
| ХБА | Хазинаи Байналмилалии Асъор |
| ХАҲҶТ | Хадамоти алоқаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон |
| ХЗҲҶТ | Хадамоти зиддиинҳисории назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон |
| ХГ | Хадамоти гумруки назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон |
| ХМР | Хизматрасониҳои молиявии рақамӣ |
| ХСПШВ | Хазинаи суғуртаи пасандозҳои шахсони воқеӣ |
| ҲҲИХМ | Ҳимояи ҳуқуқҳои истеъмолкунандагони хизматрасониҳои молиявӣ |
| ШМБФС | Шӯрои машваратӣ оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон |
| ФДС | Фонди дастгирии соҳибкорӣ |
| ФХАМБО | Фонди хазинаи амонатӣ ва муносибатҳои байналмилалии Олмон (Sparkassen) |
| ҲРУ | Ҳадафҳои рушди устувор |